**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД: 37.01:373+378 (575.3)**
**ТКБ: 74.200+74.200.56+74.58 (2 тоҷик)**
**Д – 47**

**ДАВЛАТБЕКЗОДА ВАЙСИДДИН ДАВЛАТБЕК**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ҲАМКОРИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ))**

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**БОХТАР - 2024**

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....3

БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ САМАРАНОКИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ БО ВОЛИДОНИ ТАРБИЯТГИРАНДАГОН.....16

1.1. Моҳияти масъалаи ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо волидони тарбиятгирандагон ҳамчун падидаи илмӣ.....16

1.2. Рушди ҳамкорӣ ва муносибатҳои мусоиди МТТ ва падару модар дар ин раванд.....37

1.3. Таҳлили афкори педагогии муосир доир ба масъалаи ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ, оила ва меъёрҳои сифати идоракунии онҳо.....59

Хулосаи боби якум.....92

БОБИ 2. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ - ОЗМОИШӢ ОИД БА РУШДИ ҲАМКОРИИ ПЕДАГОГИИ МТТ БО ОИЛАИ ТАРБИЯТГИРАНДАГОН.....94

2.1. Муқарраркунии дараҷаи сифати ҳамкориҳои педагогӣ байни МТТ ва оилаи тарбиятгирандагони МТТ.....94

2.2. Шароитҳои педагогии баланд бардоштани сатҳи сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаҳои тарбиятгирандагон.....115

2.3. Баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои кори озмоишию таҷрибавӣ доир ба инкишофи ҳамкориҳои педагогии МТТ бо оилаи тарбиягирандагони МТТ.....137

Хулосаи боби дуюм.....147

ХУЛОСАИ УМУМӢ.....150

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.....152

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....154

ЗАМИМАҲО.....173

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Яке аз масоили муҳими МТТ ҳифзу рушди саломатии психологӣ ва ҷисмонии хонандагон, мусоидат намудан ба рушди интелектуалӣ ва эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мебошад. Иҷрои бомуваффақияти ин кори масъулиятнок бе иштироки оила имконнопазир аст, зеро волидайн аз лаҳзаи ба дунё омадани фарзанд аввалин тарбиятгари ӯ маҳсуб мешаванд.

Пойгоҳи ҳуқуқӣ ва меъёрии кори муштараки МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон ба сифати ҷараён ва муҳимтарин тамоюл дар якчанд қонун аз ҷумла Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" (2013), Қонуни ҶТ "Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ" (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (2011), "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2006) ва монанди инҳо қайд гардидааст.

Воқеан, омили тавонотарин дар тарбияи фарзанд оила мебошад. Он ба хусусиятҳои инфиродии ҳар як тарбиятгиранда новобаста ба синну солашон таъсир мерасонад. Тамоми педагогҳо ӯҳдадоранд, ки ба падару модар дар тарбия намудани фарзандонашон ёрӣ диҳанд. Бинобар ин ҳоло муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо падару модарони тарбиятгирандагон мунтазам ҳамкорӣ мекунанд ва айни замон ин яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти ҷомеа гардидааст. Ҳуҷҷатҳои расмии қабулшуда, аз қабили "Эъломияи ҳуқуқи кӯдак", "Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак", "Эъломияи умумии ҷаҳонӣ оид ба таъмини зиндамонӣ, ҳифз ва рушди кӯдакон", ҳамчунин Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти рушд ва таълими пешакии тарбиягирандагон аз тавлид то синни 7 - солагӣ, барномаи таълиму тарбия ва методӣ дар доираи МТТ муносибати байни кӯдакон, падару модарон, мураббиён ва ҷамъиятро ба танзим медароранд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки тағйироти дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бавуҷудоянда бояд сифати тарбияи томактабиро баланд бардоранд. Аммо баландшавии сифати тарбияи томактабӣ аз сатҳи ҳамкориҳое, ки байни падару модарони кӯдак ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба миён меояд, вобастагии калон дорад. Муваффақият ба воситаи дутарафа ҳамкорӣ кардани падару модари тарбиятгиранда ва муассисаи таҳсилоти томактабӣ зимни мавҷуд будани мақсадҳои муштарак, вазоифи муштараки тарбиявӣ, барномаҳои ҳамгирои тарбиявӣ, таълимӣ барои рушди тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ғайра ба даст оварда мешавад.

**Дараҷаи омӯзиш ва коркарди мавзуи илмӣ**. Масъалаҳои марбут ба тарбия ва маърифати кӯдакону наврасон аз давраҳои бостонӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон, файласуфон ва тамоми мутафаккиронро ба худ ҷалб карда буданд. Тарбия асосан ҷараёни ҳадафмандонаи муназзам ва мантиқан пайгиронаи ташаккул ва таҳаввули ҷисмонию ақлонии кӯдаконро ифода намуда, инчунин сатҳи сифат ва бароҳандозии раванди ҳамкории фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидонро ба танзим медарорад.

Доир ба масъалаи мазкур қисме аз классикони форсу тоҷик осори гаронарзише аз худ боқӣ гузоштаанд. Ақидаҳои педагогии Унсурулмаолии Кайковус, шайхурраис Абуалӣ Ибни Сино, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Саъдии Шерозӣ, Насриддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммад Ҳусайн Толиби Пурӣ, Аҳмади Дониш ва амсоли инҳо дар тарбияи насли наврас ҳамчун манбаи боэътимоди назарӣ эътироф шудаанд ва дар шароити кунунӣ аҳамияти воқеии худро нигоҳ медоранд.

Ин мавзуъ дар ҷомеа ва давлатдорӣ муҳим арзёбӣ мешавад, ки ҳанӯз 1-уми декабри соли 1900 дар Бухоро таҳти унвони “Тарбияи атфол” маҳфилу ҷамъияте ташкил ёфта буд, ки муассисони он Муҳимуддинбек, Абдулазиз Содиқи Ашур, Садриддин Айнӣ ва чанде дигарон буданд.

Қобили зикр аст, ки дар ҷодаи рушди ҳамкории омӯзгорон ва падару модарон дар тарбияи фарзандон файласуфон, мутафаккирон ва педагогҳои гузашта (Е.Ф. Аркин, П.П. Блонский, В.И. Завиязинский, Я.А. Коменский, Л.И. Красногоркий, Н.К. Крупская, А.С. Макаренко, П.П. Лесгафт, Орифӣ, А. Симонович, В.А. Сухомлинский, К.Д. Ушинский, Е.А. Флерина, С.Т. Шатский, Ф. Энгелс, К.Н. Ярош) саҳми бузург гузоштаанд.

Муҳиммият ва зарурияти масъалаи мазкур дар таҳқиқи муҳаққиқони муосир И. Арабов, Б. Маҷидова, Т.В. Глушкова, О.И. Давидов, Т.А. Данилина, Н.В. Додокин, О.Л. Зверeева, Е.С. Авдокимова, М.И. Иззатова, Е.А. Кудрявсева, А.А. Майер, Ш.Ш. Мирзиёева, Н. Платохин, Д.М. Полиева, Н.А. Селезнёва, О. Сафонова, Г.С. Ҷалолова, Р.М. Чумичева, С.Б. Шишова ва дигарон низ инъикос ёфтааст.

Барои рушд ва таҳаввули минбаъдаи ҷараёни шаклгирии идоракунии сифати мутақобила дар корҳои таҳқиқотии солҳои охири О.А. Качаров, В.Ю. Комаров, Н.В. Маклаев, Л. Содиқов, инчунин низоми баҳодиҳӣ тавассути меъёрҳо аз тарафи муҳаққиқон Е. Арнаутов, А.И. Захарова, М.Д. Матюшкина, Е.К. Никитика, В.П. Сергеев, Т.Н. Шербаков ва дигарон диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои мухталифи идоракунӣ ҳамчун фаъолияти мутақобилаи педагогӣ байни одамони синну сол ва касбу кори гуногун таваҷҷуҳи олимони соҳаи фалсафа (Ш. Бердиев, Б.Е. Шомуродов), фарҳангшиносӣ (С. Латипов, С. Сулаймонӣ, Р. Иззатуллоев), психологияи иҷтимоӣ (М. Давлатов), педагогика (Х. Раҳимзода, Б. Маҷидова, А. Нуров, Л.М. Иматзода) ва дигарон сифати идоракунӣ ҳамчун масъалаи муҳими педагогӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ин замина дар илми педагогика масъалаи идоракунии сифати ҳамкории байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо нисбат ба таҳсилоти умумӣ ва олӣ камтар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, гарчанде ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ ва тақвимӣ осори олимони

варзидаи тоҷик М.Орифӣ, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Б.М. Қодиров, Х. Раҳимзода, Маҷидова, А. Мирализода, А. Нуров, Л.М. Иматзода, Х.М. Сабурӣ, М.И.Иззатова, Н.М.Юнусова, Л.М.Тоҷибоева, М.И.Обидова, Ш.П.Котибова, Г.А.Қурбонова, З.Ш.Қурбонова, С.С.Бобохонова, М.Ҳ.Акрамова ва дигарон ишораҳо ҷой доранд.

Бо вуҷуди ин шакл ва усулҳои ҳамкориҳо бо падару модари тарбиятгирандаи синнусоли томактабӣ, ки тавассути илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, хусусияти бонизомии фаъолияти мавҷуда ва равиянокии онро ба ҷаҳони ниҳоии таълиму тарбия - ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа инъикос намекунад. Дар ағлаби амсилаву намунаҳо ташкили раванди мутақобилаи роҳбарии босифат кам ба чашм мерасад. Ба таври кофӣ мавҷуд набудани меъёрҳои сифати ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва падару модарон низ дида мешавад.

Таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо дар соҳаи илмҳои фалсафӣ, педагогӣ ва психологӣ нишон дода мешавад. Аммо ҳамзамон, ихтилофоти зерин низ мушоҳида мегардад:

- ихтилофот байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки кори ҷараёни таълиму тарбияро татбиқ менамоянд, бо оила, ки чун ячейкаи ҷамъият пазируфта шудааст. Дар ин ҷода донишҳои педагогии падару модарон нокофист;
- талабот ба тарбиятдиҳандагон, салоҳиятнокии воқеии онҳо ва ба таври кофӣ набудани коркардҳои илмии шароитҳои педагогӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои томактабию волидон дар раванди педагогӣ;
- ихтилофот байни хоҳишу дархости падару модарон ва талаботи стандарти давлатӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки мутобиқкунии шароит ва омодасозии тарбиятгирандагонро ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мефаҳмонад ва ҳамзамон ба таври

кофӣ омода набудани омӯзгорон ва падару модаронро баҳри ҳамкории мутақобила нишон медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур бо нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” барои солҳои 2020-2024 робитаи бевосита дошта, бо мақсади мусоидат дар амалисозии Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023-и Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 коркард шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** ошкорсозӣ ва асосноккунии назариявӣ ва дар озмоиш мавриди санҷиш қарор додани шароит барои идора намудани ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои расидан ба ҳадафи кори таҳқиқотӣ чунин вазифаҳо гузошта шуд:

1. Кушодани моҳият, мазмуну муҳтаво ва сохтори сифати идоракунии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо зимни фаъолияти мутақобилаи онҳо.
2. Коркард ва озмоиши амсилаи ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо.
3. Таҳияи меъёрҳо ва муайян кардани сатҳу дараҷаи сифати ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо.
4. Муқаррар намудан ва озмудани ин ё он шарти таълим, ки ба сарварӣ ва идора кардани сатҳи баланди кории якҷояи МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон имкон медиҳад.

**Объекти таҳқиқот:** раванди рушди ҳамкории мутақобилаи муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила.

**Фарзияи таҳқиқот:** ҷараёни сифати ҳамкориҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо дар ҳолати зерин самаранок мегардад:

- асос, мазмун, мундариҷа ва сохти идора намудани ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо муайян гардад;
- самтҳои асосӣ ва шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаҳо муайян ва асоснок карда шавад;
- меъёрҳои ҳамкории педагогӣ таҳия ва баҳои воқеии сатҳи ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо аниқ таъмин карда шавад;
- мазмуни консепсияи "Идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо" дар ҷумҳурӣ аниқ ва амиқ карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот (2020-2023)**. Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳияи адабиёт вобаста ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқот дар се марҳила иҷро гардидааст:

**Марҳилаи якум (солҳои 2020-2021)** ба масъалаи таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ ва илмию методӣ доир ба масъалаҳои ҳамкории мутақобилаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила равона карда шудааст. Дар марҳилаи озмоиши муқарраркунанда кори муассисаҳои таълимии томктабӣ ва оила дар заминаи омодагӣ ба ҳамкории онҳо таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд. Заминаҳои назариявии ҳаллу фасли масъала муайян карда шуда, фарзияи корӣ ифода гардида, методҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2021-2022)** шароитҳои педагогии баланд бардоштани самарнокии сифати идоракунии ҳамкории муассисаҳои

таҳсилоти томактабӣ ва оила дар фаъолияти мутақобилаи онҳо ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда, дар ин асос санҷишҳои озмоишии педагогӣ гузаронида шуд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2023)** таҳқиқот бахри ба низом даровардан, хулосагирию ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, ташаккули хулосаҳо, таҳияи матн дар шакли рисолаи номзадӣ бахшида шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот:**

- Назарияи умумии низомҳои педагогӣ ва технологияҳо (В.П. Беспалков, В.И. Заевязинкий, М. Кларин, И.Я. Лернея, М. Лутфуллоев, Л.И. Пидкасистий, Г.К. Селевко ва дигарон);
- Асоси консептуалии ҳамкории фалсафӣ (М.Н. Недвеская, В.Э. Кемеров, Я. Одинаев, И.Т. Фролов, Б.С. Шомуродов);
- Консепсияи сотсиологии мутақобила (Л.Л. Буев, М.С. Каган, М.С. Комаров, Н.Ф. Родионов);
- Консепсияи психологии мафҳумҳои мутақобила (В.В. Бойко, Р.Л. Леонтев, Н.Н. Обозов, В.Р. Паричин);
- Паҳлуҳои таърихӣ - педагогии ҳамкорӣ (Э.Ф. Аркин, Л.Л. Блонский, В.И. Загвязинский, А.Я. Коменский, Л.И. Красногорская, Н.К. Крупская, П.Л. Лесгаф, А.С. Макаренко, Г. Песталотси, С.А. Флерина, С.Т. Шатский, К.Н. Ярош);
- Муқаррароти педагогӣ оид ба ҳамкории омӯзгор ва волидон (Б.Н. Кедров, Э.В. Коротаев, Б. Маҷидова, Л.М. Иматзода, Я.А. Пономарёв ва дар асарҳои доир ба тарбияи оилавӣ (П.Ф. Калтев, П.Ф. Лесгаф, А.Н. Островская, Н.И. Пирогов, Ф.Л. Ратнер);
- Консепсияи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо (Т.В. Глушкова, Т.А. Данилина, Т.Н. Доронова, О. Зверев, Т.В. Кротов, Г.С. Ҷалолова);
- Таҳқиқот дар бораи мафҳуми “Сифат” (А.А. Макаров, Н.Я. Селезнев);

- Таҳқиқоти назариявӣ ва ба амалия нигаронидашудаи корҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи идоракунии сифати ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ (Т.Д. Бахтеева, И.Г. Барсевич, В.Г. Калашников, М. Лутфуллозода, М.Д. Матюшкина, Л.Р. Содиқова, В.П. Симонов, А.И. Субетто, Б. Маҷидова, Х.М. М.И. Иззатова, Х.М. Сабурӣ, Л.М. Иматзода, Т.Н. Шербаков ва дигарон).

**Сарчашмаи маълумот.** Адабиёти илмӣ, педагогӣ - психологӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогӣ - психологӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, ақидаҳои олимони намоёни тоҷик, рус ва мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ - психологӣ оид ба ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила, асарҳои илмӣ - таҳқиқотии ба мавзуъ дахлдори муҳаққиқони муосири Тоҷикистон, Русия ва давлатҳои узви ИДМ, андешаҳои намояндагони соҳаи маориф дар маҷаллаҳои илмӣ - педагогӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ - публитсистӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ, маводи захираҳои интернетӣ, таҳқиқоти бунёдии олимони тоҷик ва ғайра, ки ба масъалаи мавриди таҳқиқи мо рабт доранд.

**Заминаҳои эмпирикӣ ва усулҳои таҳқиқот** мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои мавзуи таҳқиқот методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд:

- методҳои назариявӣ, муқоисавӣ - таърихӣ, таҳлили адабиёти педагогӣ ва илмию методӣ, ҳуҷҷатҳо доир ба масоили таҳсилот ва оила, санадҳои фаъоли меъёрию ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои вобаста ба ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ ва методи амсиласозӣ;

- методҳои эмпирикӣ, ки дар маҷмуъ, мавриди истифода қарор гирифтанд, шомили мавридҳои зерин мебошанд: муқоисаи педагогӣ, мушоҳида, пурсиш, анкетапаҳнкунӣ, суҳбат бо кӯдакон, мураббияҳо ва

волидон, роҳбарони муассисаҳои томактабӣ, озмоиши педагогӣ, методҳои омории математикӣ, ки ҳангоми коркарди маълумоти бадастоварда мавриди истифода қарор мегиранд.

**Пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот.** Дар озмоиш 156 нафар кӯдакони 5-7-солаи синни томактабӣ, аз ҷумлаи тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабии №1 “Бунафша”, №9 “Офтобак”-и шаҳри Бохтар, №1 “Офтобак”, №2 “Фирӯза”-и ноҳияи Ҷайҳун, №5 “Лола”-и ноҳияи Кӯшониён, 26 нафар кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва 86 нафар падару модарони кӯдакон иштирок карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз нуқтаҳои зерин бармеояд:

- аввалин маротиба дар улуми педагогикаи ватанӣ масъалаи идоракунии ҳамкории педагогии муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

- мафҳуми “Идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила” аниқ ва пурра карда шудааст;

- амсилаи ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, ки ба рушди ҳамаҷониба ва мутобиқсозии иҷтимоии кӯдак нигаронида шудааст, таҳия ва амалӣ гардидааст;

- шароитҳои педагогии роҳбарӣ, сифати ҳамкорӣ, шаклҳои ҷалби падару модарон ва шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкории муассисаҳои томактабӣ бо волидон муайян ва асоснок карда шудаанд;

- ғояҳои бунёдии назария ва амалияи ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ бо оила омӯхта шуда, заминаи зарурии назариявӣ оид ба проблемаҳои идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила асоснок карда шудааст;

- меъёрҳо ва сатҳу дараҷаи ҳамкории педагогӣ, ки боиси ба мақсад мувофиқ идора кардани сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои томактабӣ ва оила мегарданд, муайян ва асоснок карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мо зери мафҳуми сифати идоракунии ҳамкории педагогии мутақобилаи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаҳо такмилёбии самаранокии якчанд субъектҳоро, ки тавассути амалҳои мувофиқ ба натиҷаҳои ниҳоӣ ноил мешаванд, дар назар дорем. Ба ҳайси субъектҳои ҳамкории тарбиятдиҳандагон, падару модарон, кӯдакон ва маъмурияти муассиса дохил мешаванд, ки дорои фаъолияти назаррас буда, мақсади ниҳоии онҳо аз омода намудани кӯдакон ба мактаб ва мутобиқгардонӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ иборат мебошад.

2. Бо дарназардошти дарёфти асосҳои назариявию амалии таълим ва амсилаи омӯзгорӣ ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо чун комплекси даврaҳо: томутобиқшавӣ мутобиқшавӣ, корҳои методӣ ва ташкилии ба ҳам алоқаманд пешниҳод карда шуд.

3. Чун ин ё он шарти педагогии таълим баъзе ашколи сифату сатҳи идора кардани кори муштараки МТТ бо падару модарон (таҳлилӣ, таълимӣ - равшаннамоӣ, инноватсионӣ, ҳамкориҳо тавассути интернет, корҳои муштараки истироҳатӣ, шаклҳои ҷалби волидон дар идораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ) ворид карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- ғояҳои асосии назариявӣ ва амалии ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва оила омӯхта шуда, зарурияти пойгоҳи идоракунии сифати ҳамкории педагогии онҳо асоснок карда шудаанд;
- дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсифи васеи терминологӣ мазмуни мафҳумҳои “Сифат”, “Сифати таҳсилот”, “Сифати таҳсилоти томактабӣ”, “Ҳамкорӣ” дода шуда, бо ин васила пойгоҳи ташкилшуда ба ғанӣ гаштани мавзуи таҳқиқот мусоидат мекунад;
- амсила ва шароитҳои педагогӣ барои идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила тавассути марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд, намудҳои мутобиқшавӣ ва истифодаи маҷмӯи шаклҳои ҳамкорӣ ба самаранокии раванди мазкур мусоидат намуд.

- меъёрҳо ва сатҳи ҳамкории педагогии муассисаҳои томактабӣ ва оила ҳамчун натиҷаи мақсадноки ҳамкории мутақобила коркард шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқотро натиҷа ва дастовардҳои кори озмоишӣ, заминаи психологӣ - педагогӣ, сифати идоракунӣ ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва волидон ташкил дода, роҳҳои ҳамкории мутақобиларо фаро мегирад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқотро дар муҳити кӯдакистон ва оила бо истифода аз технологияи педагогии тавсифшуда амалӣ кардан мумкин аст.

Натиҷаҳои бадастомада ҳангоми омӯзиши фанҳои “Психологияи бачагона”, “Психологияи муносибатҳои оилавӣ” ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Маҳсули рисолаи мазкурро баҳри омодасозии босамари кормандони муассисаҳои томактабӣ, оилаҳо, донишҷӯён, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои томактабӣ, баланд бардоштани маърифати тарбиявии волидон вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо муқаррароти аввалияи метологӣ ва назариявӣ; асосноккунии илмии масъалаи таҳқиқот дар асоси таҳлили назария ва амалияи педагогӣ; омӯзиши таҳқиқотро дар соҳаҳои илми психологӣ, педагогикаи томактабӣ дар таҳсилот; истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилу мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот; тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил; иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ – методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ таъмин карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01-Назария ва методикаи

таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 1 – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асоснoккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷҷасум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (2021-2024) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогика ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар маҷаллаҳои илмӣ, ки 6 номгӯи онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Мазмуни рисола дар 178 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 179 номгӯйро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ САМАРАНОКИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ БО ВОЛИДОНИ ТАРБИЯТГИРАНДАГОН

## 1.1. Моҳияти масъалаи ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо волидони тарбиятгирандагон ҳамчун падидаи илмӣ

Яке аз масъалаҳое, ки ҷомеаи башарӣ аз давраҳои бостон ба он диққати калон додааст, тарбия ва таълими фарзанд мебошад. Зеро дар ҳама давру замон одам ба парваришу тарбият эҳтиёҷ дошту дорад ва бидуни ғамхорӣ ба рушду такомули шууру дарку фаҳми инсон, махсусан насли наврас рушди ҷомеа аз ҳар лиҳозе  имконнопазир боқӣ мемонад. Андеша, ақоид ва таҷрибаи тарбиявии кӯдакон ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои қабл аз мелод дар асос ва заминаи илоҳиёт ва фалсафаи Юнони Бостон, Шарқи Бостон ва Шарқи Асримиёнагӣ маншаъ гирифта, ташаккулу таҳаввул ёфта буд.

Масъалаҳои марбут ба тарбияти инсон, хосатан, инсонҳои ҳанӯз ноболиғ аз замонҳои бостонӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон, файласуфон ва тамоми мутафаккиронро ба худ ҷалб карда буд. Тамоми осори классикони мо низ фарогири масъала ва ҷанбаҳои мухталифи тарбия мебошанд, аз ҷумла осори арзишманди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон дар худ андешаю ақоиди арзишмандеро оид ба ҷараёни тарбия ва навъу шаклҳои он фаро гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи қадим тарбияи кӯдакро шабеҳи санъат ҳисоб мекарданд. Аз омӯзиши адабиёт ва сарчашмаҳои мухталифи таърихию илмӣ маълум мегардад, ки оилаи солим дар тарбияи насли солими ояндасоз мавқеи асосӣ дорад. Дар ҷараёни рушду нумуи ҷомеа тарбияи насли оянда, инкишофи ақлонӣ ва ҷисмонии ин насл чун вазифаи асосӣ муайян гашта, андешаю масъалагузорӣ роҷеъ ба масъулияту

фаъолияти байни онҳо ва оилаҳо ба вуҷуд омада, то имрӯз идома ва густариш ёфт.

Масъалаи мазкур дар сарзамину фарҳанги тарбиявии тоҷикон таърихи беш аз 3000 – сола дорад, ки намунаи барҷастаи он "Авесто"- и Зардушт аст. Дар он бори нахуст тарбияи фарзанд аз рӯзи таввалуд то ба булуғ тавассути масъулияти ҷиддӣ ва ҳамкории намояндагони ҷомеаву волидон нишон дода шудааст, ки истифодаи онҳо то имрӯз ҳам аҳамияти худро аз даст надодааст. Ба ин суннат ё равиши тарбиявӣ дар адабиёти паҳлавии замони Сосониён (224-621- мелодӣ), хусусан дар замони ҳукмронии Хусрави Парвиз (531-579), ки бо лақаби Анушервони Одил маъруф аст, аҳамияти ҷиддӣ дода шудааст.

Таваҷҷуҳ ба ин масъала дар охири аҳди Сосониён дар адабиёте амсоли "Андарзномаи Анушервон", "Пандномаи Бузургмеҳр" ва сарчашмаҳои дигар васеъ ривоҷ ёфт. Вале тарбияи фарзанд дар оила ҳамчун муҳимтарин масъала бо роҳу равиши ҳамкорию масъулияти ҳамгирои ҷомеа дар тарбияти кӯдакон, дар фарҳанги ғановатманди мардуми тоҷик ҳанӯз аз замон зуҳури дини Ислом (асри VIII мелодӣ) оғоз гардида, баъдан дар афкори ахлоқии Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигар мутафаккирони форс – тоҷик, ки зикрашон дар боло рафт, таҷассум ёфтааст, ки хушбахтона то ба имрӯз мавриди истифода қарор дорад. Яке аз ин намунаҳо "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус дар қатори он дурдонаҳоест, ки зиёда аз 900 сол пеш аз ин эҷод шуда, то имрӯз арзиши адабии  худро аз даст надода, ҷилою дурахши ҳамешагиашро нигоҳ доштааст.

"Қобуснома" аз 44 - боб иборат буда, бобҳои алоҳидаи он ба масоили мухталифи ахлоқу адаб, расму оин, рӯзғордорӣ, таҳсилу таълим, омӯзиши касбу ҳунар, оини рӯзгордорӣ, санъату варзиш, сиёсату идораи давлат ва монанди инҳо бахшида шудааст.

Унсурулмаолии Кайковус баъд аз бобҳои анъанавӣ аз боби 5-ум сар карда, таваҷҷуҳи хонандаро ба масъалаи ҳикмати амалӣ, яъне шинохтани

ҳаққи падару модар ҷалб намуда, оид ба фазилатҳои асосии инсон – нутқу суханронӣ ва некию накӯкорӣ мулоҳизаҳо баён мекунад. Боби бисту ҳафтум “Андар парваридани фарзанд” унвон дорад. Падари Кайковус ба тарбияи фарзанд диққат дода, барои таълиму омӯхтани ҳар гуна касбу ҳунар ба ӯ мураббиёну омӯзгорони гуногунро вобаста мекардааст. Ҳамаи ин нишонаи он аст, олимони мо ба таълиму тарбияи фарзанд аз давраи хурдии ӯ диққати калон медоданд ва осори тарбиявии мутафаккирон оид ба масоили ба тарбияи фарзанд дахлдошта то ҷое аз ин ганҷинаи бебаҳо маншаъ гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки ҳоло ҳамкорӣ байни педагогҳо бо падару модарон дар маркази диққат меистад. Барои дарки махсусияти ҳамкориҳои педагогӣ дар ҷаҳони имрӯза, ки доимо дар раванди тағйирёбӣ қарор дорад ва идоракунандагони хизматрасониҳои таълимӣ падару модарон маҳсуб мешаванд, истилоҳи “ҳамкориҳо” мавқеи муҳимро пайдо мекунад.

Ожегов С.И. мафҳуми мазкурро дар рисолаи худ “Луғати забони русӣ” чун табдилёбии афкору ақоиди байни одамон дида мебарояд.

Маҷмуан тасвири гуногуни ин маҳфум бо муносибатҳои гуногун ба таърифи он муайян мегардад. Чунончи аз нуқтаи назари фалсафӣ И.Т. Фролов ҳамкориро ҳамчун истилоҳи “раванд” баррасӣ менамояд. Раванди таҳсили дутарафа шакли аз ҳама умумии заминавии  тағйири ҳолатҳои онҳо мебошад [173 с. 444].

Дар Қомуснoмаи фалсафаи Кемеров В.И. мафҳуми “ҳамкорӣ”, ки тавассути мафҳуму категорияҳое, ки дар фалсафа муқаррар карда шудааст, тасвир мегардад. Мафҳуми “ҳамкорӣ” чун мафҳуми фалсафа хусусиятҳои таъсиру робитаи дутарафаи объекту падидаҳо, тағйипазирии онҳоро бо мақсади дарки робитаи дутарафаи объекту падидаҳои мухталиф пешкаш мекунад. Доир ба ин мафҳум ақидаи  М.Н. Недвескаяро [142, с.51], ки ташкилу рушдро тақозо менамояд, бояд дида бароем, чунки ҳамкориҳо ҳам фаъолнокии мунтазаму мустаҳками субъектҳои раванди таълим ва таъсири онҳоро бо объектон дар назар дорад.

Хуллас, муносибате, ки хусусияти умумифалсафиро дорад, ба ҳамкориҳои педагогии МТТ бо оилаҳои тарбиятгирандагон ба сифати ҳамкории мухталиф мусоидат менамояд, ашколи фаъолиятро бо оилаи тарбиятгирандагон ошкор месозад, ҳар як механизми амалигардонии баномаҳои идора кардани сатҳи ҳамкориҳоро муайян мекунад. Дар барномаи давлатии инкишофи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар кишвар омадааст: “...таҳсилоти томактабӣ, ки барои сармояи инсонӣ заминаи асосӣ мегузорад, ба рушди ҳаматарафа ва мукаммали кӯдак мусоидат намуда, салоҳияту, малакаҳои таълимиро рушд дода, тарбияи ватандӯстӣ ва ҳисси хештаншиносиро ташаккул медиҳад” [20, с.9].

“Ҳамкорӣ”-и сотсиологии Камаров М.С. чараёни таъсири мутақобилаи ашхос дар шууру рафтор маҳсуб мешавад ва дар он робитаи дутарафаи ба ҳам мувофиқи амалиёт ба вуҷуд меояд [151, с.102]. Истилоҳи “ҳамкорӣ”, ба ақидаи Радионова Н.Ф. ба маънои маҳдуд ё ба маънои васеъ дарк мегардад. Муаллиф ба маънои васеъ чараёнҳои корҳои инсонро, ки ӯ дар онҳо бояд иштирок кунаду ба тағйирёбӣ зери таъсиррасонии робитаи мутақобилаи субъектони ҳамкориҳои педагогӣ дучор гардад, пешниҳод мекунад. Гуфтаҳои болозикр мафҳуми пешкашнамудаи М.С. Камаровро қавитар мегардонад. Дар чунин ҳолат ҳама коре, ки шахс ба иҷро мерасонад, ҳамкорӣ ҳисоб меёбад. Ба ақидаи Н.Ф. Радионова, мафҳуми мазкур на ҳама гуна кору бори инсон, балки тағйирёбандагии мусбати арзишҳои ҷомеавии субъектони ҳамкориҳои педагогиро дар бар мегирад. Бар замми ин, ҳамкории пешниҳодкардаи Н.Ф. Радионова тобишҳои дигари маъноиро, яъне муносибатҳои шахсану гурӯҳҳои иҷтимоиро дошта метавонад [151, с.35]. Муносибатҳои мазкур табодулот дар фикррони ва ҳиссиёти шахсон, ҳар як арзиши маънавиро ифода менамояд. Равоншиносон Л.Т. Буев (1978) ва М.С. Каган (1988) дар осори худ ин ақидаро дастгирӣ кардаанд. Муҳаққиқони мазкур чунин меҳисобанд, ки фаъолияти субъектҳои раванди таълиму тарбия ҳамкорӣ ҳисоб меёбад, зеро ки ҳамкориҳо дар фаъолияти одамон амалӣ мегарданд.

Д.А. Леонтев (1989) ҳар як намуди базавии ҳамкориҳо миёни иштирокчиёни робитаи мутақобиларо муайян намудааст: 1) ҳамкориҳои байни иштирокчиёни фаъолият: субъект, объект мегардад ва ҳамзамон объект субъект шуда метавонад; 2) кооперативӣ: ҳамкориҳо ба шакли "субъект – субъектӣ", ки ба ташкилкунии фаъолият, ба мутобиқсозии фаъолияти инфиродии онҳо ва таъмин кардани фаъолияти якҷоя равонаанд; 3) моносентрӣ (якмарказӣ): яке аз иштирокчиён (субъектон)-и раванди таълим дар фаъолият ба сифати объекти асосӣ баромад мекунад.

Категорияи мазкур дар ҳамкориҳои байнишахсӣ асос шуда метавонанд. Ҳамкориҳои байнишахсӣ алоқае мебошад, ки вобастагии дутарафаи иштирокчиёни чараёни таълимро таъмин менамояд. Ин ақидаро Н.Н. Обозов (1979), Б.П. Паригин (1981), В.В. Бойко (1988) пешниҳод кардаанд. Муносибату амалиёт ва таъсиррасонию иттилоотикунонии тарафайнро олимони мазкур чузъҳои ҳамкориҳо ҳисобидаанд [142, с. 51].

Дар илми педагогика категорияи "ҳамкорӣ" бозгӯкунандаи ин ё он падидаи маориф мебошад. Ин падида дар нимаи дуюми қарни 19 пайдо шудааст. Аз байни осори ба категорияи ҳамкорӣ бахшидашуда таҳқиқоти Я.А. Коменский ҷолиби диққат мебошад. Низоми донишҳои педагогии Ян Амос Коменский инъикоскунандаи тамоюлоти демократӣ буда, ҳамкориҳо бо оиларо дар бар мегирад [96, с. 220]. Дар даврони хеш И.Г. Песталотси таъкид намудааст, ки ҳаёт аз тарафи оила на сунъӣ, балки табиӣ, бо кори муҳиму арзишнок, на бо гап, балки бо амалиёти зинда омӯхта мешавад [96, с. 220]. П.п. Лесгафт чун К.Д. Ушинский дар нимаи дуюми асри 19 муътақид бар он буд, ки кӯдакон бояд дар оилаи солим тарбия гиранд. Баъдан, дар интиҳои қарни 19 масъалаи ҳамкории оиларо бо муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дида баромадааст. Ба андешаи олимон, пойгоҳи назарраси инкишофи кӯдакон тарбия кардани падару модар мебошад ва дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккул додани шахсияти кӯдак идомаи худро меёбад. Тарбияи волидайн дар машғулиятҳои мактабии кӯдакон мукаммал мегардад ва таҷассум меёбад [88, с. 142]. Аллакай дар

охири асри XIX масъалаи дар волидайн мавҷуд набудани донишҳои махсуси педагогӣ ва зарурати ҳамкориву мусоидат бо онҳо дар тарбияи кӯдакон аз ҷониби педагогҳо (А. С. Симонович, К.Н. Ярош) мавриди баррасӣ қарор мегирад. Барои ин ба таъсис додани якчанд клуби падару модарон ва гурӯҳи оилавӣ шуруъ намуданд. Илва бар ин, дар солҳои 80-уми қарни гузашта барои боло бурдани сатҳи донишу малакаҳои падару модарон дар соҳаи педагогика клубҳои падару модарон бо иштироки омӯзгорон ташкил гардид. Дар фаъолияти худ клубҳо корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мемонданд.

Дар ин ҷода осори сармуҳаррири маҷалаи илмӣ зери унвони "Дӯсти кӯдакӣ", муҳаққиқи маъруф П. Кергомарро "Тарбияи модарӣ дар мактаб", "Кӯдаки аз 2 то 6 сола" қайд кардан ба маврид аст [156, с. 601]. Масъалаи робита миёни МТТ бо оилаҳои тарбиятгирандагон бори аввал дар Франсия пажуҳиш гардид. Олимони соҳаи педагогика дар бобати ҳамкориҳои қавии ду категорияи иҷтимоӣ равшанӣ андохтаанд. Ба андешаи онҳо танҳо заминаи ҳамкориҳои қавӣ дар кӯдакон ҳангоми гузариш аз муҳити оилавӣ ба муассисаи томактабӣ мушкилот ба вуҷуд намеояд.

Дар муносибати байни давлат ва ҷамъият ба оила баъд аз ғалабаи Инқилоби октябр, соли 1917 тағйирот ба вуҷуд омад. Ҳокимияти Иттиҳоди Шуравӣ тарбияи кӯдаконро ба дӯши падару модар гузоштан намехост. Оид ба тарбия дар ҷомеа ва оила ақидаҳои гуногун арзи ҳастӣ карда буд. Ҳамзамон фарзандонро аз оила дур мекарданд [81, с. 302]. Ф. Энгелс дар асари худ "Принсипҳои комунизм" (1847) гуфта буд, ки кӯдакони тарбияи волидайн надоштаро давлат тарбия мекунад. Н.И. Бухарин чун инқилобчии номдор ин ақидаро дастгирӣ кардааст. Онҳо муътақид бар он буданд, ки кӯдак бояд дигар дар оилаи худ тарбия ёбад. Ин ақида яъне ҷудокунии кӯдакон аз оилаи хеш ба давраи "комунизми ҳарбӣ" рост меояд. Дар тафаккури ҷамъият оила чун институти таназзулёбанда ва дорои анъанаҳои зараровари тарбия акс ёфта буд. Ба

ҳамин хотир педагогҳо, муаррихон, ҷомеашиносон (Л.Н. Литвин, В.М. Петров, М.В. Полохов  расман нисбати оила муносибати манфӣ доштанд [81, с. 302].

Дар ибтидои қарни ҷорӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои тарбиявӣ ҳамкории педагогӣ ба сифати механизми афзалиятнок дида баромада мешавад. Ба андешаи олимони барҷастаи соҳаи педагогика П.П. Блонский ва С.Т. Шатский барои тарбияи ашхоси кардани ба шароитҳои иқтисодӣ - иҷтимоии давраи ҳозира мутобиқ гардида, ба анъанаҳои мусбӣ дар оила бояд рӯ овард [81, с. 92].

Ба андешаи Г.С. Ҷалолова **“**Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ кӯдакону наврасон имконияти воридшавӣ ба муоширату муносибатҳои шахсию иҷтимоӣ дар муҳити хонавода ва муассисаҳои таҳсилотӣ дар партави истифода аз технологияи муосири иттилотӣ–иртиботӣ (телефонҳои мобилӣ, планшетҳо, ноутбук, компютерҳо) пайдо мекунанд” [176, с.5].

З.Б. Файзуллаева дар рисолаи илмии хеш қайд кардааст, ки арзишҳои миллии мардуми мо тамоюл ба сохти ҷамъияте доранд, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ муносибати некбинонаро ба илм ва маърифат фаро гирифтаанд. Аз ин нигоҳ омӯзиши таъриху фарҳанг ва мероси гаронмояи маънавӣ доимо васоиту имконияти истифодаи тарафҳои хуби арзишҳои миллӣ дар таълим ва тарбияи ҳозира ба яке аз масъалаҳои амиқи педагогика табдил ёфтааст, ки ба он педагогикаи муосири миллии халқҳои Осиёи Миёна низ эҳтиёҷ пайдо кардааст [172, с. 4].

Масъалаи кумак ба оилаҳои тарбиятгирандагони МТТ дар тарбия ва таълими онҳо дар анҷуманҳои умумироссиягӣ I (1919) ва II (1929) баррасӣ шудааст. Дар Анҷумани II оид ба зарурати барқароркунии робитаи устувори  самимӣ бо оилаҳо ва омӯзонидани оилаи кӯдак сухан мерафт. Ин ақида дар “Дастур барои роҳбарони муассисаҳои томактабӣ” (1922) инъикос гардидааст. Дар солҳои аввали баъди Инқилоби октябр (соли 20-уми асри XX) кӯдак асосан на дар оилаи худ, балки дар муассисаи

омӯзгорӣ тарбия мегирифт. Ва маҳз аз ҳамон айём сар карда, педагогон дар бораи зарур будани дастгирии маънавии оила аз лиҳози педагогӣ андешаронӣ мекардагӣ шуданд [81, с. 202].

То кунун, бештари педагогҳо расонидани ёрии педагогиро ба оилаҳои кӯдакон ва волидайни онҳо лозим мешуморанд. Ба ин педагогҳо Е.Ф. Аркин [11, с. 156], Н.Н. Крупская [109, с.315], Л.И. Красногорская [104, с.62], Б. Маҷидова [138, С. 91] мансуб буда метавонанд. Фаъолиятҳои кӯдакон

Аз он ҷумла, тарбияи кӯдак берун аз оила, дар шаҳрчаи хурди кӯдакон, ба андешаи Н.К. Крупская, нодуруст буд. Муассиаи кӯдаконаро, - мегуфт ӯ, - дар наздикӣ ё дохили хонаҳои нав сохтан лозим аст, то ин ки волидайн бо кӯдаконашон доимо муоширaт кунанд. Ҳар як мураббии ин ё он кӯдакистон бояд таблиғотчии тарбияи томактабӣ бошад [109, с. 315].

Баъди Инқилоби Октябр кӯдакистон ба тарбияи ҷамъиятӣ мутамарказонида шудаанд, чунки тарбияи пешина ба рушди кӯдакистонҳои кишвар монеа пеш меовард. Бинобар ин, тарбияи кӯдакистон ба ин падидаи номатлуб мубориза мебурд. А.С. Макаренко чунин маънидод кардааст: “Тарбияи кӯдакон дар оилаи худ чандон кофӣ нест. Тарбияи оилавӣ бояд роҳандозӣ гардад ва муассиса тарбияи давлатиро дар кӯдакистон бояд рушд диҳад”. Педагоги машҳур, сарфи назар аз ин, колективи ибтидоиро дар оилаи хуб дидааст ва баробарҳуқуқии ҳар як аъзои оиларо таъкид кардааст. Ба андешаи А.С. Макаренко, омили номуваффақият дар рафтору кирдори кӯдакон дар фаъолияти тарбиявии падару модар ниҳон аст [63, с. 152].

Ақидаҳои ҳамкории тарбияи оилавию ҷамъиятӣ дар осори В.А. Сухомлинский баррасӣ гардидааст. Олими педагог оид ба ин масъала чунин ибрози ақида кардааст: “То ба мактаб рафтан кӯдак чун ҷузъи баробарҳуқуқи оилаи хеш кашфи худу дигар одамонро ба воситаи муҳокимаронӣ, баҳодиҳӣ ба рафтору кирдори волидайн ба роҳ монад” [165, с. 82]. Ба андешаи педагог, масоили ба тарбия алоқаманд замоне

бобарор мегарданд, ки агар муассисаву оила робитаи ба зич дошта бошанд, ҳамкориҳои мураббиёну падару модар мушоҳида карда шавад. В.А. Сухомлинский чун роҳбари мактаби “Павлин” пеш аз оғози фаъолият бо шароити зиндагии тарбиятгирандагон шинос мешуд. Ӯ истилоҳи “тарбияи мактабӣ - оилавӣ” ва “тарбияи пурраи ҷомеа”-ро дар ҳамбастагӣ шаҳр дод. “Бе иштироки фаъолонаи падару модар дар ҳаёти мактаб, бе ғанигардонии дониши маънавии калонсолону кӯдакон оила чун ячейкаи ибтидоии ҷомеа ва мактаб чун муассисаи муҳимтарини таълимӣ-тарбиявӣ буда наметавонад ва пешрафти ахлоқии ҷомеа низ имкон надорад” [165, с. 83]. Тавассути ҳамкориҳо мақсади асосӣ - тарбияи комунистиро ба даст овардан мумкин аст, зеро ки таълимгиранда дар коллектив тарбияи самаранок мегираду ба соҳаи истеҳсолӣ мутобиқ мегардад. Қобили зикр аст, ки масъалаи ҳамкориҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оилаи таълимгирандагон кайҳо боз дар педагогикаи мактабӣ мавриди муҳоима қарор дорад. Аммо ҳамкориҳои муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оила аз солҳои 70-ми қарни гузашта баррасӣ мегардад [142, с. 21].

Таҳқиқоти олимони соҳаи педагогика дар тафсири мафҳуми “ҳамкориҳои педагогӣ” хеле назаррас буданд ва дар илмҳои педагогиву психологӣ ҳаматарафа дида баромада шудааст. В.И. Загвязинский дар асарҳои хеш ҳамкории педагогиро чунин шарҳ додааст: “... ҷараёни мураккаби аз якчанд қисм иборатбуда: ҳамкории тарбиявию дидактикӣ, педагогию иҷтимоӣ, ки бо кори таълиму тарбия ва ҳадафҳои таълимӣ - тарбиявӣ асос меёбанд. Ҳамкориҳои педагогӣ дар фаъолиятҳои меҳнатию маърифатӣ ва эҷодкорӣ дида мешаванд. Ин ҳамкориҳо бо давраи иҷтимоӣ шудани одамон асос меёбанд” (1982) [66, с. 53].

Педагогҳои машҳури даврони Шуравӣ Амонашвили Ш.А., Волков И.П., Илин Е.Н., Шаталов В.Ф. ва дигарон ҳамкориҳои педагогиро дар таҷрибаи хеш чун самти нави илмӣ дида баромадаанд. Яке аз намояндагони ин самт Е.В. Коротаева мебошад, ки ҳамкориҳои педагогиро ба маҳдудкунандаю вайронсозанда, дастгирикунандаю рушдёбанда ҷудо

кардааст [99, с. 49]. Дар интихоб кардани намудҳои ҳамкориҳо омили объективӣ ва омили субъективӣ ба омӯзгорон таъсиррасон мебошанд.

Дар масоили ҳамкориҳои педагогӣ дар ҷараёни таълиму тарбияи ҳозира, ки дар он ҳамкории инкишофдиҳанда баррасӣ мегардад, таҳқиқоти диссертатсионии Е.В. Коротаева ягона набуда, ба самти мазкур С.В. Белова, З.И. Василева. В.В. Горшикова, Е. В. Кудрявсева, Л. А. Николенко, Н. Ф. Радионова, С.А. Расчётина, Г. П. Трофимова низ дар асарҳои худ рӯшанӣ андохта, ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар заминаи хулосабарориҳои Е.В. Коротаева Е.В. Кудрявсева чунин ақидаронӣ кардааст “...ҷараёни инкишофи ҳамкориҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оиларо идорашаванда ва ҷустуҷӯи омилҳои нави ин шакли идоракуниро вазифаи мубрами илмӣ шуморидан мувофиқи мақсад аст. Муаллиф тавсифоти муҳими зерини синергизмро, ки ба беҳгардонии сифати ҳамкорӣ равонаанд, ҷудо мекунад: тамоюлҳои арзишнок, мавқеъ дар ҳамкорӣ, мотиватсия, зуҳуроти эмотсионалӣ, ташкили амалҳои муштарак, мубодилаи ахбор” [112, с.98].

Дар доираи таҳқиқоти мо ба махсусияти ҳамкориҳои муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо, ки ба омӯзиши он асарҳои педагогҳо ва психологҳо О.И. Давидова [50], Г.А. Данилина [52], Т.Н. Доронова [61], Н.А. Дорохина [62], Н.В. Корниенко [98], Б. Маҷидова [138] бахшида шудаанд, диққат додан зарур аст.

Ғояи ҳамкориҳои МТТ бо оилаҳо маҳз дар асарҳои Е.В. Анисимова [9], Т.Ф. Бабинина [17], М.И. Богомолова [26], Н.Ф. Виноградова [39], Л.В. Загик [67], Т.А. Куликова [116], Т.В. Кротова [107] ва ғайраҳо мавқеи хоса доштанд. Ба ақидаи муаллифони мазкур мураббиёни муассисаи таҳсилоти томактабӣ на танҳо мураббии кӯдакон, балки мураббии падару модар низ мебошанд, бинобар ин онҳо бо педагогикаи оилавӣ бояд шинос бошанд, донаду фаҳманд.

Таҳқиқоти солҳои 80-уми қарни гузашта ба мушаххасгардонии мазмуну роҳҳо, методу усулҳои аз ҷиҳати педагогӣ маърифатноккунанда,

мураттабсозии тавсияҳову пешниҳодоти барои тарбиятгирандагон арзишнокбуда, ки кори якҷояи мураббӣ бо волидайнро тақвият мебахшанд, нигаронида шудаанд. Ба ақидаи Л.А. Никитина МТТ ва оила дорои чунин вазифаҳо мебошад: “...кӯдакистон набояд волидайнро иваз ва онҳоро аз кӯдакон ҷудо кунад, балки онҳоро бо ҳамдигар муттаҳид созад, ба муоширату ҳамкориҳои босамар ва муҳим имкон диҳад. Инро чӣ тавр бояд кард? Ман дар ҷавоб ба ин савол хеле душворӣ кашидам: мехостам, ки кӯдакистон дар “модаршавӣ” ба модар кӯмак расонад, на танҳо барои ин бояд вақт ҷудо кунад, балки ӯро ба вижагиву унсурҳои маънавии меҳнати модарӣ ошно созад ва талабот ба онро рушд диҳад” [144, с. 24].

Ҳамкориҳои босамар аз мураббӣ вобастагии калон дорад ва аз ин таҳқиқи О.Л. Зверева шаҳодат медиҳад [68]. Баъдан натиҷаҳои мазкур дар асарҳои Е.П. Арнаутова [12], М.А. Бурд [35], Г.В. Глушкова [44], Н.Н. Зорина [73] тасдиқ гардидааст. Ба андешаи ин муҳаққиқон, муносибати байни мураббӣ ва падару модар расмию ғайрирасмӣ мешавад. Дар муносибати расмӣ мураббиён нақши ашхоси расмиро ва дар муносибати ғайрирасмӣ нақши ашхоси мусоҳибро иҷро мекунанд.

Т.А. Данилина муътақид бар он аст, ки ҳоло МТТ бо оила тарғиботи педагогиро роҳандозӣ мекунад ва дар он мураббӣ ба падару модар танҳо таъсир мерасонад ва дар ин маврид алоқаи дутарафа ба роҳ монда намешавад ва имконоти тарбия дар оила нокифоя корбурд мегардад. Роҳи аз ин вазъият баромаданро муаллифи мазкур дар аз худ кардани таҷрибаҳои ҳамкории МТТ бо оилаҳо, ёрӣ ба падару модар дар тарбия кардани кӯдакон, мусоидат ба рушди фарҳанги ҳуқуқии падару модарон бо мақсади пурзӯр сохтани ҳисси масъулиятнокӣ дар волидайн ва бошуурона муносибат кардан дар тарбияи фарзандон ва монанди инҳо мебошад [53, с. 41].

Ба масоили ҳамкориҳо бо падару модар олимони хориҷӣ низ диққат додаанд. Чунончӣ, муҳаққиқони Финляндия дар охири асри гузашта ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ба ақидаи М. Фин тарбияи

падару модар бо паҳнкунии ахборот, доштани малакаву маҳорат дар ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти тарбиявии онҳо ифода меёбад. Ба ақидаи мазкур муҳаққиқони дигар низ ҳамфикр мебошанд. Чунончӣ, Ю. Хямяляйнен ба гурӯҳбандии мақсадҳо, вазифаҳои тарбияи падару модар ва вижагиҳои донишҳое, ки барояшон заруранд, даст задааст [174, с. 5]. Дар давраи муосир муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаи таълимгирандагон дар алоқаи зич қарор доранд. Дар ҳамкориҳои миёни МТТ ва оила волидайн фаъолона иштирок меварзанд. Дар мамлакати Ҷопон ҳамкориҳо байни мураббиёну падару модар ба муайянозии қобилияту истеъдодҳо, ба рушди тарбиятгирандагон оварда мерасонад. Дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон ҳам бо ташкил кардани ҳамкориҳои мураббиён бо падару модар таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешавад. Дар ҳар як санади мазкур ба ҳамкориҳо миёни МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагон, суҳбату вохӯриҳо, маросимҳои якҷоя бо волидайн ва оилаи онҳо муайян гардидаанд [164]. Онҳо дар андешаронӣ ва мусоҳибаҳои фаъол дар атрофи масъалаҳои таълимӣ - тарбиявии тарбиятгирандагон ба сифати натиҷаи босамари кору бори якҷояи мураббиён ва оилаи кӯдакон баромад мекунанд. Агар дар ин ҷараён ҳамдигарфаҳмӣ набошад, пас вижаҳои дар кӯдакон инкишофёбанда рушд намекунанд. Аз ин рӯ нақши оиларо дар ҳаллу фасли масоили муҳими тарбиявӣ афзалиятнок мешуморанд.

Ақидаҳоро оид ба рушд додани салоҳиятҳои падару модарон, қобилият дар фаҳмидани маълумоти навтарин, ки онҳоро аз мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ қабул мекунанд, давом дода, дар асари хеш падару модарро чунин тасниф намудааст: бепарво гоҳе ҷанҷолӣ ва тайёр ба ҳама гуна ҳамкориҳо. Ӯ бештари падару модарро ба гурӯҳи якум ва гурӯҳи дуюм дохил мекунад [42, с. 103].

Ин масъаларо олимони соҳаи педагогика мисли П.В. Глушкова, Т.И. Гризик, Т.Н. Даронова, Т.И. Ерофеева, Т.В. Кузнетсова амиқтар таҳлил намуда, (падару модари проблемадор)-ро гурӯҳи махсус ҳисобида, ба

педагогҳо дар кор ба волидайни мушкилотдор кумак расониданро зарур мешуморад. Мураббӣ нисбати волидайни проблемавӣ бояд бештар диққат зоҳир намояд. Дар ин маврид бояд на тарзу васоити фаъолияти педагогӣ, балки тарзу васоити муносиби онҳоро ҷустан лозим аст. Ёрии ҳақиқӣ ба падару модар ҳангоми ба таври маҷмӯӣ ба роҳ мондани корҳо дар ду самти асосӣ имкон дорад: 1) пешбарии корҳо бо коллективи педагогӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки хусусияти байналмилалӣ дорад ва ҳуқуқҳои кӯдаку падару модарро муқаррар менамояд; 2) омӯхтани оилаҳое, ки кӯдакони онҳо дар боғчаи кӯдакон тарбия мегиранд, пеш бурдани фаъолияте, ки ба болоравии фарҳангӣ ҳуқуқӣ дар волидайни тарбиятгирандагон мусоидат менамояд, муносибатҳои қобили эътимодро миёни педагогҳо ва волидайн дар ҷараёни гузаронидани ин ё он чорабинӣ, суҳбату вохӯриҳо ташаккул медиҳад [60, с. 87].

Мушкилоти имрӯзаи ҳамкориро ба назар гирифта, гуфтан мумкин аст, ки самаранокии фаъолият замоне рӯй медиҳад, ки падару модар дар раванди таълиму тарбия фаъолона иштирок меварзанд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини мураббиёни МТТ ташаккул додани фаъолнокии падару модар мебошад. Ба ақидаи Н.Н. Зорина барои татбиқи ин мақсад бунёди муносибатҳои эътимоднок байни мураббию падару модар, муомилаи озоду баробари мураббӣ ба падару модар зарур мебошад [73, с. 220]. Ақидаи Н.Н. Зоринаро О.В. Солодянкина тақвият дода, принсипҳои заруриро пешкаши ҳамагон менамояд, ки онҳо муносибати миёни педагогҳои МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагонро рушд медиҳанд: ҳамшарикии тарафайн миёни мураббиёну волидайн дар ҷараёни таълимӣ – тарбиявӣ фаҳмидани ҳадафҳои тарбиявӣ ва таълимӣ аз тарафи мураббӣ ва падару модар; эҳтироми кӯдакон ва боварӣ ба онҳо аз тарафи мураббӣ ва падару модар; дарки дуруст тарбия кардани коллективи кӯдакон аз тарафи мураббӣ ва падару модар; корбурди пурраи имконоти молиявии тарбия дар корҳои муштараки кӯдак ва мураббӣ; доимо мавриди таҳлил қарор додани раванди ҳамкории МТТ бо оилаи кӯдакон; натоиҷи фосилавии

таҳлил ва хулосабарорӣ [163, с. 32]. Т.А. Куликова чунин меҳисобад, ки қабл аз ҳама падару модар ва мураббӣ нисбати якдигар бояд боварии комил дошта бошанд, чунки маҳз дар чунин ҳолат фазои кӯдакистон озод мегардад. Ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон дутарафа ба роҳ монда мешавад. Дар ҳолате, ки педагогҳо ва падару модар талаботҳои таъсиррасонии мақсаднокро ба кӯдак мефаҳманд, натиҷаи тарбия боз ҳам бештар самари хуб дода метавонад [115, с. 154].

Олимони машҳури қарни ҷорӣ - Н. А. Виноградова, Н.В. Макляева ва Ю.В. Микляева чунин меҳисобанд, ки ҳамкориҳо самтҳои зерин доранд: ҳамкорӣ бо падару модари кӯдакон; мураббиёни МТТ-и дигар; ниҳодҳои ҷомеа, ниҳодҳои таълимӣ - тарбиявӣ; шуъбаи маорифи шаҳр (ноҳия). Ба андешаи олимони мазкур намудҳои самараноки ҳамкорӣ истифодаи усулҳо ва технологияи иттилоотӣ (сомонаҳои МТТ, сомонаҳои маҷаллавӣ ва ҳоказо) мебошад. Дар чунин маврид дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд манфиатҳои падару модар васеъ мегарданд ва мутобиқшавии онҳо ба фаъолияти боғчаи кӯдакон ба амал меояд [39, с. 465].

Тағйирёбии иқтисодию иҷтимоӣ дар кишварамон дар солҳои 90-уми қарни гузашта тамоюлоти арзишҳои маънавиро низ дигаргун сохт ва ин ба тарбияи оилавӣ бетаъсир намонд. Айни замон вазъи солимии психикӣ ва ҷисмонии тарбиятгирандагони МТТ хуб ба назар намерасад. Сабаб дар он аст, ки дар даврони ҷаҳонишавӣ мушкилоти оила ва падару модар ба кӯдакон таъсири манфӣ расонидаанд. Ба ин дефектологу педагогу равоншиносон бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд, чунки оиларо дастгирӣ кардан лозим аст. Бинобар яке аз самтҳои асосии кори МТТ ҳамкориҳо бо оила мебошад.

Баъд аз таҳлили осоре, ки ба ҳамкории МТТ ба оилаи тарбиятгирандагон бахшида шудаанд, мо чунин натиҷагирӣ кардем: ба андешаи муаллифон, масъулият ва ҷавобгариро барои бомуваффақият ба роҳ мондани ҳамкорӣ ба зиммаи МТТ бояд гузошт. Ба андешаи онҳо, волидайни тарбиятгирандагон ба таври кофӣ субъектҳои ҳамкориҳои

дутарафа бо мураббиён дар ҷараёни таълим нестанд. Бар замми ин, муҳаққиқони мазкур аз надоштани донишу малакаҳои барои волидайн зарур ва низоми оилавии миёни волидайнро, ки ба ҷанбаи тарбиявӣ ва тарбиятгирандагони МТТ эҳтимоли таъсири манфӣ расонидан доранд, махсус қайд накардаанд.

Гуфтан мумкин аст, ки баъзан робитаи мутақобилаи миёни оилаву МТТ ҳамкориҳои педагогӣ мебошад. Ҳамкориҳои педагогӣ, ки тарбияи оилавию ҷамъиятиро дар бар мегирад, судманд буда, дар рушди ҳаматарафаи шахсият чун пойгоҳ (асос) хизмат мерасонанд. Дар ин хусус педагогҳои асрҳои XIX ва XX (Л.Г. Богословская, Н.А. Виноградова, А.Т. Тогоберидзе, О.И. Давидова, Р.П. Дешеулина, Н.В. Додонина, Е.С. Евдокимова, А.В. Козлова, Е.А. Кудрявсева, А.А. Майер, Т.А. Маркова, Н.В. Макляева, Ю.В. Микляева, Л.Ф. Осифовская, О.В. Солитсева, О.Н. Урбанская, Т.В. Светкова ва дигарон) дар асарҳои худ навиштаанд. Муҳаққиқони дар боло номбаршуда дар мавриди он, ки ҳамкориҳо байни МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагон ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакони онҳо нигаронида шудаанд, ҳамфикранд.

Илова бар ин, зимни инкишофи системаи таълиму тарбия дар МТТ аксари масъалаҳои фаъолият бо оилаҳои тарбиятгирандаро дар бар гирифта, дар “Дастур барои мураббиёни боғчаҳои кӯдакон” (1945) ҳамчун фасли мустақил баррасӣ шудаанд. Ба шарофати саъю кӯшиши олимону таҷрибачиён (Н.Ф. Виноградова, Л.В. Загик, С.К. Кадиев, В.К. Котирло, Т.А. Маркова, А.К. Менжанова, О.Н. Урбанская ва дигарон). Барномаи кӯдакистон барои МТОК-ҳои педагогӣ, ки ба ҳамкориҳо бо падару модар нигаронида шудааст, мураттаб гардидааст. Дар он тарзу шаклу моҳияти кор дар оилаҳои тарбиятгирандагон баррасӣ мешавад.

Ҳанӯз муҳаққиқон ва педагогҳои барҷастаи гузашта муътақид бар он буданд, ки то ба мактаб рафатани кӯдак тарбияи ӯ ба зиммаи волидайн гузошта мешавад. Вале бо мақсади самараноксозии сатҳи кӯдакон

бароҳмонии дурусти ҳамкориҳо миёни падару модар ва педагогҳо зарур аст.

Доимо хондани осори педагогии ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷониби падару модаронро К.Д. Ушинский муҳим ҳисобидааст, зеро бо ин роҳ ҳамкориҳои педагогии онҳо бо педагогҳо қарибтар шуда метавонанд. К.Д. Ушинский саҳми модарро, ки дар ҳаёти кӯдак наздиктарин шахс аст, аз замони таввалуд ғамхории бемисл зоҳир мекунад, хислатҳои фардии ӯро аниқ дарк мекунад, таъкид кардааст [13, с. 129].

Ба андешаи олими рус Д.И. Писарев, инкишофи зебоипарастии кӯдаконро аз тарбияи оилавӣ аз давраи хурдии онҳо бояд оғоз кард. Д.И. Писарев барои ҳар як модар барномае бо вазоифи мушххастарин тартиб дод, ки аз аҳамият холӣ нест. Ин барнома шароити инкишофёбандаву тафаккури мусбиро ба вуҷуд меорад. Модар ба фарзандаш муошилату муомилаи хуб карда, на танҳо хушмомилагиро ба онҳо меомӯзонад, балки ба онҳо эҳсоси завқу ҳавасмандӣ ато мекунад [10, с. 57].

Ба ақидаи В.А. Сухомлинский “тарбия кӯдакон ва инкишофи ҳаматарафаи шахсияти онҳо самаранок мегардад, агар алоқаи байни оилаву МТТ дар самти дуруст роҳандозӣ карда шавад”. Муҳаққиқ мушаххасгардонии тарбияи оилавию ҷамъиятиро нишон дода, асоси онҳоро дар ҳамкориҳои педагогии байни мурббиёни МТТ ва волидайн дидааст. Ба андешаи В.А. Сухомлинский, зимни истифодабарии дурусти байни муассисаву оиларо вазоифи тарбиявӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдак ҳалли бобарори худро меёбад. Дар заминаи эътимод ва ҳамкориҳои судманди байни педагогҳо ва волидайни тарбиятгирандагон принсипи мутассилӣ ва ягонагии тарбияро дар ҷомеаву оила аз тарафи В.А. Сухомлинский алоҳида нишон дода шудааст [6, с. 43].

Н.Ф. Виноградова, Г.Н. Година, Л.В. Загик, Т.Н. Доронова ва педагогҳои дигари машҳур роҳҳои ҳамкориҳои байни МТТ ва падару моддаро нишон додаанд. Онҳо дар ин ҷода нақши сарвари МТТ-ро махсус қайд кардаанд, чунки фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди

ҳамкориҳои педагогӣ ба оилаи кӯдакон салоҳияти муҳимтарини мудири МТТ мебошад [7, с. 62].

Бешубҳа, азхудкунии малакаву маҳоратҳои муошираткунӣ, такмили усулҳои корҳои таълимӣ - тарбиявӣ бо кӯдакон бояд дар маркази диққати педагогҳои МТТ қарор гирад.

“Бештар вақт тарбиятгирандагони МТТ дар дохили муассиса, маҳалу оилаи худ дар ҳар гуна иду ҷашнҳо, маросимҳои оилавию ҷамъиятӣ ширкат варзида, қойдаҳоро риоя намуда, муоширатро меомӯзанд ва тарбияи хуб мегиранд. Кӯдак дар раванди муошират бо атрофиён, ки хислат, руҳия, майлу рағбат, талаботу имкониятҳои мухталифро дороянд, интихоби тарзу услуби рафтори дурустро меомӯзад”, қайд менамояд Г.С. Ҷалолова [176, с. 4].

Консепсияи таълими томактабӣ, ки соли 1989 интишор ёфтааст, (нигаред Давидод В.В., Петровский В.А. ва ғайраҳо) пойгоҳи истилоҳҳои ТТ-ро асоснок намуд. Тибқи консепсияи мазкур, оилаи тарбиятгиранда ва кӯдакистон ҳамдигаро иваз намекунанд, чунки вазифаи онҳо мушаххасанд. Бинобар ин, барои самаранокии кори тарбия миёни муассисаи таълимии томактабӣ ва оила робитаи боварибахши корӣ барқарор кардан, амри басо зарурист”.

Таҳсилоти томактабӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба он дар педагогикаи хориҷӣ бо ба эътибор гирифтани он, ки муошират дутарафа бар манфиати рушди шахсияти кӯдак амалӣ гардад, оила бояд чун объекти таъсиргузор ба фаъолияти омӯзгорон вазифаи хешро аз мадди назар дур насозад. Кӯдаконе, ки дар МТТ тарбия мегиранд, бояд фаҳманд, ки волидайни онҳо ба ҳаёти воқеӣ омода месозанд ва оила ба инкишофи ҳаматарафаи шахсият мусоидат менамояд. Бинобар ин, равонасозии диққати падару модарон ба илми педагогика, ширкати самаранокии волидайн дар раванди тадрис на ба хотири хоҳиши педагогҳои МТТ, балки барои рушди тарбиятгирандагони МТТ зарур аст.

Таҳлилу дида баромадани сарчашмаҳои зарурӣ аз илмҳои педагогика ва психология дар атрофи ҳамкориҳо байни МТТ бо оилаи кӯдакон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста аз ашколи дурнамои ҳамкорӣ, ки фаъолкунандаи меҳнати падару модар мебошад, ҳамкориҳо миёни педагогу волидайн дар МТТ ба вуҷуд меояд (мувофиқи он оилаи кӯдак ба сифати объект барои таъсиррасонӣ хизмат мекунад, аз байн намеравад. Яъне маънои онро дорад, ки алоқаи мустаҳкам дар оила роҳандозӣ нагардидааст ва потенсиали тарбия дар оила истифода карда намешавад).

Сарфи назар аз он ки муҳаққиқон ба ҳамкориҳои педагогӣ байни мураббии МТТ ва падару модар баҳои баланд медиҳанд, дар як қатор ҳолатҳо муносибати байни кӯдакон ва падару модар чандон муносиб нест. Дар ин раванд авомил касбию шахсӣ ба инкишофи муносибати байни кӯдакон ва волидайни онҳо монеаҳоро ба бар оварда метавонанд.

Маҳдудияти вақт, номуносибӣ, рафтори ғазарнок, монеаҳои асосии раванди тарбияи самаранок мебошанд. Ба ҳамин хотир тарафҳо бояд ба ҳамдигар эътимоди кофӣ дошта бошанд ва таъсири мақсаднокро дар тарбияи кӯдак дарк намоянд. Падару модар дар масъалаи тарбиявӣ салоҳиятҳои мураббиро бояд эҳсос намояд, аммо аз ҳама бештар ба ҳар як нишондоди сифати баланди кори инфиродии мураббиён қадрдонӣ кунанд. Чунин боварӣ худ аз худ ба миён намеояд, тарбиятгар онро бо муносибати нек, бепарвоёна муносибат накардан нисбат ба бача, дар сиришти ӯ тарбия карда тавонистани хислатҳои нек, саховатмандию меҳрубонӣ ба даст меорад.

Мафҳумҳои "ҳамкорӣ" ва ё "ҳамкории мутақобила" ҳамчун шаклҳои асосии муносибатҳои байни тарбиятдиҳандагон ва падару модарон дар маркази ғояи нави ҳамкории оила ва муассисаи таълимии томактабӣ меистад ва чунин ақида аст, ки падару модар дар тарбия ва таълими самараноки кӯдакони худ аз ҳама бештар масъулият доранд ва МТТ ба ташаккули тарбияву таълимии кӯдакон ҳамшарикӣ мекунанд. Пазируфтани бартарияти тарбияи оилавӣ муносибатҳои нави оила ва

муассисаҳои таълимии томактабиро талаб менамояд. Навигарии ин муносибатҳоро мафҳумҳои “ҳамкорӣ” ва “ҳамдигарӣ” мушаххас месозанд.

Дар ҳамкориҳои педагогӣ муошированни баробари байни мураббӣ ва тарбиятгиранда ба вуҷуд меояд ва дар онҳо ягон нафар назорату арзёбӣ карда наметавонанд.

Ҳамкориҳои педагогӣ кори якҷояи субъектҳои раванди педагогӣ ҳисоб ёфта ба воситаи муошироти байни онҳо татбиқ мегардад. Дар “Луғати забони русӣ”- и С. Ожегов маънои калимаи “Ҳамкорӣ” чунин шарҳ дода шудааст: 1. Робитаи мутақобилаи ду падида; 2. Дастгирии ҳамдигар.

Ҳамкории шахсии омӯзгор ва волидон дар бораи душвориву хушҳолӣ, ғалабаю нобаробариҳо, мулоҳизарониҳо дар раванди тарбияи оилавӣ ёрии ҳамдигарӣ дар дарки хусусиятҳои инфиродии кӯдакон, ҳал кардани проблемаҳои шахсии онҳо ва кӯмак ба инкишофи ҳаматарафаи онҳо баҳо надорад.

Мураббиён бояд ташаббускорӣ кунанд ва фаҳманд, ки барои ба кӯдакон фоида овардан муносибати хешро ба оилаи алоҳида чӣ тавр ба роҳ монанд. Мураббиён зимни ҳамкориҳои педагогӣ бо падару модаррон бояд ба рушддиҳии маҳоратҳои мустаҳкаму самаранок дар муошират пардозанд ва бо кадом роҳ ҷалб кардани падару модарро муайян намоянд.

Ҳамкориҳои педагогӣ ба ҷалби диққати волидайн ба муошират мунтазаму пай дар пай бояд равона гардад. Оҳиста - оҳиста ҳамдигарфаҳмӣ миёни кормандони МТТ ва падару модар бояд мустаҳкамтар шавад. Бо сабаби рушду инкишофи донишу малакаи падару модар ва афзоиш ёфтани истеъдодҳои мураббиён манфиатҳои навтарин пайдо мешавад. Бо истифодабари аз принсипи муносибати фардӣ ҷалби волидайнро ба ҳамкориҳои педагогӣ бояд ба роҳ монд.

Зимни ҳамкориҳо бо волидайни тарбиятгирандагон ба назар гирифтан лозим аст, ки дар ҷаҳони ҳозира онҳо ба мушкилоти иҷтимоӣ, педагогию психологӣ бештар дучор мегарданд ва ба инкишофи бевоситаи кӯдакон таъсиррасон мебошанд. Таваҷҷуҳ ба он равона шудааст, ки дар аксари

оилаҳое, ки ваъзи моддию синну соли гуногун доранд, дар муносибату тарбия дар оила проблемаҳои гуногун мушоҳида мегарданд. Ҳамин тариқ, ҳамаи субъектҳои раванди педагогӣ пеш аз ҳама кӯдакон бо иштироки волидон дар кори муассисаи таълимӣ манфиатдоранд. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки мо метавонем дар бораи фазои воқеии ягонаи таълимӣ ҳарф занем.

Равиши муносибати байни мураббӣ ва оила бетағийр намемонад. Пештар ба таъсири бевоситаи мураббия ба оила афзалият дода мешуд, зеро вазифаи асосии падару модарон ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандон маҳсуб мешуд. Ин ҷиҳати фаъолияти омӯзгорро "кор бо оила" меномиданд. Барои захираи вақту қувва "таълим" дар шаклҳои коллективӣ (дар маҷлисҳо, машваратҳои коллективона, дар лекторияҳо ва ғайра) ҷараён мегирифт. Дар робитаи дутарафаи МТТ ба волидайн инкишофи ҳаматарафаи ҳар як кӯдак пешбинӣ мегардад. Ба ин мақсад муносибати мураббӣ бо падару модар бо бартарӣ додан ба навъҳои инфиродии меҳнат (суҳбати инфиродӣ, машваратҳо, ташрифи оила ва ғайра) ба назар гирифта мешуд.

Усули дигари таъсир ба оила низ мавҷуд аст ва ин ҳам ба воситаи худи кӯдак. Зеро модоме, ки дар гурӯҳ ҳаёт шавқовар, ҷолиб ва пурмазмун бошад, кӯдак аз нигоҳи эмотсионалӣ дар ҳолати муносиб қарор дошта бошад, таассуроти худро ҳатман ба хонаводa нақл хоҳад кард. Барои мисол омодагии гурӯҳ ба сурудҳои ҷашнӣ, туҳфаҳо, таҳияи эскизҳо, табрикоти қофиявӣ, орзуҳо ва монанди инҳо. Дар ин ҳангом яке аз волидон дар бораи чорибинии дарпешистода аз мураббия суол карда, кумаки худро пешниҳод менамояд.

Оид ба ҳамкории боғча ва оила шабҳои истироҳатро бо иштироки мураббиён, падару модарон, кӯдакон қайд кардан бамаврид аст, аз он ҷумла фароғати варзишӣ, ҷамъомадҳо, омодагӣ ба намоишҳо ва монанди инҳо.

Муоширати мураббӣ ва оилаҳо дар ҳар як шаклу метод мақсади худро дорад ва ин мақсад бароҳмонии муносибати боваринок байни кӯдак, мураббӣ ва падару модар, ба коллективӣ устувор табдил додан якҷоя ҳал кардани мушкилотҳое, ки дар тарбияи оилавӣ пайдо мешаванд, мебошад.

Муносибати мутақобилаи мураббиён ва волидони кӯдакони синни томактабӣ тавассути:

- ❖ ҷалби волидон ба раванди педагогӣ;
- ❖ васеъ намудани доираи иштироки падару модарон дар ташкили ҳаёти муассисаи таълимии томактабӣ;
- ❖ фароҳам овардани шароит барои худшиносии эҷодии мураббияҳо, волидон, кӯдакон;
- ❖ маводҳои иттилоотию таълимӣ, намоишҳои бачагона корҳоеанд, ки ба падару модарон имконият медиҳанд онҳоро бо хусусиятҳои муҳити тарбиявию таълимии муассиса хуб шинос кунад;
- ❖ барномаҳои гуногуни фаъолияти муштараки кӯдакон ва волидон.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои муассисаи таълимии томактабӣ бо оила бояд дар заминаи ҳамкории мутақобила ба роҳ монда шаванд, ба шарте ки боғча имкониятҳои инкишофдиҳандаи шахсият ва руҳияи солимро барои кӯдакон доро бошад. Дар ҳолати истифодаи шаклҳои самарабахши ҳамкории мутақобила, бо ташаккули дурусти кори тарбиявӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва ташаббуси мураббияҳо дар робитаи доимӣ бо оила, ба роҳ мондани муносибатҳои боэътимоду ҳамкорӣ, фазои ягонаи таълимӣ ташкил кардан зарур аст, ки дар он вазифаҳои насли наврас бо комёбӣ ба камол расанд.

## 1.2. Рушди ҳамкорӣ ва муносибатҳои мусоиди МТТ ва падару модар дар ин раванд

Муассисаҳои муосири таҳсилоти томактабӣ баҳри корбарӣ аз ҳамаи намудҳои мухталифи ҳамкориҳои кӯдакистон ва оила, ки дар инкишофи давомноки монеаҳои зиёдеро аз сар гузаронидаанд, имкон пайдо кардаанд. МТТ якҷоя бо ҷомеа, рушди илму техника ба дигаргуниҳо дучор гардидаанд. Илова баро ин, зимни корбурди чунин таъсиррасониҳо ҳарду институти иҷтимоиро бояд ба назар гирифт, зеро ки ин ду институти иҷтимоӣ ба инкишофи ҷисмонию зеҳнӣ ва ахлоқии шахсияти кӯдакон замина мегузоранд.

Ҳадафи Стандарти давлатии таълим банизомдарории ҳамкориҳо байни педагогҳои МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагон мебошад. Ҳамкориҳои педагогӣ имкон медиҳанд, ки дар тарбияи кӯдакон муттаҳид гашта, малакаву маҳоратҳои педагогии падару модарро дар таълиму тарбия пурсамар гардонем ва ба ҳосилкунии таҷрибаҳои навтарин омода созем.

Оилаи кӯдак ва МТТ ба ивазкунии ҳамдигар қодир нестанд. Яке аз шартҳои муҳими ҳамкориҳо мустаҳкамшавии алоқаи боэътимод миёни оилаву МТТ мебошад. Намуди методҳои ҳамкориҳо байни падару модар ва МТТ муносибати байни онҳоро асоснок ва поягузорӣ менамоянд.

Барои фаҳмидани маънои намудҳои ҳамкории байни педагогҳо ва кӯдакони дар МТТ тарбиятгиранда вожаи “шакл”-ро дида мебароем. Дар фарҳанги тавсири С.И. Ожегов бо шарҳи зерини ҷожаи “шакл” дучор мегардем: шакл - аз лотини форма гирифта шуда, ифодаи берунаи ягон маъноро дар назар дорад. Дар фарҳанги забони русӣ вожаи “шакл” маънии роҳи татбиқ, зоҳиршавии ин ё он кор, чун намуна истифода шудани чизеро дорад.

Рушди ин ё он шакли ҳамкориҳо бо замони ташаккулёбии истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқи ҳокимияти навтаъсиси шуравӣ рост меояд.

Дар он замон чорабиниҳои гуногун барои ҷалб кардани меҳнати занон ва колхозу савхозҳо гузаронида мешаванд. Барои иштироки занон дар ҳаёти сиёсию фарҳангӣ, истеҳсолию ҷамъиятӣ МТТ-ҳо шароити мусоид бунёд месозанд.

Барои ИҶШС озод намудани модарон аз тарбияи фарзандон муфид буду ба зиммаи МТТ-и ҳамон давра, яъне яслиҳову боғчаҳои кӯдакон, лагерҳову майдончаҳои кӯдакон гузошта шуда буд. Педагогҳои ҳамон давра Н.К. Крупская, К.Н. Корнилов, Е.И. Тихеева ба кушодани боғчаҳои кӯдакон диққати калон додаанд. Мутаасифона МТТ-ҳо бо кадрҳои баландихтисоси педагогӣ таъмин набуданд ва танҳо бо нигоҳбин кардани тарбиятгирандагони худ дар вақти набудани падару модар шуғл меварзиданд. Муҳаққиқ М.Ф. Шабаева қайд кардааст, ки принсипи асосӣ дар фаъолияти боғчаи кӯдакон робита ба тарбияи оилавӣ ва ба падару модар дар тарбияи босамари кӯдакон буд. Бо ба охир расидани анҷумани сеюми умумииттифоқӣ, бахшида ба парвариши кӯдакони синни томактабӣ, брошюраҳо интишор гардиданд, ки ба волидайн ва тарбия дар оила кумак мерасонанд. Дар онҳо оид ба физиологияи синнусолии кӯдакӣ, ғизоҳидиҳӣ ва ташкили тадриси тарбиягирандагони МТТ маълумот дода шуда, масоили инсондӯстӣ ва муборизаи беамон бо хуруфотҳои динӣ дида баромада шудаанд [81, с. 291].

Ба рушди минбаъдаи шаклҳои ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон таъсиррасонии педагогикаи томактабӣ хеле калон буд. Баъд аз ташаккулёбии педагогиикаи томактабӣ (солҳои 30-юми қарни гузашта) муҳаққиқ Т.С. Куликова ин марҳиларо баррасӣ намуда, се марҳиларо нишон дод [116, с. 107]: 1) марҳилаи идеологӣ, фарогирандаи соли 1930 - 1933 ва муайянкунандаи мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ; 2) марҳилаи педагогӣ, фарогирандаи соли 1933 - 1936, ки ба фаҳмидани олами ботинии кӯдакони синни томактабӣ равонааст; 3) марҳилаи умумипедагогӣ фарогирандаи соли 1937 - 1939 ва ифодакунандаи мақоми бузурги педагогикаи меъёрӣ. Марҳилаи мазкур ашколи ҳамкориҳои навро

тавассути рӯзнома, шиорҳо, дастурҳои методӣ ба роҳ монд. Илова бар ин, марҳилаи фавкулзикр ба рушди ақоиди педагогисозии муҳит мусоидат намуд ва миқдори сершумори калонсолоне, ки донишу маҳоратҳои педагогӣ доштанд, ба раванди таълимӣ - тарбиявии МТТ ҷалб гардидаанд (Н.К. Крупская).

МТТ солҳои 1940 давраи махсусро аз сар мегузаронианд. ИҶШС ҳатто дар солҳои ҶБВ ба мактабу боғчаҳои кӯдакон диққати калон медод. Масалан, дар соли 1943 қарор дар бораи таъсиси боғчаҳои кӯдаконае, ки хусусияти санаторияви доштанд, баромад. Бо озодкунии мавзеи зебогардида барқарорсозии онҳо ба воситаи ин ё он чарабинӣ ба амал омад. Ин чорабиниҳо тариқи коллективӣ ҷараён гирифта, волидайн ва аҳли ҷамоатчигӣ фаъолона иштирок мекарданд [81, с. 217].

Дар марҳилаи душвортарини ҶБВ комиссариати ҳарбии Иттифоқи Советӣ (9.01.1944 – 10.11.1944) бо мақсади васеъсозии фаъолияти МТТ низомномаро оид ба кори МТТ таҳия намуд. Тибқи ин ҳуҷҷат МТТ он солҳо ба солимии кӯдакон бояд диққат медоданд, рушди ҷисмонии кӯдаконро таълим мекарданд, қобилиятҳои онҳоро ташаккул медоданд, малакаву маҳоратҳои худхизматрасониро бояд талқин мекарданд. Вале ёрии МТТ ба падару модар дар тарбияи оилавӣ аз ҳама муҳим буд. Барои ин корҳо низ дастурҳои гуногун таҳия гардидаанд [81, с. 278].

Дар солҳои 1970, ки бо карахтии хеш машҳур буд, дар корҳои таҳқиқотии хеш муҳаққиқон педагогикаи ҳамкориро афзалтар мешумориданд. Дар ин самт педагогҳои нававар Ш.А. Амонашвили. В.Ф. Шаталов, Е.Н. Илин, В.В. Горшкова фаъолона кор кардаанд. Давраи мазкур бо иттилоотисозии ҷамъият хос аст. Миқдори калони адабиёти методӣ, педагогӣ бароварда шуд. Дар кор бо оилаи кӯдакон ва навъҳои аёнию ахборотӣ ва маърифатӣ - таълимӣ диққати калон дода шуд.

Дар солҳои 1980 ва 1990 навъҳои ҳамкорӣ байни оилаву МТТ-ҳо дигаргун гардидаанд. Муҳаққиқон ба алоқаи дутарафаи муфид, ва муносибати дутарафаи байни мураббиву падару модар диққати калон

медоданд. Масалан соли 1986 Т.А. Маркова навиштааст, ки ба истифодабарии навъи ягонаи ҳамкорӣ байни МТТ ва падару модар аз ҳама муҳимтар аст [40, с. 195]. Т.А. Маркова чунин меҳисобад, ки авомили синусолӣ дар интихоб кардани ин ё он шакли ҳамкорӣ асосӣ мебошад. Чунончӣ, бо падру модаре, ки фарзандаш дар гурӯҳи хурд тарбия мегирад, ба таври индивидуалӣ бояд ҳамкорӣ намуд. Агар бо оилаи кӯдакон мураббӣ шахсан шинос бошад, алоқаҳои дигари педагогӣ аз қобили суҳбату машварат ва ҳоказо дуюмдарача мегарданд. Ба андешаи муҳаққиқ, ба кор бо падару модаре, ки фарзандонашон дар гурӯҳи калон тарбия мегирад, бояд диққат дод, чунки дар ин кор душвориҳо ҷой доранд. Дар гурӯҳҳои омодагӣ ба МТМУ корҳои маишию бозӣ ва ғайра роҳандозӣ мегардад. Дар ин гурӯҳи синусолӣ ҳар як кӯдаконро ба МТМУ омода месозанд ва мураббиён ин омодагиро ба волидайни кӯдакон бояд нишон диҳанд. Дар ин давра шаклҳои навтаринро низ бояд ҷустуҷӯ кард, вале он ҳадафи ягонагиро набояд дошта бошад. Зимни корбурди шаклҳои навтарин ҷойгоҳи он бояд муайян гардад, арзиши ин шакл ва вақти ба он сарфашавандаи мураббиёну падару модарон ба назар гирифта шавад.

Дар солҳои 1985-1990 ҳамкорӣ байни мураббӣ ва падару модар аҳамияти калон пайдо мекунад. Он ҷараёне мураккабест, ки бо гузаронидани мубоҳисаву конференсияву мизи мудаввари гуногун мураббиёну падару модаронро дар тарбия кардани тарбиятгирандагони МТТ баробарҳуқуқ кардааст. Дар солҳои 1990 вазъи сиёсию иқтисодии кишвар тағйир ёфту ин вазъ оромтар гардид. Асоси ҳамкориҳоро фаҳмондадиҳиҳои гуногун дар матбуоти даврӣ (маҷалла, рӯзнома) ташкил доданд.

Сарфи назар аз ин дар ибтидоӣ солҳои ҷорӣ дар ҳамкориҳои мураббиён бо падару модарон ин ё он шакли самаранокӣ ҳамкорӣ аҳамият пайдо кард. Муҳаққиқон дар ибтидоӣ асри XXI таҷрибаи пешинаро ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ намудаанд. Масалан О.Л. Зверева, Т.В. Кротова (2007) дар китобаш “Муошироти педагог бо волидайни

тарбиятгирандагони боғчаи кӯдакон” муоширати мазкурро ба анъанавию ғайрианъанавӣ гурӯҳбандӣ кардааст. Шаклҳои анъанавии муоширатро ба таври зайл ҷудо кардааст:

- коллективӣ, ки ба он маҷлиси волидайн (дар гурӯҳ соле се ё чор маротиба, ҳам ба таври умум бо тамоми падару модарони кӯдакон дар ибтидо ва интиҳои сол), машварат бо гурӯҳ, конференсияву семинарҳо шомиланд;

- инфиродӣ, ин машварату маслиҳат, суҳбатҳои шахсиро дар бар мегирад;

- аёниву ахборотӣ - ҷузвдони сайёр, намоишгар, сурат, рӯзи дарҳои кушоди МТТ.

Ба ақидаи Т.В. Кротова (2007), ки якчанд дастури илмию амалиро оид ба ҳамкориҳои мураббӣ бо падару модар таҳия ва ҳамкориҳоро бо анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ тасниф намудааст. Ӯ шакли ахборотӣ - таҳлилиро аз шаклҳои аёнӣ - ахборотӣ берун баровардааст. Ба андешаи ӯ, шакли фароғатию шакли маърифатӣ бояд гурӯҳи алоҳидаро ташкил кунанд [105, с. 64].

Шакли ахборотӣ - таҳлилӣ ҳадафи зеринро дорад: ҷамъоварӣ, таҳия, корбурди маълумот дар бораи оилаҳои тарбиятгирандагон, савияи донишҳои маърифатӣ ва педагогии волидайн, муомилаи волидайн бо кӯдакон дар тарбияи оилавӣ, майлу рағбат ба ахбороти педагогию психологӣ.

Методи фароғатиро барои ташкили муносибати ғайрирасмии мураббиён бо падару модарон, муносибатҳои эътимодноки падару модар ва кӯдакон бояд истифода бурд.

Шакли маърифатии муошират ҳадафҳои зеринро дорад: шинос кардани падару модар бо хусусиятҳои психологӣ ва синусолӣ кӯдакон, пешниҳоди методҳои тарбиявие, ки дар падару модар маҳоратҳои амалиро ташаккул медиҳанд. Онҳо ба шакли ҷаласа, маслиҳатҳо дар гурӯҳ ва ҳоказо гузаронида мешаванд. Шаклҳои номбурда қаблан ҳам корбурд

мегардиданд, вале дар замони муосир онҳо чун шаклҳои муоширaт байни мураббӣ ва падару модар ба тағйирот дучор шудаанд. Муколамаи дутарафа, ошкоро баён кардани фикри худ муносибати самимона дар муошират дутарафа даст кашидан аз танқидкунӣ арзёбии ҳамсуҳбатони худ ба ин навъи муошират дохил мешаванд

Муошират аёнӣ - иттилооти миёни педагогу волидайни кӯдакон чунин ашколро доро мебошад: 1) шинос намудани волидайни кӯдакон бо шароит ва усулҳои тарбиявӣ дар фаъолияти кӯдакистонҳо; 2) арзёбии дурусти корҳои педагогҳои МТТ; 3) аз нав дида баромадани методҳои тарбия дар оила; 4) баҳодиҳии объективӣ ба фаъолияти тарбиядиҳандагони кӯдакистонҳо ва ҳоказо. Ҳамзамон, онҳоро ба ашколи шиносоии иттилоотӣ ва иттилоотию маърифатӣ тасниф мекунанд.

Дар асари хеш “Боғчаи кӯдакон ва оила: методикаи кор бо волидайн” [64. с. 90] Е.С. Евдокимова, Н.В. Додокина ва Е.А. Кудрявсева се гурӯҳи шаклҳои ҳамкориро ҷудо мекунад.

Ҷадвали № 1. Таснифи шаклҳои Е.С. Евдокимова, Н.В. Додокина ва Е.А. Кудрявсева

| Пажуҳиши имкониятҳои тарбиявию таълимии таълимгирандагон ва оилаи онҳо | Ҳамкории ахбороти - таълимӣ | Кори муштараки педагог бо падару модар |
|---|---|---|
| ➢ Рафтан ба хонаи тарбиятгиранда<br>➢ Мусоҳиба<br>➢ Анкетаронӣ<br>➢ Навиштани иншо<br>➢ Суҳбат<br>➢ Шиносоӣ бо | ➢ Мусоҳибаи фардӣ<br>➢ Машварарт<br>➢ Ҷаласаи падару модарон<br>➢ Гӯша<br>➢ Маълумотнома<br>➢ Буклет | ➢ Саҳифа<br>➢ Шаби назму суруд<br>➢ Шенбегӣ дар оила<br>➢ “Меҳмонхонаҳои оилавӣ”<br>➢ Рӯзи оилаи тарбиятгирандагон |

| | | |
|---|---|---|
| оилаи тарбиягиранда<br>➢ Рӯзҳои дарҳои кушода дар кӯдакистон<br>➢ Вохӯриҳо | ➢ Рӯзномаи деворӣ<br>➢ Рӯзномаи даҳонӣ<br>➢ Муоширати педагог бо падару модар<br>➢ “Қуттии почта”<br>➢ Намоишгоҳ | ➢ Маҳфилҳо<br>➢ Идҳои гуногун дар МТТ<br>➢ Сайру гашти якҷояи мураббиён, кӯдакон ва волидайн<br>➢ Фаъолияти лоиҳавӣ<br>➢ Театри оилавӣ |

Маълумоти дар боло овардашуда маълум намуд, ки муҳаққиқон дар бораи се шакли ҳамкорӣ маълумот додаанд. 1) пажуҳиши имкониятҳои таъбиявию таълимии МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагон. Олимони педагог методҳои мухталифро баррасӣ намудаанд. Рағбатнокии падару модар ва кӯдакони онҳо бори аввал ба низом даровarда шудааст; 2) ахборотӣ – таълимӣ: аз ҳамкориҳои миёна ба МТТ ва оилаи тарбиятгирандагон иборат аст; 3) фаъолияти муштараки педагог бо волидайн “Ба он шаби базму суруд, якшанбегӣ дар оила, саҳифа, рӯзҳои оилаи тарбиятгирандагон ва ҳокаҳо” дохил мегарданд.

Ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо кардани шаклҳое, ки дар асоси кушода будани онҳо, самимият, танқид кардани ҳамсуҳбати худ ба вуҷуд омадаанд, дар дастури зери унвони “Ҳамкориҳои педагогӣ дар МТТ” дар такмилу таҳрири Н.В. Макеляев [146, с. 48] пешкаш гардидааст.

Ҷадвали № 2. Гурӯҳбандии ашколи ҳамкориҳои Н.В. Макеляев

| | | |
|---|---|---|
| Гурӯҳбандии ашколи ҳамкориҳо | ➢ Ашколи маърифатии созмон<br>➢ Ашколи ғайрианъанавӣ дар муоширати мураббӣ бо падару модар<br>➢ Ашколи аёнию ахборотӣ дар ҳамкориҳо | Баҳсҳо |
| | | Маслиҳатҳо |
| | | Ахборотӣ - шиноскунӣ |
| | | Ахборотӣ - маърифатнокӣ |

<table>
<tr><td rowspan="2"></td><td rowspan="2">➢ Ашколи фароғатӣ дар ташкил намудани муоширати мураббӣ бо волидайн<br>➢ Ашколи инфиродӣ дар муоширати мураббӣ бо падару модар<br>➢ Ашколи ба ҷалбкунии падару модар ба идоракунии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ алоқаманд</td><td>Чорабинии якҷояи мураббӣ, падару модар ва кӯдак</td></tr>
<tr><td>Чорабинии якҷояи мураббӣ бо падару модар</td></tr>
</table>

Ҳадафи ашколи маърифатии фаъолияти педагог бо волидайни тарбиятгирандагон такмили дараҷаи маърифатнокии волидайни тарбиятгирандагон дигаргунсозии афкори қаблиашон дар илми педагогика мебошад. Ин ашкол суҳбату машварат ва шаклҳои анъанавии таълим бозиҳо, семинарҳову амалияҳо ва ғайраро дар бар мегиранд (Л.В. Островская).

Дар ҳамкориҳои педагогӣ шаклҳои аёнӣ - ахборотӣ аввала ба ҷамъ овардан, коркард намудан ва истифода бурдан аз маълумот оид ба ин ё он масъалаи тарбиятгирандагон, дараҷаи баланд ё пасти маърифати волидайни тарбиятгирандагон мавҷудияти донишу малакаҳои педагогӣ дар падару модарон, аз тарафи дигар, ба шиноскунии падару модар бо моҳияту методҳои тарбияи тарбиятгирандагони МТТ равонаанд, қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Ин дастури методӣ (дар таҳриру такмили Н.В. Макляев) аз осори муҳаққиқони қаблӣ, аз қабили Е.С. Евдокимова, Н.В. Додокина, Е.А. Кудрявсева ва дигарон бо он тафовут дорад, ки шакли аёнӣ - ахборотиро ба ду гурӯҳи баробар тақсим кардааст: 1) ахборотӣ - шиноскунии падару модарон бо хусусиятҳои таҷрибавии МТТ, бо кори мураббиён; 2) ахборотӣ - маърифатӣ, ки ба ғанӣ гардонидани донишу малакаҳои падару модарон оид ба хосагиҳои рушди ҳаматарафаи кӯдак дар МТТ нигаронида шудааст [146, с. 68].

Ашколи фавқуззикр дорои хусусиятҳои зерин мебошад: педагогҳо бо волидайн ба воситаи интишорот, бароҳмонии ин ё он намоишгоҳ муошират мекунанд. Аз ин рӯ онҳо махсус гурӯҳбандӣ мегарданд.

Ашколи маърифатӣ дар ташкил намудани муошират аз тарафи як қатор муҳаққиқон, аз он ҷумла Т.В. Кротова муқаррар гардидааст [106, с. 56]. Тибқи ақидаи ин муҳаққиқон, зимни диққати калон додан ба моҳияти педагогии чорабиниҳо аз тарафи педагогҳо таъмини ашколи фароғатӣ дар ташкили муошират байни онҳо бо волидайн самараи хубтар медиҳад.

Муҳаққиқон шакли навтаринеро интихоб намуданд, ки ба равонасозии фаъолияти волидайни тарбиятгирандагон ба идоракунии кӯдакистон робита дорад. То ба имрӯз идоранамоии кӯдакистонҳо ба зиммаи коллективу роҳбарияти муассиса гузошта мешуд. Ба андешаи муҳаққиқон падару модарон ба доимо ташкил кардани конференсияҳо бояд ҷалб гарданд. Ва онҳо ду намуди якҷояи корро дар сатҳи қабл аз идоракунии муштараки муассисаи таълимии томактабӣ қайд менамоянд.

- ташкил кардани ҳар як чорабинии муштарак байни педагогҳо ва падару модарон: ҷаласаҳои волидайни тарбиятгирандагон, мусоҳибаҳо, шомҳо, маҳфилу конференсияҳо барои волидайни тарбиятгирандагон, намоишгоҳҳо, баҳсҳо (диспутҳо), шуроҳҳои омӯзгорӣ, суҳбат бо роҳбарияти кӯдакистонҳо, комитети падару модарони кӯдакони тарбиятгирандаи МТТ, рафтан ба хонаи онҳо;
- якҷоя гузаронидани чорабинӣ (бо иштироки падару модарони кӯдакони боғчаҳои кӯдакон ва кормандони МТТ): маҳфилҳо, идҳо, саволу ҷавобҳо ва ғайра.

Дар шароити ҳозира ташкил кардани сомона барои МТТ методи муҳимми ҳамкориҳо мебошад. Инро Н.В. Макеляев низ тасдиқ мекунад [146, с. 68]. Механизмҳоеро, ки ҳамкориҳои сомонавиро байни МТТ ва оилаи тарбиятгирандагон фаъол мегардонанд, Н.В. Макеляев пешкаш мекунад:

1. Бо ахборот дастгирӣ намудани оилаҳо. Он солимии таълимгирандагон, вазифаҳои рушддиҳӣ, ҳамоҳангсозӣ, ки маълумотро дар атрофи МТТ, кадрҳои он ва ғайра дар бар мегиранд, ҳифзу мустаҳкам мекунад.
2. Ба доираи ахборотии МТТ ворид сохтани оилаҳои тарбиятгирандагон. Бахши мазкур вазоифи зеринро дар ҳамкории байни МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагон нишон медиҳад: иртиботӣ, ташхисӣ, ва ислоҳотӣ, сохторӣ - ташкилӣ.
3. Фаъол сохтани мавқеи педагогию иҷтимоии оилаҳои тарбиятгирандагон дар ҷараёни алоқаи зич бо МТТ. Худтакмилдиҳӣ дар соҳаи педагогика ба он илова мегардад.

Дар шароити имрӯза шабакаи Интернет чун шабакаи умумиҷаҳонӣ ва воситаи дастраси пахши иттилоот тамоми соҳаҳоро фаро гирифтааст. Ва дар самти ҳамкории педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо волидайн бошад, муҳаққиқ Макляева Н.В. ашколи нави ҳамкориҳои педагогӣ бо падару модарон (Академияи падару модарон)-ро пешкаш кард. Муаллиф муодилаҳои зерини Интернетро ҷудо намудааст: 1) ташкил намудани саҳифаи хосса дар сомонаҳои боғчаҳои кӯдакон, ки аз видеожурналҳои махсус барои волидайни тарбиятгирандагон таркиб меёбанд: “Як рӯзи ман дар боғчаи кӯдакон”, мактубҳои овозӣ барои кӯдакони МТТ “Модарам – дар барам”, кумакрасонии маслиҳатӣ, назарпурсӣ, иттилоот дар бораи ин ё он озмун ва ҳоказо.

Варианти №2 - дар доираи интерактивӣ муошират байни падару модарон ва педагогҳо фаъол гардонида мешавад. Варианти №3 - барои падару модароне, ки фарзандонашон ба МТТ рафтанӣ нестанд. Ин вариант дар асоси вариантҳои қаблӣ ба вуҷуд омадааст. Муаллифи мазкур дар иншои худ “Сомона чун яке аз васоити амсиласозии навгониҳо дар ҳамкориҳо миёни МТТ бо оилаҳои кӯдакони тарбиятгиранда” шакли инноватсионии ҳамкорӣ - интерент - маҳфилро ифода менамояд, мебошад [146, с. 52].

Баъд аз таҳлили гурӯҳбандиҳо оид ба ашколи ҳамкориҳои педагогӣ байни МТТ ва оилаҳои тарбиятгирандагон мо 7 шакли ҳамкориро интихоб кардем (ҷадвали №3).

1. Ошкоркунии тавсифи ҷомеавии оилаҳои тарбиятгирандагон, хоҳишҳои оилаҳо, анъанаҳо ва принсипҳои тарбиявӣ зимни бароҳмонии онҳо дар оилаи кӯдакон, сатҳи огоҳии падару модарон оид ба масъалаи баррасишаванда ашколи таълимиро ташкил медиҳанд. Инчунин волидони кӯдакон оид ба фаъолияти кӯдакистон тасаввуроти калонро бояд ба даст оранд. Тибқи ин ашкол, волидайни кӯдакон ва кормандони МТТ бояд якдигарро омӯзанд.
2. Бахши фаъолияти маърифатию мушаххасгардонӣ. Инкишофи донишу маҳоратҳои методии волидайни кӯдакон оид ба педагогикаю психология мақсади асосии ин бахшро ташкил медиҳад. Волидайн бояд эҳсос кунанд, ки дар тарбияву таълими кӯдакони хеш нақши асосиро мебозанд. Ашколи фаъолияти маърифатию мушаххасгардонӣ ба ду қисм тасниф мегарданд: инфиродию коллективӣ, зеро хоссагиҳои ҳар як оилаи тарбиятгирандагони МТТ-ро алоҳида - алоҳида бояд ба ҳисоб гирифт.
3. Ашколи фароғатӣ чун кори якҷоя барои барпо кардани муносибати инфиродии боваринок байни МТТ ба оилаи тарбиятгирандагон тавассути навгониҳо корбурд мегарданд.
4. Ашколи аёниятии ҳамкориҳо дар пойгоҳи инъикоскунии падару модарон бо фаъолияти МТТ бой гардонидани савияи донишу маҳорат ва малакаҳои падару модарон дар масоили педагогӣ ба вуҷуд меоянд.
5. Бахши ҳамкориҳои интернетӣ. Ҳадафи он омӯзонидани маърифат бо падару модар додани ахборот ва оилаи тарбиятгирандагон, дохил кардани падару модар ба муҳити ахборотии МТТ ва ҷалб кардани падару модарон ба ҳамкориҳои дутарафа мебошад.
6. Бахши ашколи ғайрианъанавии кор тағйиротеро, ки дар давоми солҳои охир дар самти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар руй

додаанд, дар назар дорад. Мақсади ин бахш - “кушодашавии дохилӣ”-озоду боҷуръат, гуногуншакл гардонидани ҷараёни тарбия ҳисоб меёбад. Методҳои интерактивии (ғайрианъанавӣ) мақсади инкишоф додани тайёрии инфиродии падару модар ба ҳамкориҳо бо педагогҳо мавриди истифода қарор меёбанд.

7. Бахши ашколи ҷалб кардани падару модар ба идора кардани МТТ. Бахши мазкур муттаҳидсозии тамоми методҳои фаъолиятро дар бар мегирад. Ҳадафи он - ёрӣ ба мураббиён, чунки комитети падару модарон педагогҳоро бо падару модарон, МТТ-ро бо созмонҳои ҷамъиятии кишвар алоқаманд месозад.

Ҷадвали №3. Ашколи ҳамкориҳои педагогӣ байни МТТ ва оилаҳо

| **Ашколи ҳамкориҳои педагогӣ байни МТТ ва оилаҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Ашколи аналитикӣ** | **Ашколи маърифатӣ - таълимӣ** | | **Ашколи истироҳати муштарак** | **Ашколи воситаҳои аёнӣ** |
| **Ашколи омӯхтани оилаи тарбиятгирандагони кӯдакистонҳо аз ҷониби мураббиён**<br>➢ назарпурсӣ;<br>➢ рафтан ба оилаҳо;<br>➢ тестиронӣ;<br>➢ шиносоӣ бо сатҳи иқтисодии оилаҳои тарбиятгирандагони МТТ | **Ашколи омӯхтани кӯдакистон аз ҷониби падару модар**<br>➢ рӯзи дарҳои кушода;<br>➢ мусоҳиба;<br>➢ тестиронӣ<br>➢ сомонаҳои кӯдакистонҳо | **Фардӣ**<br>➢ мусоҳиба;<br>➢ маслиҳат;<br>➢ буклет;<br>➢ маълумот;<br>➢ фаъолият бо тарбиятгирандаго ни маъюб | **Коллективӣ**<br>➢ маҷлисаи волидайн;<br>➢ конференсия;<br>➢ семинар;<br>➢ маърӯза;<br>➢ баҳсҳо;<br>➢ мизҳои мудаввар;<br>➢ рӯзномаи даҳонӣ<br>➢ сайру гашти якҷоя<br>➢ маҳфилҳо<br>➢ кори мураббӣ бо лоиҳа;<br>➢ кӯдакон ва волидайни ӯ | ➢ нашрия;<br>➢ рӯзномаи деворӣ;<br>➢ маълумотнома;<br>➢ буклет;<br>➢ “қуттиҳои почтавӣ”<br>➢ “сабадҳо ахборотӣ”<br>➢ намоишгоҳ; |

| **Ҳамкориҳо ба воситаи Интернет** | **Методҳои корҳои ғайрианъанавӣ** | **Методҳои ҷалби падару модар ба идора кардани кӯдакистонҳо** |
|---|---|---|
| - сомонаҳо;<br>- гурӯҳои оилавӣ;<br>- бахшҳо;<br>- вебинар;<br>- академияи интернетӣ;<br>- семинари онлайнӣ;<br>- веб – конференсияҳо. | - тренинг;<br>- дарсҳои намунавии кушод;<br>- озмоишгоҳи таълимӣ;<br>- бозиҳои таълимӣ;<br>- амалияҳо. | - кор бо шурои ҳамагӣ;<br>- кор бо кумитаи падару модарон |

Ҳамин тариқ, солҳои охир ашколи ҳамкориҳо ба тағйирот дучор гардидаанд. Авомили муайянкунандаи чунин тағйирёбиҳо - таъсиррасонии давраи муосир, рушди технология ва техника, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар замони муосир мебошад. Аз андешаҳои фавқулзикр бояд чунин хулосабарорӣ кард: МТТ бо мақсади татбиқи самаранокӣ вазоифи педагогӣ азнавсозии мундариҷаи кор бо тарбиятгирандагони МТТ-ро пеша гирифта, авомилу васоити таъсиррасонӣ ба тарбиятгирандагонро бояд пажуҳиш кунад. Мураббиёни МТТ дар тарбияи оилавии кӯдакон ҳамфикру иттифоқчиёни падару модар бояд бошанд. Ҳоло дар илми педагогика ашколи мухталифи ҳамкориҳо байни МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон коркард шудааст. Бештари онҳо аллакай самаранокии худро собит кардаанд. Бахри амалигардонии муносибати мазмуну тафриқавӣ бо хонаводаҳои тарбиятгирандагон маҷмӯи шаклҳои ҳамкории педагогии МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон таҳия карда шудааст.

Вазоифи дар пеши МТТ истода инҳоянд: ошкорбаёнии мураббӣ ва оила, ҳамкориҳои қавии МТТ бо созмонҳои ҷамъиятӣ, баровардани қарорҳое, ки ба ҷанбаи тарбиявии МТТ дохил мекунад. Дар чунин ҳолат ҳамшарикии наздику аз ҳама муҳим падару модари кӯдакон ҳисоб меёбад.

Ба ақидаи педагогҳо, барои МТТ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ волидайн фармоишгари асосӣ шуморида мешаванд. Аз ин рӯ, дар кори худ мураббиён аз ниёзу анфиатҳои оилаҳои тарбиятгирандагон бояд воқиф бошанд. Барои ин дар ҷаҳони ҳозира кӯдакистонҳо диққати асосиро ба пажуҳиши усулҳои фаъол бояд равона созанд, эҳтиёҷоти ҳақиқии волидайнро дар тарбия аз мадди назар дур накунанд, падару модаронро дар пешбурди кори МТТ фаъол гадонанд, дар ҳаёт роҳ нишон диҳанд. Таҷрибаи пешинаи ҳосилшудаи фаъолият бо падару модари тарбиятгирандагон сохтору анъанаҳо ва низоми арзишҳои оилавиро ба ҳисоб намегирифтанд. Дар раванди ҳамкориҳои МТТ бо падару модарон тафриқагузории падару модарон вазъи иҷтимоии оилаҳо пешниҳодоти  падару модарон, саъю кӯшиши онҳо ба беҳгардонии сифати тарбияи оилавӣ муҳим аст.

Дар чараёни тарбияи кӯдакон падару модарон субъектҳои чараёни таълимӣ, фаъолиятӣ ва маърифатӣ буда, тағйиротро дар худу фарзандонашон ба вуҷуд меоранд.

Ҳадафи муассисаҳои таълимии томактабиро аз ҳамкорӣ бо волидон: ошно гардидани онҳо бо кӯдакистон ва пешниҳод кардани маълумот оид ба масъалаҳои кӯдак дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ташкил менамояд.

Принсипҳои фаъолияти ҳамгирои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидон дар зер оварда шудааст.

Бинобар ин, кори МТТ нисбати волидайн тағйир меёбад. Ҳоло МТТ-ҳо на танҳо дар тарбия кардани тарбиятгирандагон шуғл варзанд, балки дар тарбияи кӯдакон ба падару модарон кӯмак мерасонанд. МТТ-ҳо вазифадоранд, ки ба муайянсозии ҳар як шарти ҳамкориҳо бо волидайни кӯдакон, такмил додани методҳои корҳои тарбиявӣ пардозанд, на танҳо тарбия кунанд, балки дар ҳалли мушкилоти гуногуни тарбияи оилавӣ ҳамшарикӣ волидайн гарданд. (Расми № 1)




Расми № 1. Принсипҳои ҳамкории муштараки МТТ бо оилаи кӯдакон

Дар ҳалли масъалаҳои мазкур волидайн нақши асосиро мебозанд. Дархости падару модарон барои тарбияи комил ва муваффақи фарзандон,

муносибатҳои масъулиятноки бар зиммадошта як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги педагогии волидон маҳсуб мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло вазифаҳои асосиеро мушаххас кардан имконпазир мебошад, ки ҳоло МТТ-ҳо дар назди худ пешбарии фаъолияти навро бо падару модарон гузоранд.

МТТ падару модарро субъектҳои баробарҳуқуқ дар ҷодаи тарбияи кӯдакон донад, дар корҳои тарбиявӣ ба волидайн кумак расонад, ба онҳо ҳамкориҳои педагогиро ба роҳ монанд, ба тарбияи кӯдакон ҷиддӣ машғул шавад, ба инкишофи донишу маҳорати кӯдакон кумак расонад.

Имрӯз чунин низоми фаъолият ва амалиётҳо вуҷуд дорад, ки дар робита ба ҳамкорӣ бо волидайн ва кӯдакистонҳо нигаронида шудааст:

- муайян сохтани равобити аввалӣ байни кӯдакистон ва оилаҳои тарбиягирандагон:

- ҷалби волидайни кӯдакон ба кӯдакистонҳо то оғози машғулиятҳо;

- рафтани кормандони МТТ ба оилаҳо барои ҳамкориҳои судманд бо волидайн;

- додани маълумот ба падару модарон дар бораи кори МТТ;

- мавриди муҳокимаи ҳар як кӯдак қарор додани ин ё он шарти боздид;

- имзокунии шартномаи байни МТТ ва оила.

- Алоқаи педагогҳои МТТ бо падару модар ашколи зеринро дорад:

- суҳбату вохӯриҳои расмию ғайрирасмии мураббиён бо падару модарон оид ба муваффақиятҳо дар таълиму тарбияи тарбиятгирандагон;

- шиносоии падару модарон оид ба фаъолияти фарзандони хеш;

- тавсияву пешниҳодот оид ба вазъи саломатии кӯдакон аз ҷониби духтурони кӯдакон, ташрифи волидайн барои дастрас намудани маълумоти лозима дар бораи фарзандон.

- Пешниҳод ба волидон оид ба расонидани кумак ба муассисаи таълимии томактабӣ ба ҳайси сарпараст ё муассис.

➢ Падару модарони кӯдакон ҳуқуқи комил доранд, ки ҳар рӯз иштирокчии чорабиниҳои тарбиявӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ бошанд.

➢ Волидон дар хона корро бо фарзандони худ тибқи барномаи таъйиннамудаи муассисаи таълимии томактабӣ идома медиҳанд.

➢ Падару модарон ба таври умумӣ дар хусуси кори МТТ ва тарбияи кӯдакони хеш дар он қарор бароварда метавонанд.

➢ Падару модарони кӯдакон метавонанд, ки дар ин ё он курси таълимӣ - тарбиявӣ ва ташкили маҳфилҳо барои волидайн ширкат варзанд.

➢ Зимни ҳалли тамоми масоили тарбиявӣ МТТ кӯмаки худро ба падару модарон дареғ намедоранд.

Бо мақсади ҳамкорӣ кардан бо падару модарон мураббӣ бояд аз ҳар як принсипи зерини муошират истифода барад:

- дастрасии МТТ барои оилаи тарбиятгиранда. Волидайн ҳуқуқ доранд, ки аз сифати таълиму тарбияи кӯдакони хеш ва инкишофи ҷисмонӣ, маърифатӣ ва равонии онҳо бохабар шаванд.

- эътимоднокӣ ва ҳусни тафоҳум ҳамкориҳои волидайну МТТ-ро самаранок мегардонанд.

- бунёди шароит барои инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон, шаклҳои мухталифи ҳамкориҳои педагогҳо бо таълимгирандагон, ки дар он фаъолияти МТТ ва оилаҳо бояд якхела бошад;

- таҳлил кардани масоили тарбиявӣ ва рушди хусусиятҳои хоси тарбиятгирандагон.

Зимни банақшагирии кори бобарору мусбии байни волидайн ва МТТ дар инкишофи ҳаматарафаи тарбиятгиранда дархости волидайн зарур мебошад. Педагогҳо бо падару модарон пурсишномаҳоро бояд гузаронанд ва бо онҳо суҳбат кунанд. Ба ахбороти саривақтии педагог кори волидони кӯдаконро бояд ба танзим дарорад, усулҳои ҳамкориҳоро бо оила ҷустуҷӯ кунад.

Ҳоло МТТ нисбати тағйироте, ки дар ҷомеаи мирӯза ба вуҷуд омадаасту вазъи иҷтимоии ҳар як оила аз он вобаста аст, набояд бетарафӣ зоҳир намуд. МТТ бояд доимо инкишоф ёбад. Бо дарназардошти ин мавзуи ҳар як чорабиние, ки пешбинӣ мешавад, мувофиқи вазъи ҳар як оилаи тарбиятгиранда гузаронидан лозим аст.

Мураббиён бо волидайн алоқаи дурусту муоширати дӯстонаро ба роҳ монанд. Ифодаи шавқу ҳаваси ҳақиқӣ, фаъолият бо ниятҳои нек онҳоро ба худ ҷалб мекунад.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳоло зимни ташкил кардани корҳо бо волидайн мураббиёни МТТ аксаран дар бораи шумораи чорабиниҳо фикр меронанду сифати корро ба инобат намегиранд. Аммо бояд ба хотир гирифт, ки чорабинии бо падару модар суст гузаронидашуда таъсири манфиро ба МТТ расонида метавонад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ҳар як чорабиние, ки дар нақшаи корҳои тарбиявӣ ҷой дорад, мукаммал бояд таҳия ва пешкаш гардад.

Дар замони муосир ҷомеа талаб мекунад, ки МТТ фазои рушди тарбиятгирандагонро дар МТТ ва оилаи кӯдакон густариш диҳад ва падару модарон чун субъектҳои баробарҳуқуқи раванди таълиму тарбия бояд нақши созандаро бозанд. Дар ин раванд робитаи падару модарон ва муассисаҳои таълимӣ, ки дар асоси ҳамкориҳои дуҷониба асос меёбад, метавонад кафили муваффақият дар тарбияи сатҳи баланди кӯдакон, қонеъ гардонидани волидон дар муқобили талаботҳои хеш аз рафти машғулиятҳо ва инкишофи фазои ягона гардад.

Айни ҳол, равияҳои тарбияи томактабӣ дар доираи як меъёри муҳим - сифат муттаҳид гардидаанд. Маҳсулнокии ҷараёни тарбия ва инкишофи кӯдак, ҳамкории боғчаи бачагон ва падару модарон ба салоҳияти касбии ҳам мураббиён ва ҳам маданияти педагогии худи падару модарон вобаста аст. Стандарти давлатии таълими томактабӣ яке аз омилҳои муассири рушди ахлоқию маънавӣ, тарбияи кӯдакони синни томактабӣ, иҷтимоисозии онҳо - баланд бардоштани маданияти педагогии волидон,

мукаммалгардонии донишу мҳоратҳои тарбиявӣ дар доираи оилаи хеш ҳисоб меёбад.

Дар шароити ҳозира нақшаи кории кӯдакистон барои як соли таълим ба нақшаи ташаккули идора кардани кӯдакистон тибқи татбиқи Стандарти давлатии ТТ мутобиқ карда шудааст. Бахши «Муомила бо падару модарон» унсури ҳатмӣ хоҳад буд, зеро он шаклҳои ҳамкории пурраи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаҳои кӯдакони синни томактабӣро инъикос мекунад. Ҳамкориҳо дар доираи амалигардонии Стандарти давлатии ТТ дар ҷараёни муошират кардан бо оилаи тарбиятгиранда аҳамияти калон доранд, вале он хоссагиҳои маҳаллиро дошта, дар он падару модари тарбиятгиранда иштирок карда метавонанд.

Ба андешаи муҳаққиқон, танҳо дар ҳолати кушодагӣ ба дастрасии низоми ягона МТТ дархостҳои падару модаронро қонеъ гардонида метавонад. Пештар фаъолона иштирок кардани пдару модарон дар шинос шудан бо тарбиягирии фарзандони хеш дар МТТ муҳим набуд. Шароити кунунӣ бошад, аз педагогҳо талаб мекунад, ки падару модаронро ҳам ба раванди таълиму тарбия шинос ва ба масъулиятшиносӣ дар таълиму тарбияи фарзандони худ ҷалб намоянд. Дар чунин ҳолат волидайн дар ҷараёни таълиму тарбия фаъолона иштирок карда, фаъолияти педагогҳоро мавриди мушоҳидаи махсус қарор дода, чун субъекти бевоситаи таълиму тарбия бо педагогҳои таҷрибадор, мураббиён, тарбиятгирандагони дигар МТТ суҳбат мекунад.

Падару модарон зимни ташрифи хеш бо муассисаи таҳсилоти томактабӣ метавонанд дар нақшҳои гуногун бо сифати “Меҳмон” ё “Ихтиёрӣ” баромад намоянд. Дар тайёр кардани чорабиниҳо ба мураббӣ оила метавонад кумакрасони беҳтарин бошад, маҳорати худро бо кӯдакон ва тарбиятдиҳандагони онҳо нишон диҳад. Мураббӣ бошад, барои воҳӯрӣ бо гурӯҳҳои кӯдакон, бавуҷудории ҳамкориву робитаҳои наздик волидайнро водор намуда тавонад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мураббии муосири муассисаи таълимии томактабӣ бояд дар бораи равишҳои ташаккулдиҳандаи малакаю маҳорати волидайн барои самаранок ба роҳ мондани ҷараёни тарбия тадбирҳои судманд андешида, нақшаҳои дурандешона тартибдодашударо ба кор барад. Мувофиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" педагогҳо барои волидайн ҳамшарики баробарҳуқуқ буда, дар ҷараёни таълиму тарбия чун субъекти он волидайнро эътироф намоянд.

Дар шароити ҳозира шакли нави алоқаи МТТ бо падару модарон воқиф будан аз афзалиятҳои тарбияи оилавӣ мебошад. Муносибатҳои мазкурро ҳамкориҳо гуфтан мумкин аст. Ҳамкориҳои педагогӣ миёни волидайни кӯдакон ва педагог дар асоси принсипи баробарӣ ва фаъолияти якҷоя бояд ба роҳ монда шавад ва аз ин кормандони кӯдакистонҳо бояд воқиф бошанд.

Қисме аз мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ чунин мешуморанд, ки вазифаи асосии онҳо аз волидон талаб кардан, фаҳмондан ва машварат додан оид ба тарбияи фарзандон, бо истифодаи шаклҳои фармондиҳии кор мебошад. Дар чунин ҳолат волидон бо муассисаи томактабӣ робита барқарор кардан нахоста, дар алоҳидагӣ амал менамоянд.

Зимни бароҳмонии фаъолият бо падару модарон нақши асосӣ ба зиммаи педагогҳо вогузор мегардад, зеро онҳо усулҳои мухталифи кор бо волидон аз қабили тавсияву ёрӣ ва маслиҳату машваратро мақсади кори худ медонанд.

Вақте мураббиён фазои мусоиди ҳамкориро барои волидайн ба вуҷуд намеоранд, фаъолияти онҳо самараи дилхоҳ нахоҳад дод, зеро усулҳои машварати педагогӣ, вохӯриҳо, суҳбатҳо, гӯшаҳои падару модарон, ки аз тарафи мураббиён (кам-кам падару модарон) амалӣ мегарданд, ба доираи васеи падару модарон нигаронида шудаанд.

Аксар вақт аз сабаби он ки волидайн нақши шунаванда ва иҷрокунандаро дар сурати ғайрифаъол иҷро мекунанд, муваффақият ва

нокомии инфиродии тарбиятгирандагонро зуд пай бурдану ба назар гирифтан имконпазир нест. Ва тарбиятгар имконият надорад, ки онҳоро дар ҳамкорӣ фаъол созад ва ба имкони мусоиди кор ноил шавад. Мураббиёни кӯдакистон чунин шаклҳои фаъолиятро мувофиқи мавзуи мавриди таваҷҷуҳи худ мегузаронанд.

Вазъияти имрӯза шояд фаъолият ва ҳамкории волидайнро барои кӯдакистон дуюмдараҷа шуморад, ки аз чунин бархӯрд, пеш аз ҳама, кӯдакон зарар мебинанд. Бинобар ин, падару модарон ва мураббиён уҳдадоранд, ки ба таълиму тарбияи кӯдакон дигаргунсозии системаи ҳамкориҳо байни субъектҳои таълим диққат диҳанду тарбияро дар ҷараёни ҳамкориҳои муштарак татбиқ намоянд.

Имрӯз падару модарони муътақид бар онанд, ки аз салоҳиятнокии таълимӣ ва тарбиявӣ бархӯрдоранд ва ҷараёни таълимиро пеш бурда метавонанд. Бинобар ин, барои волидайн салоҳияти донистани донишҳову тавсифҳои педагогии муфиди мутахҳасисон муҳим нест ва ин самараи мусбӣ намедиҳад. Бо мақсади амалигардонии кори якҷояи субъектҳои ҷараёни тарбия кормандони МТТ дар фаъолияти худ оид ба инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон суҳбат кунанд. Мушкилоти педагогиро дар ҷанбаҳои гуногун бояд фаҳманд, ки ин барои кори онҳо муфид мебошад [82].

Педагогҳои МТТ дар вазъияти мушкил бо падару модарони тарбиятгирандагон дар таълиму тарбия фарзандони хеш бояд кумак расонанд.

Дар бартараф намудани мушкилоти дар тарбияи кӯдакон ҷойдошта, масъалаи дар фазои ягонаву иттиҳод ҷалб намудани хонаводаҳо ва муассисаҳои томактабӣ чунин самтҳоро роҳандозӣ намудан мантиқан дуруст мебошад:

- дар самти ташкили ҳамкории дуҷониба бо оилаи кӯдак, дар амал татбиқ намудани кор бо муассисаи таълимии томактабӣ, ҷорӣ

намудани шаклҳои инноватсионии фаъолият, ба самаранок гардидани тарбияи оилавӣ мусоидат менамоянд;

- баланд бардоштани савияи донишҳои педагогии оилаи кӯдакон;
- шинос шудан ба фаъолияти педагогҳои бобарор ва ба фаъолияти кӯдакистонҳо ҷалб кардани онҳо;

Ҳамкориҳо ва алоқаҳои педагогӣ байни педагогҳо ва падару модарони тарбиятгирандагон дар МТТ фарогири авомили зерин мебошад:

- таҳлил кардани методҳои тарбиявӣ ва робитаи дутарафа байни падару модарон ва педагогҳои МТТ дар раванди ҳамкориҳои байни онҳо;
- таъмини оилаи тарбиятгирандагон бо ахборот;
- кори муштараки волидайн бо педагогҳои МТТ;
- дуруст ба роҳ мондани муносибати байни волидайн бо мураббиён.

Бинобар ин, ҳар як ҳуҷҷати меъёрии муайянкунандаи талабот ба ҳамкориҳо, ки ба он ҳар як ҳуҷҷати меъёрии дараҷаи байналмилалию минтақавии МТТ баҳри муайянсозии методҳои ҳамкориҳои волидайни кӯдакону педагогҳои МТТ зарурият пайдо кардаанд.

Хуллас, падару модарони тарбиятгирандагони МТТ бо мақсади тарбияи кӯдаки худ шароити хуберо ба вуҷуд овардаанд, дар тарбияи субъект ҳисоб меёбанд. Мураббӣ, ки аз хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони синни томактабӣ огоҳӣ дорад, ҳамчун шарик ва ҳамкори волидон дар раванди таълиму тарбияи кӯдак баромад мекунад.

## 1.3. Таҳлили афкори педагогии муосир доир ба масъалаи ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ, оила ва меъёрҳои сифати идоракунии онҳо

Консепсияҳои истилоҳоти таълим дар кишвар нақши бузурги оиларо дар ҳалли масъалаҳои тарбияи насли наврас таъкид мекунад. Шартҳои дар Стандарти давлатии таҳсилот сабтшуда барои иҷтимоисозию инкишофи ҳар як кӯдак зарур ва ба талаботҳои ӯ мувофиқ мебошад. Дар ин ҷо падару модарон на танҳо дар хизматрасонии таълимӣ - тарбиявӣ фармоишгар ҳисоб меёбанд, балки субъектҳои серфаъол дар раванди таълиму тарбия мебошанд.

Ба ақидаи А.В. Сухомлинский, агар кӯдаки гурӯҳи хурди МТТ дар оилаи худ дастгирӣ наёбад, пас ин ба ҷамъоварӣ кардани баргҳо бо хаскашак ҳангоми вазидани боди сахт мушобеҳ аст [165]. Аз ин рӯ, вазифаи муҳими мураббиёни МТТ ба ҳамкориҳои зичтар ва инкишофи доимӣ дар кори МТТ ҷалб кардани диққати оилаи кӯдакони тарбиятгиранда мебошад. Баъд аз таҳлили маводҳои рӯзномаҳову маҷаллаҳои дар муддати даҳсолаҳои авохир чопшуда ба хулосае омадем, ки мақолаҳо ва дастуру нишондодҳои методӣ ба ҳамкориҳои байни мураббиёни таҷрибадор ва падару модарон бахишдашуда қобили қайд мебошад.

Дар кори таҳқиқотии хеш мо ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардем, ки ҳамкориҳои байни волидайну мураббиён чӣ гуна сурат мегирифтанду тағйир меёфтанд ва дар ҳаёт кадом шакли аз ҳама самаранокро мавриди корбурд қарор медоданд. Ҳамзамон масъалаи робитаи мураббӣ бо волидайни кӯдакон, роҳҳои самарабахши ин робита мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Мафҳуми ҳамкории педагогӣ миёни МТТ ва оилаи тарбиятгирандагон дар бахшҳои қаблӣ дида баромада шудаанд ва ашколи фаъолияти мураббӣ бо падару модар мунъакис гардидаанд. Бояд гуфт, ки бо вуҷуди дар замони худ муҳим будан ва гоҳо ба талаботҳои имрӯза пурра ҷавоб дода натавонистан, пажуҳиш бидуни омӯзиши осори педагогҳои варзида пурра

нест. Ин таҷрибаро аз ҷойгоҳи ашколи ҳамкориҳо байни педагогу падару модарон пешкаш мекунем. Муҳаққиқон Г. Ефимова ва В.Т. Калинина чунин тарзи кори донишгоҳҳоро пешниҳод карда буданд, ки дар давоми муҳлати будубоши тарбиягирандагони муассисаи томактабӣ ва дар заминаи огоҳии комили волидайн бо назарияи педагогӣ асос ёфтааст. Дар ин кори донишгоҳҳо аслан омӯзгорони омӯзишгоҳҳои педагогӣ, намояндагони корхонаҳои сарпарастикунанда (ё маблағгузорон) ва ташкилотҳои иттифоқи касабаву ҷомеаи педагогӣ иштирок менамуданд. Муаллифон аз ҳамаи намудҳои кор бо волидайн, ки он замон роиҷ буданд, ба монанди ташкили гӯшаҳои деворӣ, намоишгоҳҳои тематикӣ, маҷмӯи лексияву конференсияҳо, нишон додани кинофилмҳо ва гузаронидани шабҳои саволу ҷавоб ҳангоми вохӯрӣ ва маҷлис бо падару модарон кор мегирифтанд.

Ҳамин тавр, муносибати системавиро бо назарияи педагогӣ дар шароити маҳдуди бадастории иттилоъ, муҳаққиқони мазкур пешниҳод намудаанд. Мавриди зикр аст, ки дар шароити имрӯза падару модарон нисбат ба чанд соли п еш имкони дастрас намудан ва истифода бурдани сарчашмаҳои зиёди иттилоъро доранд, вале мутаассифона дар омӯзишу корбурди он он системанокӣ вуҷуд надорад.

Таҷрибаи баргузор намудани гузаронидани машваратҳоро дар шакли конференсияҳо (1979) мураббӣ аз шаҳри Елабуга Т.И. Балабанова интишор карда буд. Дар кори конференсияи мазкур намояндагони касбҳои мухталиф, ки як шохаи алоҳидаи ҳаёту фаъолияти тарбиятгирандагонро фаро мегирад, масалан, дӯзандагӣ (маслиҳатҳо барои дӯхтани сару либоси кӯдак) ва табибӣ (шиносоӣ бо бемориҳо дар соҳаи педиатрия) иштирок менамоянд [21, с. 56]. Конференсияи шакли фаъолият бо падару модаррро Г.И. Свинухова (1976 С. Рубсовек) дар таҷрибаи худ собит намудааст. Конференсияҳои пешниҳодкардаи ӯ дар шакли шифоҳӣ баргузор мешуд ва дар он якбора якчанд муассисаи томактабӣ имкони иштирок карданро доштанд. Ин барои бароҳмонии робитаи бунёдкорӣ бо волидайн дар

масъалаи ҳамкориҳои педагогӣ ба таҷрибаивазкунӣ ва ҳаллу фасли масоили гуногун кӯмак мерасонад [159, с. 125]. Оид ба истифодаи журналҳои шифоӣ муҳаққиқ В. Василева маълумот додааст. Мураббиён ба мулоқоти якҷоя даъватномаҳои “Барои Шумо падару модарон”-ро шомил гардонид [36, с. 61]. Мутобиқи журналҳои шифоҳӣ барои волидайне, ки ҳузур надоранд, таҳия мегардид.

Қобили қайд аст, ки чунин навъи ҳамкориҳо на танҳо алоққаи миёни мураббиёни МТТ ва падару модарро мустаҳкам месозанд, балки ба амалигардонии муносибати якҷоя байни як қатор МТТ кумак мерасонад. Дар давраи мууосири рушди МТТ-ҳо рақобатнокии онҳоро бояд баланд бардошт, аммо барои ин бояд шароити мусоид фароҳам овард.

В.А. Ляшенок (1978) чунин меҳисобад, ки рӯзномаи шаҳрӣ як навъи ҳамкориҳо ҳангоми шиноскунии падару модарон бо кори таълимӣ – тарбиявии МТТ мебошад. Дар мақолаҳои мазкур ахборот дар бораи методҳои фаъолияти педагогҳои пешқадам интишор ёфтааст, шаклҳои таҷлили ҷашну машғулият, ин ё он лаҳзаи режимӣ ва тафреҳ дар он тасвир гардида, фаъолияти ҳаёти кӯдак дар муассисаи томактабӣ таҷассум меёфт [123, с. 57]. Таҷрибаи педагогҳои собиқадор оид ба бароҳмонии муносибатҳо бо комитети падару модарон ҷолиб аст. Чунончӣ, ба тасвири таҷрибаи ҷорисозии ахборотӣ барои сарварони МТТ ва маҷлиси кушоди кумитаи волидайн Н. Безрезовская (1979) даст задааст [23, с. 130]. Дар мақолаи “Комитети падару модарон дар кӯдакистон” (1974) К.Л. Гришина пешкаш кардааст, ки фаъолнокии волидайнро ба ҳисоб гирифта, онҳоро мувофиқи соҳаҳои ба ин ё он гурӯҳ бояд ҷудо кард. Зимни таҳлилу баррасии масоили фаъолияти тарбиявии МТТ аён гардид, ки дар соҳаи тарғиботӣ волидайн рӯзномаи деворӣ мебароранд, гӯшаҳоро оро медиҳанд, нишондодҳои тарбияи оилавиро ҷамъбаст менамоянд. Аммо дар соҳаи хоҷагӣ падару модарон дар кабудизоркуниву ниҳолшинонӣ дар муассиса ширкат намеварзанд. Мутаассифона, комитети падару модар имрӯзҳо танҳо маблағ ҷамъ мекунанду ба дигар корҳо ҷалб намегарданд.

Умуман волидайн на танҳо дар ташкил кардану гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, балки дар шанбегиҳои муқаррари низ ширкат намеварзанд.

Бояд тазаккур дод, аз мушоҳидаву пажуҳиши ҷараёни ҳамкории якҷояи кӯдакистон бо падару модар аён гашт, ки дар охири асри XX олимон ба масоили алоҳидаи ҳамкориҳо диққати хосса доданд. Масалан, дар таҳқиқоти А. Иванова кори амалию тарбиявии МТТ зикр гардидааст: мураббӣ бо падару модарон гӯшаҳо ташкил мекарданд, машварату чорабинии варзиширо мегузарониданд. А.Н. Киселёв бо тарбиятгирандагон оид ба лижаронӣ, ташкили майдончаҳои варзишии назди муассиса, И. Р. Колгунова дар хусуси ташкил кардани мусобиқаҳои велосипедронон дар МТТ сухан рондаанд, ки аз муносибати ҷиддӣ оид ба масъалаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Омӯзгорони ботаҷриба, аз ҷумла Р. Стаканова андешаҳои худро дар самти ҳамкорӣ оид ба масъалаи тарбияи ҷисмонӣ дар маҷаллаи "Дошкольное воспитаные" тарбияи томактабӣ дар мақолаи хеш "Ёрии боғчаи кӯдакон дар ташкили тарбияи ҷисмонӣ чӣ гуна мебошад?" баён кардааст. Хосагиҳои ин таҷриба чунин аст? Р. Стаканова чун модар тибқи ақидаи хеш кумаки мураббиёнро дар тарбияи ҷисмонии тарбиятгирандагони муассисаи таълимӣ зарур мешуморад. Муаллиф ашколи ҳамкориҳоро, ки дар асоси онҳо кори якҷоя пайдо мешавад, нишон додааст: дар ҷаласаҳои падару модарон педагогҳо ширкат меварзиданд, байни падару модарон ва мураббиён муколамаҳо ташкил мешуданд. Якҷоя бо волидайн мураббиён чорабиниҳои варзиширо мегузарониданд. Волидайн мефаҳмиданд, ки фаъолияти муштараки онҳо бо мураббиёни МТТ дар давоми солҳо самараи хуб медиҳад. Фаъолияти муштараки мураббиён бо падару модарон доир ба тарбияи ҷисмонии тарбиятгирандагони МТТ зери шиори "Волидон на шогирд, балки ҳамшарики педагог" (1983) ҷараён дошт. Дар мақолаи Прешена С.С. меъёрҳои баҳодиҳанда (арзёбикунанда) ба дараҷаи маърифатии ҷисмонии

падару модарон тасниф гардидаанд. Илова бар ин, дарки то кадом андоза барои кӯдакони синнусоли томактабӣ муҳим будани тарбияи ҷисмонӣ савияи донишу малакаҳои ҷисмонии волидайн, иштироки фаъолона ё ғайрифаъоли падару модар дар чорабиниҳо, ки МТТ ташкил кардааст, дар мақола шарҳи худро ёфтааст [150, с. 50].

Дар як қатор нашрияҳо ба масъалаҳои тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ диққати калон дода мешавад ва мураббиён дар ин самт аз кори лоиҳавӣ истифода мебаранд. Фаъолияти лоиҳавӣ ҳоло дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ҷорӣ мегардад. Масалан, муҳаққиқ О.Н.Перминова дар шаҳри Котелниг лоиҳаро зери унвони "Расидан ба солимӣ ба воситаи ҳамкориҳо" [147, с.64] таҳия кардааст ва он ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳам дар тарбиягирандгон ҳам падару модарони онҳо равона карда шудааст. Дар таҳқиқоти Г.Р. Безрукова, Л.В. Миран, Б.Б. Егорова, Н.Г. Ларина, Ю.Е. Персадия. Н.В. Казимирова масъалаи тарбияи ҷисмонӣ тавасссути ҳамкорӣ бо оила ҷой дорад. Муҳаққиқон муътақид бар онанд, ки кори якҷоя самараи хуб медиҳад. Аммо дар лоиҳаи мазкур дар хусуси то кадом андоза муҳим будани ҳамкориҳои педагогии мураббӣ бо падару модарон чизе гуфта нашудааст.

Корбурди кори лоиҳавӣ дар системаи "боғчаи кӯдакон - оилаи тарбиягирандагон" яке аз васоити пешгирӣ аз вобаста шудан ба шабакаҳои телевизионӣ аз тарафи олимони Санкт – Петербургӣ (Камена М.А., Хаднова Е.А., Бойсун Н.Г.) мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Кокшарова А.С. лоиҳаро яке аз ашколи ҳамкориҳо номидааст [92, с. 60]. Яке аз чунин лоиҳаҳоро бо номи "Гоме ба ҷаҳони бузург" педагог Ликова А.А. мавриди таҳлил қарор додааст [121, с. 108], ба ақидаи муҳаққиқон, корҳои лоиҳавиро ба анҷом расонида, мураббиён, падару модарон ва тарбиягирандагон худро аъзои як колектив ҳисоб мекунанд.

Корҳои лоиҳавиро дар тарбияи оилавӣ ба сифати инкишофи гендерии тарбиятгирандагони МТТ мавриди корбурд қарор медиҳад. Масалан, педагогҳои Москуваги Донюкова А.Н., Мартинова Н.В., Севилова А.М. ба

нақша гирифтани фаъолияти лоиҳавиро пешкаш мекунанд ва сабти тайёрии вохӯриҳоро нишон медиҳанд. Вале самаранокии таҷрибаи онҳо дар рафти иҷро намудани ҳамкориҳои муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо аз мадди назари муаллифон дур мондааст.

Дар нимаи аввали солҳои 90-уми қарни гузашта дар нашрияҳои собиқ ИҶШС шикояти падару модарон аз системаи ТТ ва мушкилоти он чоп гардид. Масалан, дар яке аз маҷаллаҳои илмӣ зери унвони “Тарбияи томактабӣ” мақолаи Макруша А.И. “аз И.Р.П. оғоз мекунам” (1993) чоп гардидааст. Пажуҳишгар дар маҷмӯаи “Аз мактубҳои падару модарон” ёриталабии падару модарон нишон додааст [125, с. 59]. Дар мақола падару модарон вайрон кардани қонунҳоро дар МТТ қайд намудаанд. Аммо на бояд фаромӯш сохт, ки солҳои 90-уми асри гузашта бо бухронҳои шадиди сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ алоқамандӣ дошта, дар кишвар давраи вазнинтарин шуморида мешуд.

Педагогони пуртаҷриба дар ҳама давру замон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки падару модаронро ба ҳамкориҳои педагогӣ омода созанд. Барои ин онҳо ашколи мухталифро корбурд менамуданд. Чунончи, педагогҳо Лисенко Г., Миленко В.Д. аз шаҳри Белгород соли 2005 дар маҷлисҳои волидайн навгониҳоро ворид сохтанд [135, с. 21]. Ба андешаи М.А. Калина ва Е. Шекилова [84, с. 48], волидайн на танҳо шунавандагони маърӯзаҳои дилгиркунанда бошанд, балки дар ҷаласаҳои падару модарон фаъолона ширкат варзанд. Бо мақсади гуногунрангу ҷолиб гардидани маҷлисҳои волидайн, ба ақидаи Е.В. Сгибнева, Н.А. Ерошина ва Г.В. Прокопенко сабти овозии тарбиятгирандагони МТТ-ҳоро дар барнома бояд ҷой дод [160, с. 42].

Аммо педагогҳои пуртаҷриба аз ашколи анъанавӣ низ истифода бурдаанд. Чунончи соли 2012 муҳаққиқ аз шаҳри Кунгури вилояти Перм Максимова Н.М. аз анъанаи “Мактаби модарон” (ташкилоти машваратӣ - ғайрибуҷетӣ), ки ба кумакрасонӣ ба падару модарон дар ҳалли масоили тарбиявӣ дар самти кори якҷоя равона гардидааст, истифода бурдааст.

Таҷрибаи мазкур чӣ гуна муносибатро тақозо менамояд? Ба МТТ маблағҳои иловагӣ зарур аст. Ва ин ҷо суоли матраҳ ин аст, ки оё мураббиён ҳуқуқ доранд, ки ба ҳама чиз муносибати тиҷоратӣ дошта бошанд ва ҳама корро ба тиҷорат табдил диҳанд? Дар ин маврид МТТ фақат бо падару модароне бояд ба ҳамкориҳо шуғл варзанд, ки вазъияти молиявиашон хеле хуб аст. Аммо оилаҳое, ки вазъи моддиашон хуб нест, бо чӣ кор машғул шаванд?

Дар замони муосир аз усулҳои фаъоли таълимӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Усулҳои фаъол ё интерактивӣ, ки маънояш inter - муштарак ва act – фаъолият кардан мебошад, фаъолияти муштарак ба воситаи мусоҳиба ва муколама ҳисоб меёбад. Педагогҳо В. Миленко, В. Никулова ва Н.М.Титова аз ш. Белгород (2013) [133, с. 17] бо мақсади пешгирӣ намудани ҳар як садама дар нақлиёт методҳои фаъоли кории мураббиро дар оилаи тарбиятгирандагон мавриди корбурд қарор додаанд. Муҳаққиқон муътақид бар онанд, ки усулҳои интерактивии таълим ҳам байни падару модарон ва мураббиён ва ҳам байни худи падару модарон ташкил карда шуда, ба ҳамкориҳо равонаанд. Ҳамаи ин падару модаронро дар ҷараёни кори муштараки тарбиявӣ зимни гузаронидани ин ё он чорабинӣ фаъол месозад. Пажуҳишгарон тарафдори гузаронидани чорабиниҳои тарбиявие мебошанд, ки онҳо дар МТТ сурат мегиранд. Истилоҳи “интерактивият” нишон медиҳад, ки муошироти тарафайн набояд ба сохтани монеаҳои гуногун, балки ба бунёди муколама бояд равона гардад.

Таҷрибаи мураббиёни собиқадор оид ба фаъолияти онҳо бо кӯдаконе, ки мунтазам ба бемориҳо дучор мегарданд, ҷолиби диққат аст. Масалан, ташкил кардани маҳфили машваратӣ барои кӯдаконе, ки тарбиятгирандаи МТТ нест, аз тарафи муҳаққиқон З.Ф. Кириллова ва Г.В, Глушкова (ш. Москва) пешниҳод гардидааст. Ин пажуҳишгарон оид ба фаъолияти маҳфилҳои машваратӣ ба воситаи радио ва телевизион ақидаи хешро баён кардаанд. Аммо муҳаққиқон дар навбати худ аз мушкилоте хабар додаанд,

ки онҳо зимни истифодабарӣ аз ашколи корҳо бо падару модарон ба вуҷуд меоянд. Мушкилоти мазкур зимни номавҷудияти алоқаи дутарафа пайдо мешавад [59, с. 61].

Дар замони муосир ҳар як педагоги пуртаҷриба бештар ба волидайни кӯдакони суструшдёбандае диққат медиҳад, ки фарзандашон дар кӯдакистон тарбия намегиранд. Чунончи, Гарбуза Л.Г. ба корбурди лоиҳа мепардозад, ки он ба оилаҳое, ки кӯдаки 1-2 сола доранду кӯдаконашон ба боғчаи кӯдакон намераванд, ёрии психологию педагогӣ мерасонанд [41, с. 63].

Дар фаъолияти хеш пажуҳишгарон Е.В. Брюханова, С.С. Безносова, Е.С. Паденова фаъолияти маданию фароғатиро корбурд менамоянд. Волидайне, ки кӯдаконашон дар кӯдакистон тарбия намегиранд, вале дар маъракаҳое, ки кӯдакистон мегузаронад, иштирок мекунанд, тавассути эълон аз почтаи электронӣ хабардор мешаванд [33, с. 63]

Дар чорабиниҳои дар МТТ гузаронидашаванда ҷалб кардани падарон хеле мушкил аст. Дар ин бора мураббиён Н.И. Бунимова ва Э.В. Зазуляк (1978) фикру ақидаи худро баён кардаанд. Ба андешаи онҳо, дар бораи нақши волидон дар тарбия ва таълими фарзандон то ҳол ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Онҳо ташкили гӯшаи падару модаронро дар ин самт амали арзишманд меҳисобанд [34, с. 65].

Дар хусуси ҷалб кардани падарон ба ҳамкориҳо бо МТТ таҷрибаи ҳаётии Г.А. Демина хеле ҷолиб мебошад. Ба таълиму тарбияи фарзандони худ асосан модар шуғл меварзаду падар ба дарёфти маблағ барои таъмини моддии оилаи худ вақташро сарф менамояд. Дар замони муосир дар фаъолияти тарбиявии МТТ шумораи бештари падарон иштирок накарда истодаанд. Падарон дар раванди тарбияи кӯдакони худ аз қудрати бузург бархӯрдоранд ва ба андешаи Е.Е. Алексеева, М.И. Аромштарм, Н.Н. Борикова ва Ю.А. Глаткова педагогҳоро барои кор бо волидайн бояд омӯзонд ва омода намуд.

Яке аз ашколи ҳамкориҳо ба роҳ мондани театрикунонии намоишномаҳо мебошад. Ба андешаи И. Бровкина (1976) падару модарон дар доираи оилаи худ чорабинии театрикунонидашуда гузаронанд [32 с. 35]. Чунин чорабиниҳои театрикунонидашуда падару модаронро ба МТТ меорад - мегӯянд муҳаққиқон ш. Екатерингбург Р. Радченко ва Т. Занина (2000) [152, с. 21].

Албата таъмини шароити корӣ бо сифати ташаккулдиҳӣ бе иштироки волидайн имкон надорад. Дар бораи ташаккул оид ба рушди нутқ Е.С. Иванова [78, с. 69] сухан рондааст. Ҳамкорӣ бо волидайнро дар кори ислоҳкунӣ бо кӯдакони дар нутқ нуқсондошта О.А. Копитова пешниҳод мекунад ва ба сифати шакли кор ӯ аз машғулиятҳои муштарак истифода мебарад [97, с. 56]. Боиси таассуф аст, ки аксари волидайн арзишу муҳимияти онро то ҳол дарк накардаанд.

Бо падару модарон муносибати мураббӣ самара дода метавонад, вақте ки дар манбаи эҷодиёти шифоҳии халқ ҳамкорӣ ба роҳ монда шавад. Ю.С. Изотова, Т.А. Бартели, Т.А. Луикна, М.Е. Замишляева (2013) ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ менамоянд. Ба ақидаи муҳаққиқон ҳангоми амалигардонии чорабиниҳои мазкур кори якҷояи фароғатии мураббию волидайн натиҷаноктарин ҳисоб меёбад [80, с. 63].

Мураббиён бо падару модарон дар масоили инкишоф додани ҷаҳонбинии тарбиягирандагон оид ба экология ҳамкорӣ мекунанд. Чунончӣ, О.С. Зеленкова [72, с. 68], О.А. Кочина [103, с. 37], Л.В. Кузнетсова [112, с. 6], Л.А. Грабик [45; 81] мусоҳибаи кушодро дар мавзуи ҳифзи табиат пешниҳод мекунанд.

Дар бораи ҳамкориҳо байни мураббиёни МТТ ва падару модарон дар самти тарбияи меҳнатии кӯдакон дар рӯзномаю маҷаллаҳо каму беш мақолаҳо чоп шудаанд. Чунончӣ, ба ин масъала н.и.п., дотсенти ДДО-и ш. Москва Т.В. Кротова ва педагоги МТТ ш. Москва Н.Р. Шестопалова диққат додаанд [108, с. 40]. Муҳаққиқон ба ҷараёни тарбияи меҳнатӣ, дар оилаву МТТ фарқият гузошта, нақшаҳои ояндаи фаъолият бо оилаи

кӯдаконро таҳия намудаанд. Нақшаи ояндаи фаъолият - шаклҳои гуногуни кор (маслиҳатҳо, суҳбатҳо, истифодаи видеороликҳо, истироҳати якҷоя бо унсурҳои меҳнатӣ, ирсоли тавсияҳо тавассути почтаи электронӣ)-ро дар бар мегирад.

Аксари педагогҳо бо мақсади ҷалби волидайн ба ҳамкорӣ аз шаклҳои ғайримаънавӣ истифода мебаранд. Н.А. Жарикова, Е.Е. Антонова, И.Н. Можаровская [65, с. 60] барои падару модарон чорабиниҳои "Аксияи алтернативаҳо"-ро пешниҳод кардаанд. Ин аксия чорабиниҳое мебошад, ки ҷанбаҳои мухталиф дошта, субъектҳои ҷараёни таълимӣ - тарбияviро дар бар мегиранд.

О.В. Шевченко ва И.А. Рукева аз ҳамкории ғайринавбатӣ ба сифати низом истифода бурдаанд. Ин низом дар марҳилаҳое, ки падару модарон ба ҳамкориҳо бо мураббиён мутобиқ намудаанд, дар ҷараёни бароҳмонии маҳфили "Рӯзҳои фароғатӣ" ташаккул меёбад. Ин навъи фаъолият бо падару модарон ба мутаҳидшавии волидайн бо мураббиён мусоидат хоҳад кард. Ҳамаи ин ба баланд бардоштани дараҷаи сифати ҳамкориҳои байни волидайну мураббиён кумак мерасонад. Масъалаи ҳамкориҳо дар матбуоти даврӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва практикумҳо инъикоси худро ёфтаанд ва аз тарафи муҳаққиқони ин масъала пешкаш гардидаанд. Чунончӣ, барои падару модарон Т.О. Никитина ва Т.О Евсеева бароҳмонии муносибатҳои махсуси оилавиро пешкаш намудаанд [144, с. 21].

Муҳаққиқон оид ба масоили ҷалб кардани падару модарон ба ҷараёни таълимӣ - тарбиявӣ ва иштироки волидайн дар тайёркунии фарзандони худ ба МТМУ фикру ақидаи хешро изҳор намудаанд. Оид ба ҳамкории МТТ бо падару модарон ҳангоми тайёркунии тарбиятгирандагони боғчаи кӯдакон ба МТМУ сарвари боғчаи кӯдакон В.И. Овчаренко доир ба ин масъала якчанд машварат гузаронидааст: "нақл карданро ба кӯдакон ёд додан", "инкишоф додани захираҳои луғавӣ", "рӯзи дарҳои кушод", пешниҳоди ташкил кардани машқҳои фонетикиву медиатекаҳо ва ҳоказо.

Педагогҳои муосир мекушанд, ки ҷараёни ҳамкориҳои байни мураббиёну волидайн зери назорати ҷиддии худ бигиранд. Чунончӣ, Н.А. Рофал аз шаҳри Омск (2011) [154, с. 16] зимни бадастории мақсадҳои гузоштташуда ба омӯзиши шароите, ки дар кӯдакистон барои ташкили ҳамкориҳо миёни педагогу падару модар бунёд мегардад, ба муайян сохтани натиҷанокии ҳамкориҳо миёни педагогу волидайн, ба пажуҳиши дараҷаи иштироки волидайн дар кори кӯдакистон, ба муайян сохтани фаъолияте, ки робитаи кӯдакистонро боволидайн қавӣ мегардонад, шурӯъ менамояд. Мо чунин меҳисобем, ки муайян сохтани ин ё он меъёрӣ назораткунӣ ба беҳтар гардонидани сатҳи ҳамкориҳои байни мураббиёну падару модарон оварда мерасонад.

Дар замони ҳозира мураббиёни МТТ аз интернет ва сомонаҳои он дар кори худ фаъолона истифода мебаранд. Масалан, М.И. Молева таҷрибаи ташкил кардани тахтаи ахборотии стендӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар интернетро пешкаш намудааст. Муҳаққиқ ахбороти онлайнро зикр карда, дар хусуси бо кадом корҳо машғул шудан, инчунин эълонҳоро дар лентаи навигариҳо сабт мекунанд. Ин таҷриба маро мароқангез мебошад. Олимон барои волидайни кӯдакон ҳамкориҳои дуҷониба кардан аз он истифода мебаранд. Падару модарон дар бораи маълумоти гирифташуда ақоиди хешро баён менамоянд. Аз ин рӯ тахтаи маркерӣ аз анъанавӣ тафовут доранд [137, с. 49].

Зимни амалигардонии Стандарти давлатии ТТ бунёди шароит барои ҳамкории нави педагогиро тақозо дорад ва чунин ҳамкорӣ дар асоси робитаи мутақобилаи кӯдакистон, волидайни кӯдакон, беморхона ва ҳоказо ба роҳ монда мешавад. Дар хусуси он, ки барои муқаррарсозии муносибатҳои муштарак нигаронида шудаанд, муҳаққиқон Т. Алиева, Ю. Арслонов, А. Стасюк, Т.А. Уварова ибрози андеша кардаанд. Аз андешаҳои муҳаққиқони мазкур равшан мегардад, ки волидон аз усулҳои ҳамкории анъанавӣ қонеъ буда наметавонанд. Бинобар ин, фаъолияти лоиҳавӣ бояд заминаи асосии чунин ҳамкориҳоро ташкил диҳад.

Педагогҳо Е.Н. Коратаева, О.Н. Перминова, В.В. Весника ва дигарон ба масъалаи мазкур васеътар нигариста, ба ашколи ҳамкориҳо кори мураббию падару модаронро ворид сохта, ҳамкориҳоро дар доираи ҳифзи саломатӣ ташкил ва логопеду педиатрҳоро даъват намудаанд, ашколи муносибатҳои гуногунро ба кор бурдаанд.

Ба ақидаи В.Г. Кочеткова (н.и.п. дотсенти кафедраи ТТИ ш. Самара) "ҳамшарикии иҷтимоӣ" яке аз шаклҳои хоси кори якҷояи байни иштирокчиёни раванди таълим ҳисоб меёбад ва эътимоднокӣ, арзишу мақсадҳои якхела, муносибати доимӣ, масъулиятнокии тарафайн бо мақсади бадастории натоиҷи хуби ҳамкориҳо ва вусъатдиҳии чунин ҳамкориҳоро дар бар мегирад [41, с.63]. Ҳамшарикии иҷтимоӣ дар доираи низоми ахборот ва ҳам дар доираи робитаи мутақобилаи байни МТТ ва институтҳои иҷтимоии кишвар матраҳ мегардад. Муассисаҳои варзишию бадеӣ - театрии кӯдакона, литсей ва гимназия, китобхонаи кӯдаконаи шаҳрӣ ё вилоятӣ ва монанди инҳо субъектони ҷараёни таълим ҳисоб меёбанд, вале бештари педагогҳое, ки дар кӯдакистон фаъолият мекунанд, муҳим будани онро дарк накардаанд. Инкишофи мунтазами техника истифода аз ашколи инноватсионии дар ҳамкориҳои байни МТТ ва волидайн фаъол асоснок менамояд.

Баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байни педагогҳо ва падару модарон меъёри муайянкунандаи рақобатнокии тамоми МТТ ва системаи маорифи кишвар мебошад. Ислоҳоти низоми маорифи мамлакат низ ба боло бурдани сатҳи ҳамкориҳои МТТ бо падару модарон диққати асосӣ медиҳад, ки яке аз мақсаду меъёрҳои муайянсозандаи босамар будани инноватсияҳо муҳсуб меёбад.

Ҳоло "сифатҳои ҳамкориҳо" самти муҳимтарини кори МТТ ба ҳисоб рафта, моҳияташ хеле васеъ аст. Аммо самти мазкур бе муайянсозии истилоҳи "сифат" арзёбӣ намегардад.

Дар фалсафа сифат категорияест, ки ифодакунандаи итминони асосӣ ҳисоб меёбад, аз моҳияти ашё ҷудо нест, аз ин рӯ, мавқеи объекти асосиро ишғол менамояд, хусусиятҳои ҳатмии ашёро дар бар мегирад [173, с. 204].

Вожаи сифат дар "Фарҳанги фалсафӣ" бо вожаи миқдор ба таври муштарак дида баромада мешаванд ва ҷиҳатҳои муҳими объективиро мунъакис мегардонанд. Олами имрӯза аз ашёҳои тайёршуда комил ташкил наёфтааст, он ҷараёнҳое ҳисоб меёбад, ки ашёҳоро мунтазам месозад, дигаргун ва дигаргун менамояд.

Ба ақидаи А.А. Макаров сифат вижагиҳои объектро дар вобастагӣ ба қонеъсозии талаботҳои пешниҳодшаванда муқаррар менамояд. Муҳаққиқ чунин меҳисобад, ки сифати таълим мутобиқсозии системаи таълимӣ ба талаботе, ки давлату ҷамъият ба инсон мегузорад, ҳисоб меёбад. Талаботи мазкур Стандарти давлатии маорифро амалӣ мегардонад. Аз нуқтаи назари педагогӣ сифат ин сатҳу сифати донишҳо буда, дар натиҷаи мунтазам таҳлил кардани азхудкунии кӯдакон ва дар ҳаёт амалигардонии донишҳо дар шаклҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ муқаррар мегардад [124, с. 303].

Бе муайянсозии сифати ТТ сифати ҳамкориро тавсиф намудан имкон надорад. Сифати ТТ-ро О.А, Сафонова вижагиҳое меҳисобад, ки амалигардонии ин вижагиҳо дар ҷараёни таълиму тарбия ба рушди ҳаматарафаи кӯдакон мутобиқи имконоти синусолии онҳо ва талаботҳои ба онҳо гузошташудаи ҷамъият ба солимӣ ва таъмини баробарӣ гузаштан аз як давраи синусолӣ ба давраи дигари синусолӣ кумак мерасонанд [158, с. 124].

Ба ақидаи С.В. Кузмин, истилоҳи сифати таълимро ҳоло мафҳуми объектӣ -идоракунӣ медиҳад. Бинобар ин, мафҳуми мазкур ба таври умумӣ тавассути ҷараёнҳо ва шартҳои муайян ба натоиҷи ниҳоӣ арзёбии сифати ТТ-ро ба таври зайл пешкаш мекунад:

- муҳайёсозии шароит барои таъмин кардани сифати хазматрасониҳо дар МТТ;

- таъмини ҷараёни таълиму тарбия бо як қатор захира;

- сифати натоиҷи фаъолияти МТТ; [114, с. 4].

Бояд қайд кард, ки вижагиҳои пешниҳоднамудаи С.А. Кузмин чандон равшану муайян нестанд. З.Н. Зубкова ҳар як меъёри мушаххасро дар муайянсозии сифати таълим дар МТТ пешкаш кардааст. Муҳаққиқ вижагиҳои зеринро дида баромадааст:

- қонеъгардонии талаботи оилаву кӯдакон ба хизматрасониҳои МТТ;
- вазъи аҳволи тарбиягирандагони боғчаи кӯдакон;
- нигаҳдории зарурии солимии кӯдакон;
- интихоб кардани барномаи таълимӣ бо захираҳои илмӣ - методӣ таъмин намудани МТТ [74, с. 114].

Ба ақидаи Р.М. Чумичева, Н.А. Платохина дар пойгоҳи ҳар як муносибати назариявию метологӣ оид ба сифатнокии таълиму тарбия ақидаҳо чандон равшан нестанд. Дар таълиме, ки ба шахсият нигаронида шудааст, дараҷаи рушди ҳаматарафа ва қобилиятҳои инфиродии кӯдак сифати таълимро ташкил медиҳанд. Сифат дар амсилаи муваффақиятнок ба фарҳанг чун эҷоди шахсият дарк мегардад. Сифат дар доираи кори таълим донишу малакаҳои таълимӣ - тарбиявиро дар бар мегирад. Фаҳмидани сифат дар муносибатҳои системавӣ чун тайёрии таълимгирандагони як назоми таълим ба ҳамроҳшавӣ ба низоми дигари таълимӣ муқаррар мегардад. Истилоҳи “сифати таълим”-ро педагогҳо ба таври гуногун шарҳ медиҳанд, хоссагиҳои онро чун самараи охирин, ки бо сатҳи инкишофи кӯдакон вобастагӣ дорад, ё дар сохтори тарбия муқаррар менамояд [175, с.215].

Сифат, ба андешаи С.Э. Шишова ва В.А. Калней сатҳи қонеъсозии интизории субъектҳои ҷараёни таълим аз хизматрасониҳои таълиме, ки пешниҳод мегарданд, мебошад. Сифати таълим маҷмӯи нишондиҳандаҳое мебошад, моҳият, роҳу методҳои таълим, базаи моддӣ - техникии таҳсилот кадрҳои баландихтисос, ки асоси хусусиятҳои таълимро ташкил медиҳад, чун ҷанбаи гуногуни ҷараёни таълиму тарбия тасвир мекунад [179, с.256].

Д.Ш. Матрос, Д.М. Полев, Н.Н. Мелникова, масоили боло бурдан ва ноилгардии сифати таълиму тарбияро ҳаллу фасл карда, алоқаи миёни натиҷаву ҳадаф, ченакҳои ноилгардӣ ба ҳадафро муайян сохтаанд, ҳар шахс ченкунии мақсадҳоеро, ки онҳо дар назди низоми маорифи мамлакат гузошта шудаанд, бояд омӯзад [129, с. 85].

Сифати таълим, ба ақидаи А.М. Монсеев вазифаву нишондиҳандаҳои муҳим, самтнокии кори низоми идоракунии кишвар ҳисоб меёбад. Сифати таълим чун хусусиятҳои муҳимтарин дарк мегардад ва натоиҷи таълим ба қонеъгардонии талаботҳои таълимгирандагон ва тамоми ҷамъият равонааст [124, с.145].

Сифати таълим аз ҷониби В.А. Болотов чун вижагии ногусастании низоми маорифи мамлакат дарк мегардад, ки дараҷаи мутобиқат ба натиҷаҳои таҳсилоти воқеан ба даст овардашударо инъикос мекунад, талаботи танзимкунанда, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсиро таъмин месозад [28, с. 21].

Ҳамин тариқ, омӯзиши мафҳумҳои қаблан баррасидашудаи “ҳамкорӣ” ва “сифат” консепсияи идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила аниқ ва васеъ карда шуда, густариши самаранокии раванд ва шароитҳо афзоиш меёбанд, ду ва зиёда субъектҳо мувофиқи амалҳои муқарраршуда ба натиҷаи ниҳоӣ таваҷҷуҳ менамоянд. Ба сифати ин ё он субъекти раванди таълим мураббиён, падару модарон, тарбиятгирандагон ва маъмурони МТТ баромад мекунанд ва амали онҳо якҷоя мебошад. Бунёд гардидани кори объектҳое, ки таъсири худро мегузоранд, амали умумиро ташкил медиҳад. Натиҷаи ниҳоиро тарбиятгирандагоне ташкил медиҳанд, ки дар ҳолати омода будан ба МТМУ ва дохил шудан ба ҷомеа қарор доранд.

Асоси сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиятгирандаро ба ҳисоб гирифта, муқаррар сохтан мумкин аст, ки субъектҳои раванди таълиму тарбия аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Омӯзишу таҳлил нишон медиҳад, ки муоширати хуб зимни баэътиборгирии ҷойгаҳи тарбиягиранда дар

таълиму тарбия ба роҳ монда мешавад. Тайёрии тарбиятгирандагони МТТ ба МТМУ, истифода бурда тавонистан аз методҳои нигоҳдории солимӣ, ки яке аз авомили қонеъкунандаи волидайн мебошад, аз савияи донишҳо ва маҳорату малакаҳои тарбиягирандагон вобастагӣ дорад. Аз нуқтаи назари ҳар як мураббӣ аввало ин арзёбии мусбии фаъолияти онҳо ва баъдан самаранокии таълиму тарбияи бобарор, солимӣ ва инкишофи ҳаматарафаи шахсияти тарбиятгирандагони боғчаи кӯдакон мебошад. Аз нуқтаи назари маъмурият, сараввал арзёбии мусбии фаъолияти МТТ баъдан қонеъсозии тарбиятгирандагон ва падару модари онҳо аз муваффақиятҳо дар ҷараёни таълиму тарбия ва дар интиҳо кори самаранок доштани педагогҳои МТТ фаҳмида мешавад.

Бо вуҷуди он ки оид ба масъалаи мазкур дар адабиёти илмӣ-педагогӣ интишороти зиёд ба муваффақиятҳои фаровон дида мешавад, то ҳол муносибатҳои мусоид оид ба масъалаи робитаи байни МТТ ва падару модарон ба муносибату таҳқиқотҳои вижа ниёз дорад. Ҳоло зуҳуроте, амсоли дараҷаи баланди фарҳангӣ-тарбиявии мураббиён ва падару модарон, донишу малакаҳо ва майли волидайн дар ҳалли ин масъала ба ҳамкориҳои басифату босамар ниёзманд мебошад. Ин моро водор намуд, ки ба модел ва меъёрҳои сифати ҳамкории субъектҳои тарбиявӣ рӯ оварем.

Тавре дар боло зикр гардид, сифат чун мафҳум аз нуқтаи назари фаҳмиш мазмунҳои мухталифро дода метавонад. Дар ҳар як даврai инкишофи идоракунии ҷомеа ақидаҳо дар хусуси сифат ба тағйирот дучор мегарданд. Дар замони муосир сифат дар тамоми навъҳои кори инсони ҳозира аз ҷумла дар илмҳои педагогӣ низ мавқеи аввалиндарҷа дорад. Хуллас, ба андешаи Н.А. Селезнева, сифати таълимро ҳоло воқеагии муҳими инкишофи низоми маорифи миллӣ ва ҷамъият меноманд [161, с. 41].

М.Н. Недветская, муътақид бар он аст, ки зиддиятҳо тағйирёбии сифатиро дар ин ё он зинаи низоми маориф ба вуҷуд меоранд. Зиддиятҳо ба таври зайл ҷудо мешаванд: зиддияти якум, ин зиддият миёни санадҳои

меъёрии демократисозии ҷараёни идоракунии МТТ ва идоракунии воқеии маъмурии муассисаҳо ҳисоб меёбад [142, с. 385].

Зиддият миёни ин ё он зерсохтор ва аносири ин зерсохторҳо, қувваи илмӣ - методии таълим дар муассиса зиддияти дуюм ба ҳисоб меравад, ки он ба накшаи бароҳмонии ҷараёни таълимӣ - тарбиявӣ равонааст. Ин зиддият миёни талаботҳо ба салоҳиятҳои касбӣ ва шахсии коллективӣ педагогҳо ва самти донишу маҳорат ва малакаҳои касбии мураббиён, миёни саъю кӯшиши мураббиён ба боло бурдани малакаҳои касбӣ ва рушди нокифояи низоми равшани таълиму тарбия ба вуҷуд меояд.

Зиддияти сеюм байни аносири ин ё он зерсохтор, миёни муҳтавои инкишофёбанда, мавҷудияти раванди таълиму тарбия ва васоити куҳнаи таълимӣ - тарбиявӣ ва ҳамкориҳои дутарафа пайдо мешавад. Ин зиддият, ҳамчунин миёни талаботҳои иштирокчиёни доимии ҷараёни таълиму тарбия ва имкон надоштани амалигардонии ин талабот дар низоми таълими анъанавӣ дар МТТ ва МТМУ ба вуҷуд меояд.

Ба ақидаи М.Н. Недвеская, зиддият байни инкишоф додани корҳои тарбиявӣ дар МТТ ва таъсиррасонӣ ба тарзи фармондиҳӣ ба иштирокчиёни дигари раванди таълиму тарбия зиддияти чорумро ташкил медиҳад.

Таззоди панҷум миёни баҳодиҳии дуруст ба сатҳи хизматрасониҳо аз тарафи МТТ ва суст инкишоф ёфтани методҳои ташхискунию баҳодиҳӣ ба вуҷуд меояд. Ин таззод зиддияти миёни авомили дохилию берунӣ мебошад: миёни талаботҳои ҷамъияти имрӯза ба сифати таълиму тарбия ва таҷрибаи воқеии МТТ. Ба андешаи М.Н. Недвеская, зиддиятҳои фавқуззикр дар сохтани амсилаҳои идоракунии сифати ҳамкориҳо миёни субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия поягузор мебошанд [142, с. 383].

Дар хусуси бунёди амсилаи идоракунӣ сифати ҳамкории байни кӯдакон, омӯзгорон ва волидон хизмати муҳаққиқон Б. Маҷидова, Н.В. Макляева, В.Ю. Комаров, О.А. Комаров ва Л.Р. Содиқова ниҳоят калон аст, ки ба натиҷаҳои илмии бадастомадаи онҳо такя намуда, унсурҳои

раванди ташкили ҳамкории педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидонро мавриди истифода қарор додем, ки марҳилаи аввал - мутобиқшавӣ – фаъолияти муштарак бо кӯдакон ва падару модарони онҳо дар марҳилаи то ба муассисаи таълимии томактабӣ дохил шуданро фаро мегирад. Дар ин айём шиносоии волидайн ва фарзандони онҳо бо кору бори МТТ, речаи рӯз, фаъолияти мураббиёни МТТ сурат мегирад. Кӯдак тасаввуроти мушаххас оид ба муассисаи томактабӣ пайдо менамояд. Дар навбати худ мураббиён бо хонаводаҳои кӯдакон, одат ва майлу рағбати онҳо маълумот ба даст меоранд. Дар боби қаблӣ мо оид ба бахши таҳлилӣ тазаккур дода будем, ки асоси онро давраи ҷараёни идоракунии сифати ҳамкории педагогӣ ташкил хоҳад кард. Чӣ тавре, ки қаблан гуфта гузаштем, омӯхтани оилаи кӯдакон тавассути саволномаи тестӣ, пурсишнома, пуркунии анкетаҳои иҷтимоӣ, дар доираи оила ва ғайра аз ҷониби педагогҳои МТТ ва омӯзиши варақаи падару модарони тарбиягирандагони МТТ тавассути "Рӯзи дарҳои кушод", сомонаи созмонҳои МТТ ва монанди инҳо ҷараён мегирад.

Давраи ташкилии ин раванд зимни кори муштараки субъектҳои ҷараёни таълим тавассути амалиёти сершумор ба рушди шахсияти кӯдакон равона гардидааст. Ин давра фаъолияти баробари тамоми субъектҳои ҷараёни таълим, ҷалб кардани падару модаронро ба идоракунӣ, аз болои МТТ тақозо менамояд, ки ба он шурои ҳомиён, комитети волидайн дохил мешаванд. Аносири мазкур барои амсилаи коркардшудаи идоракунии сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиягирандагон асос мебошад.

Амсилаи мазкур бо давраҳои ҷараёни идоракунӣ дар доираи сифати ҳамкориҳо байни оилаи тарбиягирандагон ва МТТ асоснок мегардад ва ашколи ҳамкориҳо робитаи қавӣ дорад. Ин ҷараён давраҳои ба ҳам алоқаманди томутобиқшавӣ ва мутобиқшавиро дар бар мегирад ва бо корбурди ашколи ҳамкориҳои байни мураббӣ ва кӯдакон тайёрикунии кӯдаконро ба МТМУ дар назар дорад.

Дар муддати даҳсолаҳо системаи маориф ба тағйирот дучор мегардад ва ба азнавсозиҳо дар соҳаи таҳсилот равонааст.

Инъикоси дигаргуниҳо дар низом унсури муҳими арзёбӣ ҳисоб меёбад. Бо мақсади муқаррарсозии ин ё он меъёри баҳодиҳӣ ба сифати таълим равишҳо сершуморанд (Л.В. Русских, И.Г. Бартасевич, В.Г. Калашников, М.Д. Матюшкина, А.И. Суббетто, В.П. Симонов, М. Полякова, Е. Арнаутова, С.М. Захарова).

Низоми маориф дар мамлакатҳои Аврупо аз баҳогузорӣ ба сатҳҳои сершумор, низоми кредитҳо ва аз ҷамъ овардани тарзи аврупоӣ таркиб меёбад. Низоми маориф дар кишварҳои Аврупо ба ҷамъоварии холҳои толибилмон дар раванди таълимӣ - тарбиявӣ равонааст.

Низоми арзёбиҳои сифати таълим, баҳодиҳию худбаҳодиҳӣ сифати таълимии МТТ аз тарафи муҳаққиқон ба роҳ монда шудааст. Муҳаққиқони русу тоҷик дар осори худ арзёбии сифату муносибатҳои идоракунии зеринро баррасӣ намуданд: якум омӯзгорӣ, идоракунӣ, сотсиологӣ. Чунончӣ, ба ақидаи Л.В. Русских, дар рафти таълим баҳодиҳӣ ба сифатнокии тадрис чун ҷараёни дарки низоми донишу малакаҳои муайян аз ҷониби хонанда роҳандозӣ мегардад ва тафаккуреро ба назар мегирад, ки ба дохилшавӣ ба ҷомеа кумак мерасонанд [155, с. 178].

Дар раванди идоракунии таълим сифат ҳамчун низоме дида баромада мешавад, ки аз мавҷуд будани зернизомҳои мувофиқ ва зернизоми аносири низомташаккулдиҳанда хабар медиҳад. Муҳаққиқ чунин меҳисобад, ки самаранокии идора кардани ҷараёни таълиму тарбия тибқи мақсаду вазифаҳои онҳо инкишофи иқтисодӣ - иҷтимоии ҷамъият ва қонеъгардонии талаботҳои шахсият сифатнокии таълимро ташкил медиҳанд. Сифатнокии таълиму тарбия ва талабот ба меъёрҳои ҷомеа зернизоми мубрам дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Он барои қонеъгардонии ин ё он меъёри амалҳо, ки вазоифи ҷамъиятии инсон мегарданд, ба вуҷуд омад. Дар ин маврид инсон вазифаи иҷтимоиро иҷро мекунад. Муносибатҳои сотсиологӣ, ба андешаи Л.В. Русских, мусоид

мебошанд, зеро ки ҳар як мафҳуми ибтидоиро амалӣ мегардонад, хоссагиҳои меъёрҳои ченшавандагию мушоҳидашавандагии объекте, ки мавриди таҳқиқ қарор дорад, муайян месозад, таълифоти қаблиро муқаррар мекунад. Дар асоси меъёрҳои фаъолияти таълимӣ, ки дар барномаи "Азнавсозӣ" ва инкишофи маълумоти олӣ ҷой доранд, ба сифати таълим баҳо дода мешавад.

Ҳамагӣ 3 намуди меъёри кори таълим пешбинӣ гардидааст: якум Сифатнокии фаолияти корбарон дар асоси тахассуси ҳар як намуди МТТ. Дуюм – сифатнокии ҷараёни таълиму тарбия. Сеюм – сифатнокии инфрасохтор. Ҳамин тариқ, аз рӯйи ин ё он нишондиҳанда меъёрҳоро муқаррар намудан мумкин аст. Масалан нақшаҳо, барномаҳо, стандартҳо, технологияҳои, ки сифатнокии ҷараёни таълимро ташкил медиҳанд, ба меъёри дуюм шомиланд ва ба қавли Л.В.Русских, баҳодиҳии ба сифати таълим тавасссути нишондиҳандаҳои мушаххас аз камбудӣ холӣ нест зеро, ки ин нишондиҳандаҳо ба пасткунии сифати таълим то ба дараҷаи объектҳои, ки чен мешаванд оварда мерасонад. Айни замон беҳгардонии ҳар як нишондиҳандаи мушаххас ва паҳнкунии нишондиҳандаи навтарин аз вазоифи муҳими баҳодиҳӣ ба сифатнокии таълиму тарбия ҳисоб меёбад. Ба ақидаи муҳаққиқ, меъёрҳо дар МТМУ ва МТОК якхела амалӣ намегарданд, чунки масалан, МТОК-ҳо мақсадҳои мухталиф доранд. МТОК-е омода кардани элитаи зеҳнӣ банд аст МТОК-ҳои дигар ба талаботҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар, ки ба ихтисоси истисноӣ ниёз надоранд, хизмат мекунанд. Меъёрҳои сифат, албатта, аз ҳадафҳои муассисаи таълимӣ вобаста аст.

Мақсадҳои муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ ва ислоҳӣ аз ҳамдигар фарқ карда, меъёрҳои баҳодиҳии онҳо низ фарқ мекунад. Аммо дар ҳар сурат арзёбии сифат бояд мунтазам, ҳамаҷониба ва бисёрҷониба бошад ва аз тарафи тамоми ҷонибҳои манфиатдор: давлат, маъмурият, омӯзгорон ва волидон амалӣ карда шавад.

Дар доираи контекст меъёрҳои сифати таълим аз тарафи Калашников В.Г дида баромада шудааст, ҳамзамон Калашников В.Г чунин меҳисобад, ки ҳар як меъёри баҳодиҳӣ ба дараҷаи ниҳоии низомҳои таълиму тарбия ва мутобиқ сохтани ҳамаи ҷузъҳои системаи мавҷуда ва оянда, консепсияву методологияи усулҳои таълим бояд равона бошад. Дар муайянсозии сифати таълимӣ муносибат ба салоҳиятҳои таълимӣ нақши бориз дорад. Ба андешаи В.Г. Калашников, омодасозии ихтисосмандон, яъне қобилият ба фаъолият дар вазъиятҳои мухталифи мушкилиҳо, худмуайянсозии мутахассисон меъёри муҳими сифат мебошад [83, с. 11].

М.Д. Матюшкина меъёрҳои зерини сифати таҳсилотро аз ҷумла: 1) рушди фикрронӣ, қобилиятҳо ё муносибатҳо ба эҷодкорӣ; 2) ташаккул додани сифатҳои инсонӣ, амсоли таҳаммул ба тафовут, худдорикунӣ, масъулиятшиносӣ ва ғайраро пешниҳод мекунанд.

Дар таҳқиқоти худ М.Д.Матюшкина аз мавқеи хеш меъёрҳои зеринро муқаррар намудааст, ки онҳо аз методҳои фарҳангию иҷтимоӣ таркиб ёфтаанд. Аввалан, салоҳиятҳои асосӣ дар таълим ва таъмин кардан бо саводи функсионалӣ; таносубияти донишу малакаҳои умумимаърифатӣ ва тахассусӣ, ки барои қаноатманд кардани эҳтиёҷоти аввалии бехатарии шахсият ҳатмиянд. Дуюм – кумак расонидан ба инкишофи иқтидори мутобиқшуда тавонистани инсон, ки ӯ ба дастрас кардани сатҳи баландтарини эҳтиёҷот (эҷод намудан, дарки воқеият ва ғайра) қодир мебошад. Сеюм – қоноатманд кардани пешниҳодот аз рӯйи зинаи афзалиятҳои инсон, ки ҳадафи он самаранок гардонидани эҳтиёҷоти шахсият мебошад. Чорум – рушди мотиватсияи шахс ба таҳсилоти муттасил, муносибати шахсият ба арзишҳои дохилии таҳсилот чун раванди доимӣ [130, с. 251].

Баҳодиҳӣ ба идоракунии самараноки сифати таълимиро муҳаққиқон В.П. Сергеева, Е. Никитина, Т.Н. Щербакова [166] ташхис намудани ин ё он соҳаи кори кӯдакистонҳо, ки дорои нишонаҳои зерин мебошанд: баҳодиҳӣ ба ташкил кардани фаъолияти идора кардани сифатнокии

таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти имёнаи умумӣ; баҳодиҳӣ ба босамарии механизмҳои идора кардани сифатнокии таҳсилот; баҳодиӣ ба пурсамар будани корҳои роҳбарӣ ва методию таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ; баҳодиҳӣ ба захираҳои пойгоҳии МТТ; баҳодиҳӣ ба сатҳи ташкил намудани раванди умумии таҳсилот; мавриди таҳлил қарор додани ҳисоботҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Муҳаққиқони технологияи мазкур бо мақсади баҳо додан ба сифати ҷараёни таълимӣ пешкаш менамоянд, ки сифати таълим дар пойгоҳи меъёрҳои самаранокии таълим, ки инъикоскунандаи натоиҷи идоракунӣ дар ҷараёни таълимӣ мебошад, бояд арзёбӣ гардад. Меъёрҳои самаранокии таълим чунинанд: ташкилӣ, педагогӣ, идоракунӣ. Суоле матраҳ мегардад: "Бо мақсади беҳгардонии сифати ҳамкориҳо байни МТТ ва волидайн МТТ кадом корҳо бояд ба сомон расанд?" Ба ҳамагон маълум аст, ки иҷрои дастуру сари вақт тадбир ҷӯстан, хусусиятҳои интизоршавандаи МТТ-ро зимни баромад аз раванди таълим ба лоиҳа гирифтан, самаранокии таълимро дар дурнамо муайян намудан, дараҷаи лозимии сифатнокии таълимро таъмин кардан, гузариши каммақбул аз онро пешгирӣ намудан, сатҳи сифатнокии таълимро беҳтар кардан ва ҳоказо зарур аст.

Муҳаққиқони сершумор чунин меҳисобанд, ки мониторинг яке аз усулҳои самаранок гардонидани ҷараёни таълим ҳисоб меёбад. Роҳандозии мониторингу баҳодиҳии мудовими таълимию тарбиявӣ, натоиҷи ҷараёни таълимӣ аз ҳамдигар вобаста дониста шудааст (М. Полякова). Ба андешаи М. Полякова системаи мониторинги сифатнокии ҷараёни таълиму тарбия, шароиту натиҷаи таълимро дар бар мегирад [148, с. 4]. Мониторингро Е. Арнаутов яке аз воситаҳои босамари рушди сифатнокии таълиму тарбия донистааст [14, с.4]. Зимни гузаронидани мониторинги сатҳи таълим В.А. Звонникова ва М.Б. Чепишкова тамоми нишондиҳандаҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардаанд: ин ё он нишондиҳандаи сифатнокии амалиёти низому раванд ва натоиҷи таълимӣ, корҳо бо навгониҳо, идора кардани кӯдакистонҳо, маблағгузориҳо ба маорифи мамлакат [171 с. 205]. Дар

таҳқиқоти худ “Идора кардани сифату сатҳи таълим” муҳаққиқ Эмпоташник чунин овардааст: бо назоратбарӣ сифату сатҳи таълим самаранок намегардад. Ба қавли муҳаққиқи асар, барои самараноксозии сифату сатҳи таълиму тарбия, инноватсияҳо, таҳияи лоиҳаҳо, омӯзиши навгониҳо, дарки раванди бароҳмонии навгониҳо ва ғайраро роҳандозӣ кардан мумкин аст [169 с. 305].

Дар навбати худ В.П. Сергеева, Е. Никитина, Т.Н. Щербакова [166, с. 150] ба идоракунии сифати раванди таълим диққати махсус медиҳад. Муаллифони фавқулзикр муътақид бар онанд, ки сифати таълим азчунин хоссагиҳои касбӣ дар идоракунӣ, амсоли ин ё он технологияи таълимӣ дар идоракунии дурусти дастаи кормандони боғчаи кӯдакон, низоми паҳнгаштаи аносир дар сохтори кӯдакистонҳо, равиши коркарди якҷояи уҳдароориҳо дар идора кардан, таъмин намудан бо ахбороти ҳаррӯза, ба лоиҳа гирифтани стратегия, истифодабарии дурусту самаранок аз пойгоҳи захираҳои таълим иборатанд, вобастагӣ дорад.

Ба андешаи О.Л. Зверева, ҷаҳони рушди фалсафаву методҳои нав дар идора кардани сифати таълим, густариш додани хизматрасониҳо ба соҳаи маорифи мамлакат мебошад. Ӯ ин ё он меъёри сифатнокии таълимро бо хизматрасониҳо дар соҳаи таълим алоқаманд кардааст ва бо таҷҳизоти модди техникии кӯдакистон ва мундариҷаи маводи таълимиро бо яке аз меъёрҳо (моддӣ) вобаставу алоқаманд месозад. Меъёри эътимоднокиро ба иҷроиши аниқу ҳаматарафаи фармонҳои маъмурияти МТ алоқаманд медонад. Меъёри мусоидатро ба интизому кордонии педагогҳо дархости ҳайати омӯзгорону профессорони МТ бо мақсади кумакрасонӣ ба таълимгирандагон вобаста медонад. Татбиқи муносибати тафриқавӣ ба хонандагон дар асоси ташхиси қобилиятҳои воқеии таълимии онҳо бо таваҷҷуҳ ба истифодаи тадбирҳои кумаки тафриқавӣ ба хонандагони дорои дараҷаҳои мутафовити тайёрӣ ба фан ва муносибати гуногун бо ҷараёни таълим рабт дорад. Меъёрҳои эътимоду боварӣ ба муомилаи хубу

дурусти мураббиён , салохиятнокӣ ва бетаваҷҷуҳ набудан нисбати хонандагон вобастагӣ дорад [68, с. 69].

Аммо дар рисолаи илмии худ М.Н. Недвеская [142] чунин мегуяд, ки асоси назарияи ҳозираи сифати таълимро маҷмуи принсипҳо дар арзёбии сифати таълим, амсоли ягонагии миқдору сифат, ҳар як ченаки сифати таълим, якпорчагӣ дар сифати таълим, сифатнокии ашёҳову таҳарруку андозагирӣ ташкил медиҳанд. Илова бар ин, ба андешаи ӯ принсипи арзёбии сифатнокии фаъолияти дастаи кормандон бо волидайни тарбиятгирандагон диверсификатсия ҳисоб меёбад. Принсипи диверсификатсия дар маҷмуи методҳои ҳамкории педагогии дуҷониба дар омӯхтани илмҳои мухталиф оид ба ҳамкориҳо байни мураббиву оила муомилаи мураббӣ бо волидайни кӯдакон дар таъсири вижагиҳои ҳамкориҳо миёни муассисаи таълимию оилаҳои кӯдакон ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак муътадил гардидани муносибатҳо байни кӯдакону волидайни онҳо ва муайянсозии ногусастании онҳо дар механизми табадули ҳамкориҳои самараноки педагогии эҳтимолӣ ифода меёбад. Дар технологияи ҳамкориҳои дутарафа диверсификатсияро таҳияи нақшаи навгонии технологияи ташкилу идора кардани сифати ҳамкориҳои байни МТМУ ва оилаи таълимгирандагон аз ҷумла таҳияи усулҳои мониторинг ва арзёбии сифати ҳамкории муассиса ва оила муайян мекунад ва онро усулҳои гуногуни педагогии ҳамкорӣ ва идоракунӣ ташкил медиҳанд.

Хуллас, таҳлилу баррасии муносибати назарявӣ дар таҷрибаи педагогҳои кишвар оид ба ҳамкориҳои педагоги бо падару модарон моро водор сохт, ки вижагиҳои ташкил кардани ин ҳамкориҳои педагогиро дар МТТ баррасӣ намоем.

Ҳамин тариқ собит шудааст, ки оила ва кӯдакистон ҳамчун муассисаи ибтидоии таълимии иҷтимоӣ қодиранд мукаммалӣ ва якпорчагии муҳити иҷтимоию педагогӣ ва фарҳангию маърифатиро барои ҳаёт, рушд ва худшиносии кӯдак таъмин намоянд, дар байни омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ ва падару модарон ихтилофҳо зуд-зуд ба миён меоянд.

Проблемаи ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила дар марҳалаи ҳозира хеле тезутунд аст. Чунончи В.В.Анисимов, Л.А.Карпенко, А.В.Гуревич қайд мекунанд, тағйироти системаи маориф асосан ба мазмуни барномаҳои раванди таълим таъсир мерасонад, вале на ба системаи муносибатҳои байнишахсӣ.

Шароити муосир талаб менамояд, ки волидайн аз масъулиятҳо ва уҳдадориҳои воқеии хеш огоҳ бошанд. Дар натиҷаи амалҳои фаъол дар ин самт як қатор проблемаҳои ҷомеаро, ба мисли кам кардани шумораи ҷудошавии оилаҳо, боло бурдани маданиятнокии хурдсолону калонсолон бунёд сохтани шароитҳо бо мақсади самаранок ҳаллу фасл кардани вазоифи ҷамъиятии падару модарон ва ғайра ҳал намудан имконпазир аст.

Дар соҳаи маориф кори тарбиявӣ бо падару модарон барои ҳалли масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, баҳодиҳии мустақилона ба сифати хизматрасонии таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Стандарти давлатии ТТ мақсаду вазифаҳо, афзалиятҳо, ин ё он принсипи бароҳмонии ҳамкории педагогӣ байни кӯдакистону волидайни кӯдакони хурдсолро муайян намудааст:

- яке аз пирнсипҳои тарбияи томактабӣ ҳамкории педагогӣ бо волидайн ба шумор меравад ;

- таъмин бо кумаки педагогӣ ва психологӣ ба оилаи тарбиятгирандагон ва боло бурдани салоҳиятҳои волидайн оид ба масоили тарбиявӣ, нигоҳдорӣ ва мустаҳкамкунии солимии тарбиягирандагон яке аз мақсадҳои СДТ (стандарти давлатии таҳсилот) мебошад;

- мувофиқи талаботи сохтори барномаи таълимӣ барои МТТ «Мундариҷа бояд хусусиятҳои ҳамкории коллективи педагогиро бо оилаҳои хонандагон пешниҳод намояд».

Дар байни талабот оид ба шартҳои татбиқи барномаи асосии таълимии таҳсилоти томактабӣ масъалаҳои ҳамкории оилавӣ мавқеи баробар муҳимро ишғол мекунанд, аз ҷумла:

- фароҳам овардани фазои тарбия, хусусан барои ширкат варзидани падару модарон дар кори таълиму тарбия дар МТТ ;

- мустаҳкам кардан ва ҳимоя кардани ҳолати санитарии тарбиятгирандагони МТТ, ба фаъолияти бевоситаи тарбиявӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонаводаҳо ва ёрӣ намудан ба онҳо дар тарбияи кӯдакон;

-ташкили лоиҳаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо оила дар заминаи мушаххас намудани эҳтиёҷот ва дастгирии иқдомҳои тарбиявии он;

- фароҳам овардани имкони муҳокимаи масъалаҳои марбут ба татбиқи барнома бо волидони кӯдакон.

Самтҳои асосии кори муассисаи таълимии томактабӣ бо оила аз инҳо иборат мебошад:

1. Таъмини дастгирии психологию педагогӣ ба оила.

2. Баланд бардоштани салоҳияти волидон.

3. Кумак ба оила дар тарбия ва таълими фарзанд.

4. Иштироки волидон дар фаъолияти тарбиявии муассисаи таълимии томактабӣ ва самаранокии кори омӯзгорон дар ин соҳаҳо, ки ба омилҳои гуногун вобастагӣ дорад.

Бисёр вақт таҷрибаи кор дар муассисаҳои таълимии томактабӣ сатҳи пасти маданияти психологии волидону мураббиён (падару модар ва мураббиён), таъсиргузор набудани муошират ҳам дар муомила бо кӯдакон ва ҳам бо якдигарро нишон медиҳад. Бисёре аз равоншиносон қайд мекунанд, ки маҳз хатогиҳо дар муошират сабаби мунохишаҳои зиёди байни мураббиён ва волидон буданд. Қобилияти дуруст баён накардани хостаҳои худ ё хоҳиши калонсолон, нафаҳмидани ҳолати эмотсионалии рақиб боиси авҷ гирифтани низоъ мегардад.

Мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд донанд, ки муошират яке аз қисматҳои илми психология ва педагогика ба шумор меравад. Ва мафҳуми муошират барои соҳаи иҷтимоӣ низ муҳим аст, зеро он ҷараёни дарки ҳамдигар ё ба истилоҳ ҳамдигарфаҳмӣ, сарварию

роҳбарӣ, муттаҳидию зиддиятҳои дохили гурӯҳҳои иҷтимоиро меомӯзад. Одатан дар тадқиқоти психологию педагогӣ муошират ҳамчун қисми таркибии фаъолият ҳисобида мешавад ва ҳамчун намуди фаъолият дар раванди тарбияву омӯзиш татбиқ мегардад. Муошират дарвоқеъ асоси тарбия ба ҳисоб меравад. Муошират хубу баландсифати волидайн ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ асоси тарбияи дурусту муваффақ аст. Ҳамзамон мо набояд фаромӯш созем, ки Сарвари кишвар зимни баромади худ вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи сармоягузорӣ ва ҳифзи амволи давлатӣ ва раисони шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати бунёди кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдакон диққати ҷиддӣ дода, тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд. Ин иқдом моро водор менамояд, ки ҷараёни ҳамкорӣ ва фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар ин раванд махсусан робитаи мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо волидайни тарбиятгирандагон, ҳамкории қавӣ ва самимиву судманд бо оилаҳо дар мадди назар дошта мешавад. Зеро “оила муҳимтарин муҳити ташаккули шахсияти кӯдак аст. Ин ба ҳар як омӯзгор, ҳам омӯзгори таҷрибадор ва ҳам навкор ҳақиқати бебаҳс аст. Зеро дар оила кӯдакро чуноне ки ҳаст бояд дарк намуд ва пазируфт. Вале боиси таассуф аст, ки ин тарзи фаҳмиш на ҳамеша мушоҳида мешавад» [8].

Муҳаққиқи тоҷик Л.М. Имматова бар он назар аст, ки бештари падару модарон бар он назаранд, ки баробари ба боғча овардани кӯдак нақши тарбиявии онҳо ба итмом мерасад ва «эстафета»-ро мураббиён ва дигар мутахассисони муассисаи томактабӣ ба даст мегиранд. Шояд онҳо фаромӯш месозанд, ки маҳз волидон тарбиятгари асосии кӯдак мебошанд. Онҳо аз лаҳзаи таваллуд дар ҳаёти кӯдак нақши калидӣ ва ҳалкунандаро мебозанд. Волидон аввалин мураббиёне ҳастанд, ки арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва маҳоратҳои хуфтаи ӯро ташаккул медиҳанд [81].

Таҳлили ҳолатҳои мунокишаи байни омӯзгорон ва волидон аз таҷрибаи муассисаҳои таълимии томактабӣ хусусиятҳои зерини

муоширати омӯзгорон ва волидонро ошкор намуд. Омӯзгорон мехоҳанд, ки волидон:

- ба андешаи омӯзгорон эҳтиром мегузоранд ва тавсияҳои ӯро гӯш кунанд;

- ба ҳаёти кӯдак дар муассисаи таълимии томактабӣ шавқу ҳавас зоҳир намуда, дар ташкили истироҳат ёрӣ расонанд, дар тоза кардани бино ва ҳудуд иштирок намояд;

- психология ва педагогикаи кӯдакони синни томактабиро дарк намуда, фаромӯш накунанд, ки муассисаи ибтидоии тарбияи кӯдакон оила мебошад;

- соати кории боғчаро риоя кунанд (бачаҳоро дер наоваранд, беморонро дар хона нигоҳ доранд);

- нисбат ба омӯзгорон бодиққат ва аз меҳнатдӯстии ӯ миннатдор буданд, нисбат ба ӯ талабҳои ғайриимкон ва изҳороти танқидӣ намекарданд. [23]

Мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ омилҳои нофаҳмии байни худ ва падару модарони тарбиягирандагонро чунин шарҳ медиҳанд:

- волидайн ба сатҳи инкишофи фарзанди хеш баҳои нодурустро мегузоранд, камбудиву норасоиҳои кӯдакони худро намебинанд, ахбороти танқидиро дар бораи фарзанди худ ба эътибор намегиранд;

- онҳо ҳамеша фарзанди худро ҳақ ва фарзанди дигаронро гунаҳкор медонанд;

- падару модар нисбат ба фарзандони худ бепарвоанд, бо онҳо машғул шудан, муошират кардан намехоҳанд, бинобар ин тамоми масъулияти тарбия ва таълимро ба дӯши муассисаи таълимӣ мегузоранд;

- паст будани дараҷаи маданияти ҳам мураббияҳо ва ҳам падару модарон;

- падару модарон омӯзгоронро ҳамчун мутахассис намебинанд ва бовар надоранд, ки дар кӯдакистон ва мураббия дар тарбияи фарзандон кори ҷиддие анҷом дода метавонанд;

- волидайн синни томактабиро давраи муҳими ташаккули шахсият намедонанд;

- бо вуҷуди он, ки мураббиёни боғча аз мавҷудияти мушкилот ҳангоми муомила бо волидон огоҳ буданд, барои рафъи бухрон чораҳои аниқ пешниҳод накарда, дар интизори ёрии сармураббӣ, равоншинос ё мудири боғчаи кӯдакон қарор доштанд;

-ҳамзамон дар ташвишанд, ки бо волидайн робита надоранд, вале бо онҳо бояд ҳамфикр бошанд ва барои ин падару модаронро ба ташкили ҳаёти боғча ҷалб мекунанд.

Аз нигоҳи волидайн фарқгузорӣ аз ҷониби мураббиён нисбати кӯдакон ба эҷоди ҳамдигарфаҳмӣ миёни онҳо монеъ мешавад. Омӯзгорон барои фаҳмонидани волидайн душворӣ мекашанд, ки фарзанди онҳо дар хона дигар аст ва имкониятҳои гуногун дорад. Волидон эътироф мекунанд, ки:

- барои онҳо иқрор шудан ва пазируфтан душвор аст, ки дар кӯдакистон на он гуна, ки онҳо мехоҳанд, рафтори дигар доранд.

-набудани ҳамдигарфаҳмӣ ва ягонагии ақидаҳо оид ба тарбияи фарзанд (модар мехоҳад ҳамкорӣ кунад, аммо падар ӯро бозмедорад ва ё баръакс);

- аз байн рафтани нақши мардон дар тарбияи фарзанд (мавқеи худро аз даст додани шаклу усулҳои мушаххаси тарбияи мардон дар оила).

-вақте волидайн бетаваҷҷуҳии омӯзгорро нисбат ба кӯдакон мебинанд, хафа ва норохат мешаванд.

Монеаи ҷиддие, ки ба инкишофи муносибатҳои муколама мусоидат менамояд, ратсионализми алоқа мебошад. Он дар мурочиати аз меъёр зиёди мураббиён ба ҳисси вазифаи волидайн, далели ӯ, бар зарари мурочиатҳои бевосита ба эҳсосот ва таҷрибаи модар ё падар зуҳур мекунад. Ин услуби муошират ҳар вақте, ки омӯзгор нақшҳои «хабардор», «омӯзгор», «мураббӣ», «танқидчӣ»-ро иҷро мекунад, ба вуҷуд меояд. Мураббиён ба он одат кардаанд, ки волидайн ҳамоно чун намояндаи

ҷомеаи суннатӣ амал мекунанд, ба онҳо тавсияҳо ва эродҳои таҳкимбахш медиҳанд, на баръакс. [23]

Он мураббиёне, ки дар доираи як нақши қатъӣ монданро афзал медонанд, ба он одат мекунанд, ки худро озод ҳис кунанд ва ба дигарон озодӣ намедиҳанд, вазифаҳои назорат, роҳнамоӣ, маҳдудкунӣ, арзёбӣ ва таҳмилкуниро ба ӯҳда мегиранд.

Қобили қайд аст, ки падару модарон роҳу тарзҳои ҳамкориҳоро нишон медиҳанд ва бо ин сатҳи кушода будани МТТ ва имконияти ташриф ба боғчаи кӯдаконро шарти муҳимми зиёдшавии боварӣ унвон карданд.

Волидон аз раванди тарбияи фарзандони худ дар кӯдакистон чунин натиҷаҳоро интизоранд:

- инкишоф меёбад;
- бо ӯ муомилаи хуб мекунанд;
- муошират ва иштирок дар рушди ҷомеа;
- хусусиятҳои фардии кӯдакро ба назар гиранд;
- таъмини бехатарӣ;
- маҳдудиятҳои зиёд ҷорӣ нахоҳанд кард.

Волидон аз мураббиён муошрати озод, солим ва самарабахшро интизоранд, на рафтори ғаразнок нисбати тарбиягирандагон.

Умуман, таҳлили ҳолатҳои низоъӣ нишон дод, ки дар байни омӯзгорон ва падару модарон нофаҳмиҳо зиёданд. Аксар вақт падару модарон ва мураббиён рафтори якдигарро нодуруст маънидод ва дарк мекунанд. Масалан, мураббиён дер омадани кӯдак ба боғчаро ба нописандӣ нисбат ба ҳаёти ӯ ва қоидаҳои боғча шарҳ медиҳанд ва волидон хафаву норохат мешаванд, ки омӯзгорон мехоҳанд, то анҷоми рӯзи кории расмӣ аз фарзандонашон халос шаванд.

Падару модарон омодасозии кӯдакони худро ба МТМУ, ки аз хондану навиштану азхудкунии донишу маҳорату малакаҳои махсус иборат аст, ба дӯши педагогҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мегузоранд. Дар ҳоле ки омӯзгорон баҳри ҷамъиятикунонии кӯдакон тавассути фаъолияти бозӣ,

инкишофи ҷанбаҳои мусбии равонии онҳо ва ташаккули сифатҳои шахсӣ уҳдадоранд [8].

Сарфи назар аз дигаргуниҳои дар МТТ пайдошаванда гуфтан мумкин аст, ки ҳоло манфиатҳои кӯдакон аз назари падару модарон ва педагогҳои МТТ дур шудаанд. Калонсолон дар бораи орзуҳои худ ғамхорӣ мекунанд, дурустӣ ва салоҳияти худро ба ҳамдигар исбот мекунанд. Мураббиён ва волидайн ба ҷои ҷустуҷӯи ҳамкориҳои созанда вақти бештарро барои собит сохтани андешаву пиндорҳои худ сарф мекунанд [2], [81].

Махсусан барои омӯзгороне, ки одат кардаанд, саҳми волидонро чун тарбиятгар нодида гирифта, хешро ягона пешбари дониши воқеӣ дар ҷараёни таълиму тарбия донанд, гузаштан ва истифода аз муколама басо муҳим аст. Гӯш кардану шунидан, шавқманд будан, пеш аз худ дигаронро фаҳмидан, робитаи сабабу натиҷаро дидан осон нест. Аз гапи беҳуда ва танқид даст кашидан, қоидаҳои муоширати баландбардориро қабул кардан ва дар асоси формулаи тиллоӣ зиндагӣ кардан душвор аст: «Фикр кун, ки чӣ мегӯӣ, ба кӣ мегӯӣ, барои чӣ мегӯӣ, дар куҷо мегӯӣ, он ва оқибатҳои он чӣ хоҳад буд» [4].

Фикру мулоҳизаҳое, ки дар тафаккури бештари мураббиён ба мисли «Волидайн ба чизе кор намеоянд ё таваҷҷуҳ намекунанд», «Ман барои оилаи шогирдам коре карда наметавонам, таҳкурсӣ аз оила аст....», ба вуҷуд меоянд, ба муносибати судманд бо падару модари хонандагон халал мерасонад. Оё бидуни донистани вазъияти зиндагии оила доварӣ кардан мумкин аст? Ҳангоми қазоват кардан на маҳкумият, балки дониш ва фаҳмиш бояд ба кор бурда шавад [23].

Вале қабл аз он ки оид ба самт ва моҳияти кор ҳарф занем, чунин нуқтаи асосиро тазаккур додан лозим аст: дар ин самт корро фақат дар ҳолате роҳандозӣ кардан дуруст аст, ки омӯзгор оиларо ҳамчун субъекти муносибатҳои тарбиявӣ қабул карда тавонад [5].

Субъект иштирокчии фаъоли тамоми навъҳои фаъолияти якҷоя ҳисоб меёбад ва дар раванди фаъолият худшиносии бештар касб мекунад.

Мафҳумҳои «ҳамкорӣ», «шарикӣ»-ро одатан муҳаққиқони муосир ҳамчун қоида муайян намуда, аз онҳо истифода менамоянд, дар ҳоле ки ҳар кадоми онҳо вижагиҳои ҷузъҳои мухталифи ин корро дар худ таҷассум мекунанд.

Мутобиқи таърифи дар умум эътирофшуда кооператсия, маҷмӯи муносибатҳои дуҷонибаи судманди якчанд субъект ба ҳисоб меравад. Фаъолияти омӯзгор ба ҳалли мушкилиҳои барномаи таълим ва қонеъ сохтани талаботи иҷтимоӣ ба хизмати таълим равона гардидааст. Падару модарон талош талош менамоянд, ки инкишофи мунтазами фарзанди худро ҳаматарафа таъмин карда, қудрат ва салоҳияти педагогии педагогии худро тақвият бахшанд. Дар ҷараёни муошират бо падару модар, омӯзгор ва ҳамсолон кӯдаки синни томактабӣ аз лиҳози физиологӣ, эҳсосотӣ-иртиботӣ, руҳиву маърифатӣ ва монанди ин ниёзҳои худро бароварда мегардонад.

Пас, метавон кооператсияро чун низоми муносибатҳои миёни мураббия ва оила маънидод кард, ки бо тарзу усулҳо ва аҳдофи кор мушаххас мегардад.

Шарикӣ – тарзи ташкили фаъолияти тарафҳо мебошад, ки дар заминаи шартномаҳои дуҷониба, амсоли масъулият, ҳуқуқ ва вазифаҳо ба амал меояд. Мувофиқ ба таърифҳои дар адабиёти илмиву назарии педагогии додашуда, муносибати мутақобила чун робитаи мустақим ва ғайримустақими якчанд объект ба як шакли муайяни якпорчагӣ, иттиҳод ва намуди комилан нав мегирад. Аз нигоҳи аввал тафсири фалсафии мазкур муайянсозандаи истилоҳи масоиле мебошад, ки онҳоро таҳлил намудем: робитаи бевосита (зимни муошират, ки ҳар рӯз баргузор мегардад) ва робитаи бавосита (тавассути восоити гуногуни ахбор)-и ҷомеа ва маорифу илми кишвар бо волидайн. Ба манбаъҳои мухталифи ахбор сомонаҳои МТ, ашколи аёнии мураббӣ бо мақсади шиносоӣ бо волидайн ва ғайра шомиланд.

Ин ҷо алакай эҳсоси мавҷудияти виҷдон ба амал меояд. Кӯдак, ки танҳо дар муҳити оила бузург мешуд, акнун ҳамроҳ бо волидон иштирокчии низоми нав - низоми «боғча ва оила» мегардад. Ва ниҳоят, фаҳми дуҷониба ҳамчун ҳаракат дар масири рушд, шакли мавҷудият ва сохтори ин ҷараёнро мушаххас месозад. Муносибати мутақобила ҳамеша бо пайвастагӣ ва ҳамоҳангии амалҳо хос аст.

Бар асоси гуфтаҳои боло, ҳамкорӣ як системаи ҷудонашавандаи муносибатҳо миёни «оила-кӯдак-мураббӣ» мебошад, ки дар он ҳар як иштирокчӣ субъекти баробарҳуқуқи муошират аст ва дар он омилҳои зерин бояд ба эътибор гирифта шавад:

- мураббӣ бояд нақши афзалиятноки оиларо дар тарбия ва инкишофи кӯдаки синни томактабӣ дарк намояд, муносибати возеҳ дошта бошад ва арзиш қоил бошад, ки оилаи ҳар як тарбиятгиранда ба худ хос аст;

- падару модарон бояд нақши муассисаи таълимии томактабиро дар ташаккули шахсияти кӯдаки хеш аниқ дарк кунанд;

- омӯзгорро ҳамчун шахс қабул кунед, манфиатҳои ӯро эҳтиром кунед.

Дар асоси қайдҳои боло ҳамкорӣ чун низоми ҷудонопазири робитаҳои байни оила, кӯдак, мураббӣ фаҳмида мешавад, ки дар он ҳар як ширкаткунанда субъекти баробарҳуқуқи муошират аст. Дар робита ба ташкили ҳамкории мутақобила бо оилаҳои тарбиятгирандагон муассисаи таҳсилоти томактабӣ вазифадор аст, ки: ба оила кумаки психологию педагогӣ расонад; ба боло бурдани салоҳияти волидон замина гузорад; ба тарбия ва таълими кӯдак дар оила ёрӣ расонида тавонад; барои иштирок намудани падару модарон дар кори таълимии муассисаҳои таълимии томактабӣ имкон фароҳам созад.

Ҳамин тариқ, таҳлили муносибати омӯзгорони соҳибтаҷриба доир ба масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ ва моделу меъёрҳои сифати идоракунии онҳо ба мо имкон дод, ки ба таври озмоишӣ ва татбиқи амалии проблемаи мазкур шуруъ намоем.

## Хулосаи боби якум

Ташаккули мафҳуми ҳамкориҳо, ашколи гуногуни ҳамкориҳо бо падару модари тарбиягирандагони МТТ, муносибатҳои педагогҳои ботаҷриба бо оилаи кӯдакон, ҳар як меъёри сифати идора кардани муассисаҳои таълимӣ ва ғайраро таҳлил намуда, ба таври зайл бояд хулоса баровард:

-баррасии педагогию психологӣ сотсилогию фалсафӣ истилоҳи “ҳамкорӣ”-ро муайян кард, ки ҳамкориҳои дутарафаи оилаи кӯдакон бо МТТ ба рафтору муносибати субъектҳои ҳамкориҳои педагоги, ки дигаргуншавии рафтор ва муносибати тарафҳо, донистани ин ё он арзиши маънави барои рушди ҳаматарафаи кӯдакро ба ҳисоб мегирад, дар пойгоҳи авомили зерин асоснок мегардад;

-сабаби асосии алоқаи МТТ бо оилаи кӯдакон муносибатҳое шуморида мешуданд, ки таърихи тӯлонӣ доранд: мусоҳибаи якка ба якка, машғулиятҳои намунавию кушод, ҳамкории дутарафа, тренинг, семинар, муштараккунонии тютерҳо, таҳаввулот дар афкори ҷамъиятӣ, сохти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, пешрафти илму техника, саъю кӯшиш ба гурӯҳбандӣ кардани таҷрибаи ҳосилшуда натоиҷи инкишофи ашколи ҳамкориҳо ҳисоб меёбанд;

- ашкол дар ибтидо дар пояи ҷойгоҳи шуморавии фаҳмиши инфиродию коллективӣ ва баъдан аз ҷойгоҳи фаҳмиши ахбороти маърифатӣ, таҳлилӣ, аёнию ахборотӣ  мавриди таснифот қарор гирифтанд. Болоравии сатҳи маърифати падару модарон, тағйирёбии мавқеи педагогӣ ва афкори волидайн ба ҷалб кардани диққати оилаҳо ба ҷараёни таълиму тарбия оварда расониданд.

Дар асоси ин, бахшҳои асосии ҳамкории дуҷонибаи волидайн бо коллективи педагогӣ муайян гардиданд ва равишҳои такмили худро ёфтанд: бахши шаклҳои таҳсил, кори  мушаххаскунонию маърифатӣ, бахши кори якҷояи фароғӣ, қисми ашколи аёнии ҳамкориҳо, қисми ҳамкориҳои интернетӣ, қисми ашколи ғайрианъанавӣ, қисми ашколи ҷалб кардани волидайн ба идоракунии МТТ.

Омӯзиши нашри мақолаву дастурҳои мураббиёни соҳибтаҷриба шаҳодати он аст, ки ҳамкориҳои босамар ҳам барои шаҳру деҳот дар алоҳидагӣ ва ҳам барои кишвар дар умум аз аҳамият холӣ нест. Маъмурияти МТТ-ҳо ва мураббиён муҳиммияти ин масъаларо эътироф намуда, ҳамкориҳо бо падару модарро дар корҳои педагогии хеш афзалиятнок меҳисобанд. Ҳамзамон, мураббиён ба дараҷаи фарҳанги педагогию психологии падару модарони имрӯза, ба саъю кӯшиши волидайн барои ҳамкориҳо баҳои баланд медиҳанд. Ғайр аз ин, фикру андешаҳои мухталиф низ ҷой доранд. Чунончи, волидайн тайёр набудани мураббиёни сершуморро ба ҳамкориҳои босамар қайд намудаанд, ба андешаи мураббиён падару модарон бесалоҳиятанду ба таълиму тарбияи кӯдакони хеш хоҳиш надоранд.

Дар фарҷоми таҳқиқи асосҳои назариявии масъалаҳои муносибати ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оилаҳо зарурати муайян намудани сатҳу дараҷаи ҳамкорӣ тавассути меъёрҳои сифати идоракунии раванди мазкур ба вуҷуд омад. Ҳар як нишондиҳандаи ин ё он меъёри сифати ҳамкориҳо унсури муҳими ҷараёни мазкур буда, ба тағйир додану дигаргун сохтани системаи муносибатҳо дар ҳамкориҳои педагогӣ қодиранд. Дар асарҳои муҳаққиқони тоҷику рус (И.Г. Бартасевич, И.М. Иззатова, В.Т. Калашников, М.Т. Матюшнкина, Х. Раҳимзода, Б. Маҷидова, Л.В. Русских, Н.А. Селезкев ва дигарон) ҷанбаҳои мухталифи мушаххас сохтани муносибатҳои сифати ҳамкории тарафҳоро таҷассум менамояд, аз инҳоро: педагогӣ, идоракунӣ, сотсиологӣ, квалиметрӣ, салоҳиятнокӣ ва мониторинг ташкил медиҳанд.

Аз андешаҳои фавқуззикр ба хулосае омадем, ки ҳар як меъёри сифати ҳамкориҳоро дар асоси талаботҳо ба салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия – ташаккули донишу маҳорату малакаҳои иштирокчиёни раванди ҳамкориҳо (волидайн, мураббиён, маъмурият) ба воситаи нишондодҳои ташхисшаванда дар сатҳҳои пасту миёна, баланд ҷудо намуда, ба рӯйхати санҷишӣ шомил намоем.

# БОБИ 2. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ - ОЗМОИШӢ ОИД БА РУШДИ ҲАМКОРИИ ПЕДАГОГИИ МТТ БО ОИЛАИ ТАРБИЯТГИРАНДАГОН

## 2.1. Муқарраркунии дараҷаи сифати ҳамкориҳои педагогӣ байни МТТ ва оилаи тарбиятгирандагони МТТ

Идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила аз субъекти ҳамкорӣ талаб мекунад, ки ба идоракунии ҳамкории педагогӣ бо падару модарон муносибати мунтазам дошта бошад ва тавонад дар заминаи он асос ёбад. Зимни ин муносибат усулҳои техникӣ дар ташкилу гузаронидани корҳои озмоишӣ “Амсилаи идора намудани сифатнокии ҳамкориҳо миёни кӯдакистон ва кӯдакон” ҳамчун воситаи муҳими идора кардани сифатнокии таъсиррасониҳои тарбиявӣ ва волидайни тарбиятгирандагони МТТ муайян гардидаанд. Зимни санҷидани масъалаи мазкур, яъне талабот ба салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия бо таснифи ашколи ҳамкориҳо асос ёфтанд.

Бо мақсади бадастории натиҷаи хуб аз идоракунии босамари сифати ҳамкориҳои мураббиёну оилаҳо маҷмӯи корҳои илмию татқиқотӣ бояд ташкил карда шавад. Сатҳи тайёр будан ба идора намудани сифатнокии ҳамкориҳои педагоги байни МТТ ва падару модарон дар асоси талаботҳои баробар байни онҳо мушаххассозии МТТ ва оилаҳои кӯдакон, гурӯҳҳои озмоишӣ, ки ба онҳо падару модарон шомил шудаанд, кӯдакони синни томактабӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимии томактабӣ, мураббиёну донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ ва худи раванди фаъолият ба роҳ монда шуд.

Гурӯҳи назоратӣ бошад, аз волидони тарбиятгирандагон, роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ иборат буд. МТТ-ҳои мазкур дар консепсияҳои таълимиашон ҷараёни таълимро тавассути амсилаи анъанавӣ идора менамуданд, яъне онҳо бо волидайн ҳамкориҳои педагогиро ба роҳ намемонданд.

Озмоиши гузаронидашуда 86 волидайн, 26 мураббӣ, 11 роҳбари кӯдакистонҳоро фаро гирифт. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар давраи муқарраркунанда таълимгирандагон ба сифати субъектони чараёни таълиму тарбия мавриди пурсиш қарор нагирифтаанд ва ин аз мавҷуд набудани робитаи мустаҳкам бо падару модарони онҳо гувоҳӣ медиҳад. Новобаста ба ин, чил нафар донишҷӯ аз курси чорум, тахассуси педагогика ва психологияи таҳсилоти томактабии факултети педагогика ва варзиши ДДБ ба номи Носири Хусрав ва педагогҳои МТТ дар озмоиш ширкат варзиданд.

Ҷамъ кардани маводҳои зарурӣ барои омӯхтани амалияи ҳамкориҳои дутарафа дар заминаи фаъолияти таҷрибавии кӯдакони МТТ-ҳо №1 ("Бунафша") ва №9 ("Офтобак")-и шаҳри Бохтар, №1 - "Офтобак" ва №2 "Фирӯза" - и ноҳияи Ҷайҳун ва №5 "Лола" - и ноҳияи Кӯшониён сурат гирифт ва дар се марҳила иҷро гардидааст.

**Марҳилаи аввал (солҳои 2021-2022)** Мавзуъҳои омӯзиши назарияи педагогика ва психология манбаъҳои фалсафию методию илмӣ, робита ва ҳамкориҳои педагогӣ байни кӯдакистон ва волидайнро фаро гирифтааст. Базаҳои назариявӣ ҳалли масоили пешниҳодшуда муайян, фарзияву усулҳои кори диссертатсионӣ муқаррар гардидаанд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2022-2023)** шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои дуҷонибаи МТТ бо оилаҳо таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, дар ин асос санҷишҳои озмоишӣ гузаронида шуд.

**Марҳалаи сеюм (солҳои 2023-2024)** таҳқиқот баҳри ба низом даровардан, хулосагирию ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, ташаккули хулосаҳо, таҳияи матн дар шакли рисолаи номзадӣ бахшида шудааст.

Меъёрҳои идоракунии сифати ҳамкорӣ, талаботҳо ба салоҳиятнокии субъектҳои раванди таълиму тарбия, талабот ба донишу малака ва маҳоратҳои волидайн, педагогҳо ва маъмурони МТТ бо мақсади таҳлил кардани тамоми андешаҳои фавқулзикр корбурд гардидаанд. Дар асоси натоиҷи пурсишнома (анкетаронӣ) бо корбурди феҳристи назорат

имконият пайдо шуд, ташхиси омода сохтани роҳбарияти кӯдакистон, мураббиёну волидайни тарбиятгирандгон барои идоракунии сифатнокии ҳамкориҳо байни онҳо, дараҷи инкишофи салоҳиятҳо муқаррар гардида шавад.

Барои омӯхтани вижагиҳои ҳамкориҳо се шакли анкетаронӣ коркард гардид, ки ба ташхису таҳлили ҳамкориҳои байни волидайни тарбиятгирандагон, педагогҳо ва муъмурони МТТ равона карда шудааст.

Бо мақсади бадастории ахборот дар атрофи кори таҳқиқотӣ анкетаронии падару модарони кӯдакони тарбиятгирандаи МТТ оид ба ҳайати оилаҳо, дараҷаи таълими падару модарон, сатҳи молиявии оилаҳо гузаронида шуд. Ҳангоми пурсиши маҳфилҳои оилавӣ ба ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила диққати махсус дода мешуд.

Аз натиҷаҳои анкетаронӣ аён гардид, ки байни падару модарони дар анкетаронӣ  ширкат варзида оид ба муошират фаъолияти модарон бештар буд. Хулоса, модарон дар гурӯҳи назоратӣ 82% ва дар гурӯҳи озмоишӣ 84%-ро фаро гирифтаанд, чунки дар кишвари мо масъалаи тарбия ва таълими фарзандон асосан ба зиммаи модарон гузошта шудааст.

Зимни омӯхтани вазъияти оилавии тарбиятгирандагони МТТ муайян сохтем, ки 61%-и ҷуфтҳо расмӣ карда шуда, дар гурӯҳи назоратӣ онҳо 60% буданд, шумораи боқимонда дар ҳарду гурӯҳ расман ба қайд гирифта нашуданд, ки оилаи нопурраро низ ба ин гурӯҳ шомил намудем.

Сину соли иштирокдорони дар анкетаронӣ ширкатварзида 25-35 сола (дар гурӯҳи назоратӣ - 41%, дар гурӯҳи озмоишӣ - 59%)-ро ташкил дод. Сину соли 1/4-и падару модарон 35-45 сола (дар гуруҳи озмоишӣ 18% ва дар гурӯҳи назоратӣ 25%-ро фаро гирифт) ин аз пуртаҷрибагии аксарияти волидайн таълиму тарбияи фарзандон гувоҳӣ  медиҳад.

Ҳамзамон дар рафти таҳқиқот ба мо маълум шуд, ки бештари волидайн иқтидори бузурги тарбиявиро доро мебошанд (дар гурӯҳи назоратӣ 41% дар гурӯҳи озмоишӣ 59%).

Ба пурсидашудагон савол дар бораи даромаду фоидаи оила дода шуд ва аз ҷавоби онҳо фаҳмидем, ки шароити зисташон қонеъсозанда намебошад (дар гурӯҳи назоратӣ 38% дар гурӯҳи озмоишӣ - 49%). Ҳамзамон 37%-и волидайн дар гурӯҳи назоратӣ ва 32%-и онҳо дар гурӯҳи озмоишӣ дар дараҷаи миёна қарор доранд. Фоизи боқимондаи волидайн вазъи хуби молиявӣ дошта, дар ин шароит ба тарбияи кӯдакони худ мепардозанд.

Тибқи таҳлили маҳфилҳо истироҳати фаъол (моҳидорӣ, футбол, велосипедронӣ)-ро 28% дар гурӯҳи назоратӣ, 32% дар гурӯҳи озмоишӣ дастгирӣ мекунанд. Дар гурӯҳи назоратӣ 14%-и волидайн тамошои ин ё он барномаи телевизион ва радиоро афзалиятнок шуморидаанд. Майл ба фарҳанг - кино, театр, сирк ва дигар ҷойҳоро 12%-и падару модарони дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва 13% дар гурӯҳи назоратӣ ва қисми боқимонда ба аёдати дидори дӯстон ва хешовандон нишон доданд.

Ҳангоми баҳо додани функсияи оилавӣ пурсиш нишон дод, ки дар ҳарду гурӯҳ 42%-41% таносубан функсияи таҷрибавии оила ба ҷойи аввал ва функсияи иртиботӣ бошад, таносубӣ (22%-21%) ҷой дуюмро ишғол намуд. Дар рафти таҳлили масъала айён гардид, ки 12%-и волидайни гурӯҳи озмоишӣ фаъол ҳастанд. Дар назарпурсӯ 9%-и волидайн бо дархости мураббӣ иштирок крданд. 61% волидон бар он бовaранд, ки танҳо иштирокашон дар ин раванд кофӣ аст. 4 фоизи падару модарон аз иштирок дар кори муассисаи томактабӣ канорагирӣ мекунанд ва 3 фоизашон дар таҳлилу баррасии ин масъала бетарафӣ нишон медиҳанд. Танҳо 12%-и падару модарони тарбиятгирандагон ҳамеша ба дигарон ёрӣ мерасонанд ва фаъоланд ҳамчунин, бо хоҳиши педагогҳо 28%-и волидайн супоришотро иҷро менамоянд, 50%-и волидайн фаъол нестанд ,дар ҷаласаҳои педагогӣ шабнишиниҳои тарбиявӣ аз сабаби кам будани вақташон иштирок намекунанд. Аз байни онҳо 3% ва 9% ба саволи мазкур ҷавоб дода натавонистанд.

Дар гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоишӣ оилаҳои кӯдакон дорои чунин аломатҳо мебошанд: оилаҳои ҳам падару ҳам модардор аксариятро ташкил медиҳанд; синнусоли падару модарон 25-30 сола ба қайд гирифта шудааст. Хатмкардагони МТОК мебошанд; сатҳи зиндагиашон миёна ҳисоб меёбад. Оилаҳое низ ҳастанд, ки аз як волидайн иборатанд. Набудани падар вазъи иҷтимоию эмотсионалиро мушкил месозад; баъзе модарон худро хеле бад ҳис мекунанд ва барои зиндагӣ зиёд кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ҳангоми ҳамкории педагогӣ бо оилаҳо ба назар гирифтани далелҳои мазкур зарур мебошад. Баъд аз таҳлилӣ фароғати оилаи шогирдон ба хулоса омадем, ки шинос кардани кӯдак бо атрофиён ба воситаи барномаҳои телевизионӣ вобасташавии онҳоро аз телевизион ба вуҷуд меоранд ва ин инкишофи ҳаматарафаву кори мустақилонаи кӯдакро бозмедорад, сабаби мутамарказонидан ба фаъолияти мушаххас, азбайнравии майлу ҳавас, афзоиши афкори мухталиф мешавад, дар кӯдак қобилият ба шуғлварзӣ бо ягон фаъолият эҳсос намегардад.

Зимни корбурди варақаҳои санҷиш баҳодиҳӣ ба падару модарон бо мақсади муайянсозии сифати ҳамкориҳо, салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия тибқи талаботи пештар дар асоси маҷмӯи шаклҳои ҳамкории педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила таҳлил карда шуданд. Бо мақсади осонтафсиркунӣ чунин баҳодиҳӣ аз тарафи гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоишӣ ба сифати арзиши миёнадор пешкаш гардид. Зимни арзёбӣ ба сифати коршиносон мураббиёни МТТ баромад кардаанд.

Акнун мегузарем ба таҳлили натиҷаҳои арзёбии меъёрҳои сифати ҳамкории омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо (волидон, ки чунин бахшҳо дар ҳарду гурӯҳ (озмоишӣ ва назоратӣ) иборат буданд:

- бахши таҳлилӣ – 6,37 – 6,42 хол;
- бахши маърифатӣ – 4,42 – 4,19 хол;
- бахши фароғатӣ – 6,0 – 6,12 хол;

- бахши шаклҳои аёнии ҳамкорӣ 4,53 – 4,66 хол;
- бахши ҳамкории интернетӣ – 1,49 – 1,85 хол;
- бахши шаклҳои ғайрианъанавӣ – 4,93 – 5,02 хол;
- бахши ҷалби волидон дар идоракунӣ – 2,31 – 2,28 хол.




**Диаграммаи № 1. Нишондиҳандаҳои натиҷаи арзёбии меъёрҳои сифати ҳамкории омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо**

Мувофиқи рӯйхати назорат шумораи максималии хол дар бахши аналитикӣ ҳашт аст. Аз маълумоти боло мебинем, ки дар гурӯҳи озмоишӣ баҳои миёна 6,37 дар гурӯҳи назоратӣ 6,42 хол буд. Ҳамаи ин аз дар сатҳи баланд қарор доштани хабардории МТТ, ҳар як самти бартаридоштаи фаъолияту меъёрҳо дарак дода метавонад. Қисми зиёди волидайни кӯдакон зимни мавриди омӯзиш қарор додани кӯдакистонҳо шабакаҳои интернетро ба кор мебаранд, аммо зимни таҳияи иттилоот мушкилиро аз сар мегузаронанд.

Дар қисмати маорифпарварию маърифатӣ иштирокдорони раванди ҳамкориҳои педагогии педагогу падару модарон мушкилотҳо пайдо гардидаанд. Падару модароне, ки сатҳи зиндагиашон миёна, хатмкардагони МТОК-ҳо мебошанд, аз технологияҳои Интернет

бохабаранд, аммо донишу маҳоратҳои психологӣ - педагогии зарурӣ ва методҳои тарбиявии онҳо нокифоя аст. Дар ин қисмат миқдори холҳо дар гурӯҳи озмоишӣ 4,42 вадар гурӯҳи назорати 4,19 буд.

Бояд ба ҳисоб гирифт , ки дар қисми чорабиниҳои истироҳатии якҷоя донишу маҳорати падару модарон пурра аст, аммо зимни бароҳмонии ҳамкориҳои педагогӣ бо волидайни тарбиягирандагон кӯдакистон мушкилоти зиёде ба вуҷуд меояд. Вазъияти мазкур ба пайдоиши мушкилот дар тайёр кардану гузаронидани ҳар гуна чорабинӣ дар кӯдакистон оварда мерасонад.Дар дараҷаи ниҳоӣ баҳои миёна дар гурӯҳи назоратӣ 6,12 хол ва дар гурӯҳи озмоишӣ 6,0 хол буд.

Омӯзиши қисми ашколи ҳамкориҳои визиуалӣ аз дараҷаи баланди хабардорӣ оид ба ин вазъи ашколи ҳамкориҳо ва имконоти корбурди онҳо огоҳ мекунанд. Падару модарон бо мақсади васеъсозии донишҳояшон инчунин хабар доданд, ки дар корбурди ашколи иттилоотӣ ва визуалии ҳамкориҳо қобилиятҳои хуби рушдёфта доранд. Вале зимни муқаррарсозии робита дар корбурди ашколи мазкур мушкилот пайдо шуд. Дар сатҳи ниҳоӣ тибқи варақаҳои санҷиш дар гурӯҳи таҷрибавӣ баҳои миёна 4,53, дар гурӯҳи назоратӣ 4,66 холро ташкил дод.

Бахши ҳамкориҳои интернетӣ аз падару модарон суолҳои сершумореро пайдо намуд. Аммо баъзе падару модарон аз ТИ ва компютерҳо фаъолона истифода бурда наметавонанду бо планшету ноутбук таъмин нестанд ва онҳоро зимни ҳамкориҳои педагогӣ бо кӯдакистон корбурд карда наметавонанд.Онҳо азбаски донишу малакаи технологиро надоранд, дар ягон семинари он-лайнӣ ширкат намеварзанд. Онҳо хоҳиш надоранд, ки дар шабакаҳои иҷтимоии интернет гурӯҳҳоро ташкилу нигоҳ доранд.Холҳои гирифтаи волидайн дар ин бахш чунин буд: 1,85 хол гурӯҳи назоратӣ ва 1,49 хол гурӯҳи озмоишӣ.

Зимни ҳамкориҳо миёни МТТ ва оилаи тарбиягирандагон ашколи ғайрианъанавӣ аз ҳама маъруф ҳисоб меёбад. Падару модарон аз ашколи фаъолияти коллективӣ дар педагогика огоҳанд ва ба корбурди машғулият,

бозии тиҷоративу дарси маҳорат майлу рағбат зоҳир мекунанд. Холҳои дар ин бахш гирифтаи волидайн чунин буд: 5,02 дар гурӯҳи назоратӣ ва 4,93 дар гурӯҳи озмоишӣ.

Дар қисми ҷалб кардани волидайни тарбиягирандагон кор бурдан, идора намудани кӯдакистонҳоро чун яке аз шаклҳои ҳамкориҳои педагогӣ байни кӯдакистон ва оилаи кӯдакон хеле душвор кард. Аксарияти волидайни тарбиягирандагон МТТ камбизоат ҳисоб ёфта, бо проблемаҳои молиявиашон банд буданд, дар ҷаласаҳои падару модарон иштирок намекарданд. Қисми зиёди онҳо бо волидайни дигар ва бо кормандони кӯдакистон ҳамкориҳои педагогиро ба роҳ монда наметавонанд.Холҳои дар ин бахш гирифтаи падару модарон чунин аст: 2,28 хол дар гурӯҳи назоратӣ ва 2,31 хол дар гурӯҳи озмоишӣ.

Хуллас арзёбии миёна дар сифати муошират волидайн дар гурӯҳи назоратӣ - 30,46 ва дар гурӯҳи озмоишӣ - 30,73 хол буд, ҳол он ки миқдори аз ҳама зиёди имконпазири он 49 хол ҳисоб меёфт, дар фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ба таври зерин муайян карда шуд:

Ҷадвали № 4. Сатҳи сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Миқдори оилаҳо | % | Миқдори оилаҳо | % |
| Баланд | 45 | 31% | 42 | 30% |
| Миёна | 76 | 53% | 78 | 56% |
| Паст | 20 | 16% | 19 | 14% |
| Ҷамъбаст | 141 | 100% | 137 | 100% |




**Диаграммаи№ 2. Сатҳи сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила**

Мувофиқи маълумоти таҳқиқи феҳристи назорат, ки дар ҷадвал оварда шудааст, дараҷаи ҳамкориҳо дар гурӯҳи назоратӣ 31% ва дар гурӯҳи озмоишӣ 33 фоиз буд,бештар аз нисфи онҳо 53% собиқаи то 5- солаи корӣ дар низоми маорифи мамлакат доштанд . Илова бар ин, 18% - и онҳо то 20 сол дар низоми маориф собиқа доранд. Вазъи ин масъала дар гурӯҳи назоратӣ ба таври зайл аст: қисми зиёди мураббиёне, ки собиқаи кории педагогии 5- сола доранд 33% ва мраббиёне, ки собиқаи кории педагогии то 20 –сола доранд, 21% аст. Миёни педагогҳои гурӯҳи озмоишӣ, ин собиқаи кории педагогиашон то 5 сол аст, аз бетаҷрибагӣ дар муошират бо падару модарони тарбиягирандагон ба мушкилот дучор меоянд. Мураббиёни салоҳиятнок дар гурӯҳи назоратӣ вохӯрданд, ки дар муошират бо падару модари тарбиягирандагон таҷрибаи калони кории педагогӣ доранд. Тибқи маълумотҳо 21% дар гурӯҳи назоратӣ ва 26%-и падару модарон дар гурӯҳи озмоишӣ дар фаъолиятӣ МТТ фаъолона ширкат варзиданд. Ҳамзамон, 27%-и волидайн аз гурӯҳи назоратӣ ва 40%-и онҳо аз гурӯҳи озмоишӣ бо дархости мураббиён ва бинобар “зарур будани

иштироккунӣ” 35%-и волидайн аз гурӯҳи назоратӣ ва 33%-и онҳо азгурӯҳи озмоишӣ иштирок карданд. Зимни қиёс намудани ақидаи педагогҳо ва падару модарон дар ҳамкориҳои байни МТТ ва волидайни тарбиягирандагон фарқият дида шуд.

**Ҷадвали №5. Маълумот оид ба пурсишнома дар хусуси сатҳи фаъолнокии падару модарон дар ҳамкориҳои педагогии онҳо бо МТТ**

| Сатҳи фаъолнокӣ | Ба андешаи волидон | | Ба андешаи омӯзгорон | |
|---|---|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Фаъолона иштирок кардан | 11% | 11% | 26% | 20% |
| Ба ҳайати мураббиён | 9% | 28% | 41% | 28% |
| Ҳамчун иштирокчӣ | 63% | 48% | 38% | 35% |
| Иштирок нанамуданд | 9% | 4% | - | 27% |
| Ҷавоб надодаанд | 4% | 9% | - | - |

**Натиҷаи таҳқиқот дар ин марҳила**

Таҳқиқи ин марҳила ошкор сохт, ки педагогҳо ба сатҳи кори падару модарон назар ба худи онҳо баҳои баланд гузоштаанд. Баъд аз таҳлил кардани воқифӣ ва ахбороти педагогҳо аз шавқу ҳаваси оилаҳо равшан гардид, ки дар гурӯҳи озмоишӣ 20%- и мураббиён аз ин ё он манфиати оилаҳои тарбиягирандагон воқифанд. Аз байни онҳо 71% дар хусуси масъалаи мазкур иттилоот пайдо намудаанд. Ҳамагӣ 13%-и педагогҳо аз гурӯҳи назоратӣ дар бораи маҳфили гузаронидани оилаи шогирдонашон огоҳии хуб доранд, 67%-и онҳо дар атрофи ин масъала ақоиди худро баён карда метавонанд. Дар раванди таҳқиқ аксари педагогҳо қайд намуданд аз маҳфилҳое, ки падару модари тарбиягирандагони МТТ мегузаронанд, чандон огоҳ нестанд.

Муқаррарсозии сатҳи ошкорбаёнии мураббияҳо ба ашколи навтарини ҳамкориҳои педагогӣ аз он шаҳодат медиҳад 66% - и мураббиён аз гурӯҳи

озмоишӣ ва 69% - и мураббиён аз гурӯҳи назоратӣ бо мақсади беҳтар намудани дараҷаи сифатнокии ҳамкориҳо миёни мураббиёну оилаи тарбиягирандаи кӯдакистон ба ҷорӣ намудани тренингу машғулиятҳои иловагӣ розӣ ҳастанд аз гурӯҳи озмоишӣ 91%- и мураббиён ва аз гурӯҳи назоратӣ 88% - и мураббиён тайёранд, ки бо волидайни тарбиягирандагони кӯдакистон ҳамкорӣ кунанд. Тибқи маълумоти бадастомада , дар барқарор намудани робита бо волидайни тарбиягирандагони кӯдакистон 62% аз гурӯҳӣ озмоишӣ ва 63% аз гурӯҳи назоратӣ мушкилиҳоро аз сар мегузаронанд.Тибқи маълумоти мазкур, аксари педагогҳо ба муоширати педагогӣ ва корбурди воситаҳои техникии таълим тайёранд. Зимни таҳлил кардани салоҳиятнокии падару модарон дар тарбия ва таълими кӯдакони худ аз мавқеи педагогҳо муқаррар сохтем, ки 73% мураббияҳои пурсидашуда дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва 74% пурсидашудагон дар гурӯҳи назоратӣ чунин меҳисобанд, ки падару модарон дар ҷараёни кори тарбиявӣ салоҳият доранд, аммо мутаассифона на ҳамаи онҳо ин масъулиятро ба зиммаи худ мегиранд. Зимни муайянсозии муносибати падару модарон ба корубори МТТ ва мураббиён бояд қайд кард, ки аксари падару модарон бодиққатӣ зоҳир намуданд ва кори онҳоро хеле баланд арзёбӣ мекунанд. Натиҷаи онҳо - 68% дар гурӯҳи озмоишӣ ва 71% дар гурӯҳи назоратӣ аз сатҳи заруриҳамкориҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Баъд аз таҳлил кардани назарпурсии мураббиён равшан гардид, ки аксарияти онҳо ихтисоси муайян доранд, ба ҳамкориҳои кушодаву нав, муоширати ошкоро бо оилаҳо омода ҳастанд. Сарфи назар аз ин, дар барқарорсозии муносибатҳои таъсиррасонанда бо волидайни кӯдакон душвориҳоро аз сар мегузаронанд. Ин худ шоҳиди он аст, ки онҳо дар кори касбии хеш аз салоҳиятҳои баланд бархӯрдор нестанд.

Баҳодиҳӣ ба салоҳиятҳои мураббиён бо мақсади муайянсозии дараҷаи муосири сифатнокии ҳамкориҳои дар пойгоҳи таҳлил намудани варақаҳои санҷиш роҳандозӣ гардид. Тавассути ин ашколи ҳамкориҳо ба намуди арзишоти миёна тамоми салоҳиятҳои падару модарон мавриди арёзбӣ

қарор гирифтанд. Роҳбарияти МТТ ба сифати коршиносон ба ин масъала баҳо доданд.

**Ҷадвали № 6. Натоиҷи баҳодиҳӣ ба меъёрҳои сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаҳо**

| Қисмҳои асосӣ | Талаботҳои асосӣ | - | - |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Қисми таҳлилӣ | ➢ Талабот ба донишҳо<br>➢ Талабот ба маҳоратҳо<br>➢ Талабот ба таҷрибаи амалӣ | 2,42<br>2,66<br>1,46 | 2,39<br>2,55<br>1,29 |
| | Холҳои ҷамъбастӣ | 5,64 | 5,53 |
| Қисми фаъолиятии якҷояи фароғатӣ | ➢ Талабот ба донишҳо<br>➢ Талабот ба маҳоратҳо<br>➢ Талабот ба таҷрибаи амалӣ | 2,64<br>0,85 | 2,66<br>0,81 |
| | Холҳои ҷамъбастӣ | 4,61 | 4,66 |
| Қисми шаклҳои ҳамкории айёнӣ | ➢ Талабот ба донишҳо<br>➢ Талабот ба маҳоратҳо<br>➢ Талабот ба таҷрибаи амалӣ | 1,71<br>1,64<br>0,72 | 1,74<br>1,66<br>0,77 |
| | Холҳои ҷамъбастӣ | 4,73 | 4,36 |
| Қисми ҳамкории интернетӣ | ➢ Талабот ба донишҳо<br>➢ Талабот ба маҳоратҳо<br>➢ Талабот ба таҷрибаи амалӣ | 0,79<br>0,41<br>0,26 | 0,81<br>0,46<br>0,25 |
| | Холҳои ҷамъбастӣ | 4,27 | 4,37 |
| Қисми ҷалби волидон дар идоракунӣ | ➢ Талабот ба донишҳо<br>➢ Талабот ба маҳоратҳо<br>➢ Талабот ба таҷрибаи амалӣ | 1,76<br>0,61<br>1,7 | 1,71<br>1,33<br>1,04 |
| | Холҳои ҷамъбастӣ | 4,28 | 4,23 |
| Қисми шаклҳои кории ғайрианъанавӣ | ➢ Талабот ба донишҳо<br>➢ Талабот ба маҳоратҳо<br>➢ Талабот ба таҷрибаи амалӣ | 1,67<br>0,66<br>0,44 | 1,77<br>0,64<br>0,41 |
| Холҳои ҷамъбастӣ | | 3,08 | 3,12 |

Тибқи авроқи санҷишӣ, дар қисми таҳлил миқдори холҳои баҳои миёнадор 5-64 - дар гурӯҳи озмоишӣ ва 5,53 холро дар гурӯҳи назоратӣ ташкил дод.

Аз маълумоте, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст оварда шудааст, маълум шуд, ки омӯзиши вазъи оилавии кӯдаконро муҳим мешуморанду ҳамзамон дар ба роҳ мондани ҳамкориҳо душвориҳоро аз сар мегузаронанд. Дар тафовут аз волидайне, ки фарзандашон дар кӯдакистон тарбия мегиранд, мураббиёни кӯдакистон дар илмҳои педагогика, психология, методикаи таълими фанҳо донишу маҳорату малакаҳо доранд. Ҳамзамон, дар доираи тавсеа бахшидан ба сатҳу сифат, донишу маҳорату малакаҳои падару модарон, таҳлили иттилооти ҳосилшуда ба монеаҳо дучор мегарданд. Ҳам гурӯҳи назоратӣ ва ҳам гурӯҳи озмоишӣ 4,41 холро ба даст оварданд. Дар вақти арзёбӣ кардани меъёри салоҳиятҳои онҳо дар бахши истироҳати якҷоя қайд кардан ба маврид аст, ки аксари кормандони кӯдакистон аз бартарияти волидайни кӯдакон хабардоранд, аммо дар тафриқагузории оилаҳои кӯдакон аз ҷиҳати манфиатнокӣ мушкилотро аз сар мегузаронанд. Аз холҳои имконпазир дар гурӯҳи озмоишӣ - 4,81 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 4,66 хол гирифта шуд.

Қисми ашколи ҳамкориҳои визуалӣ бо воқифияти педагогҳо дар самти ҳамкориҳо бо падару модарон мавриди таҳлил қарор мегирад. Аксари педагогҳо намедонанд, ки ба воситаи ашколи мазкур ахбороти лозимиро чӣ тавр пешкаш кунанд. Бо баҳои ҳадди имконпазир мувофиқи рӯйхати санҷишӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ баҳои миёна 4,27 ва дар гурӯҳи назоратӣ 4,37 буд. Дар қисми ҳамкориҳо дар Интернет миёни мураббиён саволҳои сершумор ба вуҷуд омад. Арзёбии педагогҳо, воқифӣ аз имконоти дастрасбудаи технологияи интерактивӣ ва  зарур будани корбурди онҳоро дар ҳамкориҳо бо волидайн собит сохт. Аз ин рӯ, маҳорату малакаи ба падару модарон фаҳмонидани ҳамкорӣ кардан дар Интернет мавҷуд нест. Холҳои имконпазир 1,61 хол - дар гурӯҳи озмоишӣ ва 1,73 хол дар гурӯҳи назоратӣ буд. Диққат диҳед: педагогҳое, ки ба корфармоёни хеш эътимоди

калон дошта бошанд, дар вақти фориғ аз кор низ дар ин ё он шабакаи иҷтимоӣ гурӯҳ ташкил мекунанд ва модератор намешаванд. Дар низоми ҳамкориҳо миёни падару модар ва МТТ қисми ашколи ғайрианъанавиро маъруф меҳисобанд. Сарфи назар аз он, нисбати воқифии мураббиён аз тренингу машғулиятҳо мушкилоти калон мавҷуд аст. Дар доираи имконпазири гурӯҳи назоратӣ 4,33 ва дар гурӯҳи озмоишӣ 4,38 холро ҳосил намуданд. Қисми бештари мураббиён дар раванди фаъолият бо шакли ҷалб намудани волидайни кӯдак ба идоракунии кӯдакистонҳо ба мушкилот дучор мегарданд. Яке аз сабабҳои он номавҷудияти далелҳои зарурӣ бо мақсади ҷалб намудани падару модарон ба кори кӯдакистонҳо мебошад. Бо ҳадди имконпазир гурӯҳи таҷрибавӣ 3,08, гурӯҳи назоратӣ 3,11 хол гирифтанд.

Хуллас, зимни муайянсозии дараҷаи сифати муомилот баҳои миёна дар гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ 29 хол буд. Дар заминаи маълумотҳои арзёбӣ дараҷаи сифати ҳамкориҳои педагогӣ муқаррар гардид.

**Ҷадвали № 7. Сатҳи сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила**

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдоди оилаҳо | % | Теъдоди оилаҳо | % |
| Сатҳи баланд | 18 | 30% | 15 | 28% |
| Сатҳи миёна | 34 | 64% | 29 | 62% |
| Сатҳи паст | 3 | 6% | 5 | 10% |
| Ҷамъбаст | 55 | 100% | 49 | 100% |

Маълумоти санҷишии ҷадвалро таҳлил карда, ошкор сохтем ки 28%-и он дар гурӯҳи назоратӣ, 30% дар гурӯҳи озмоишӣ дар дараҷаи муносиб қарор доранд. Барои аксарияти омӯзгорон сатҳи муошират қобили қабул аст. 64% дар таҷрибавӣ, 62% дар гурӯҳҳои назоратӣ ва арзиши интиқодӣ

дар арзёбии сатҳи ҳамкорӣ дар 6% таҷрибавӣ ва 10% гурӯҳҳои назоратӣ мушоҳида мешавад.




**Диаграммаи № 3. Сатҳи сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила**

Сатҳи сифати ҳамкории педагогӣ мураббияҳо мавзуи охирини омӯзиши иштирокчиёни раванди тарбия ва таълими муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ буд. Таҳқиқот дар асоси омӯзиши проблемаҳои ҳамкории байни коллективи омӯзгорон ва аъзоёни падару модарон тартиб дода шудааст. Роҳбарони МТТ ба сифати коршиносон муаррифӣ шуданд. Дар анкетаронӣ 88 нафар ширкат варзид ва он 85%-ро аз теъдоди сарварони боғчаҳои кӯдакони ноҳияву шаҳрҳои вилояти Хатлонро ташкил дод. Дар ҷараёни омӯзиши таҷрибаи сарварии онҳо аниқ карда шуд, ки 27%-и сарварон дар вазифаи роҳбарикунанда собиқаи кории то 5-сола, 21%-и сарварон дар вазифаи роҳбарикунанда собиқаи кории зиёда аз 20-сола дар вазифаи сарвари МТТ дошта буданд. Дар рафти омӯзиши мо вусъатёбии душвориҳо дар рафти муносибатҳо миёни падару модар ва кормандони кӯдакистонҳо ошкор гардид, ки 13%-и маъмурон муътақид бар онанд, ки дар кӯдакистонҳои онҳо ҷанҷолу зиддият нест ва намешавад. Қисми зиёди маъмурон (60%) хабардоранд, ки ҷанҷолу зиддият миёни

волидайн, кӯдакон ва мураббиёни МТТэҳтимоли 1-5 маротиба ба вуҷуд омадан дорад. Ба қавли қисми ночизи менеҷерҳо (1%) ҷанҷолу зиддият байни педагогу падару модар 5-10 маротиба ба қавли қисми дигари менеҷерҳо (2%) бештар аз 10 маротиба дар як сол сар мезанад.

Зимни омӯзиши манбаъҳои низову ҷанҷол аз нуқтаи назари менеҷерҳо аниқ карда шуд, ки шумораи зиёди сарварон (87%) падару модаронро сабабгори пайдошавии низоъҳо ва 18%-и мураббиёнро барангезандагони мунокиша ҳисоб мекунанд. Яъне, роҳбарият аз душвориҳои муносибати педагогҳо бо падару модарон воқиф буда, мефаҳманд, ки шароити номусоиди иқтисодиёти кишвар ба педагогҳо таъсири манфии худро мерасонад. Ҳамаи ин бо далеле собит мегардад, ки дар аксари мавридҳо мураббиёни ҷавон (46%) ба низоъ дучор мегарданд, барои баромадан аз ин вазъияти ногувор таҷрибаи кофӣ намерасад, ба ҳимоякунии мавқеи худ мегузаранд, қувваи хешро ба бартарафсозии норасоиҳо равона сохта, бо падару модарон ҳамкориро ба роҳ мемонанд.

Барои менеҷерон суоле матраҳ гардид: низоъҳои аз ҳама маъмул кадомҳоянд? Аксари сарварон муодилҳои гуногунро номбар карданд. Аз байни ҷавобҳо аз ҳама маъмул (23%) ин “низоъ дар пардохт кардани ҳаққи падару модарон” ҳисоб меёфт, ҷавоби дигари маъмул - аз тарафи падару модарон риоя нагардидани реҷаи кори МТТ (дермонии доимӣ дар вақти саҳару бегоҳ), ки 18%-ро ташкил намуд. Як қисми онҳо (13%) чунин мешуморанд, ки низоъ дар масъалаҳои камаҳамият ба вуҷуд меоянд. Масалан, камтаваҷҷуҳӣ нисбати кӯдакон ва ҳолати либоспӯшии онҳо дар боғча, кӯдакро баҳри иштирок дар чорабиниҳо ҷалб накардан, ашёи шахсии худро гум кардани кӯдак ва амсоли инҳо. Ба андешаи як қисми менеҷерон (10%) муносибати начандон хуби байни тарбиягирандагони боғчаи кӯдакон дар гурӯҳи хуб сабаби пайдошавии низоъ мегардад. Баъзе сарварон (10%) мегӯянд, ки падару модарон аз фаъолияти мураббӣ розӣ нестанд. Аммо 8%-и онҳо бар он ақидаанд, ки педагогҳо бо падару модарон муомила карда наметавонанд ва ба дуруст расонидани маълумот

қодир нестанд. Қисми ками сарварон (3%) муътақид бар онанд, ки нархи баланди шартномаи МТТ боиси пайдошавии низоъ мегардад.

Фаъолияти сарварони МТТ аз рӯи феҳрист арзёбӣ гардид ва волидайни кӯдаконе, ки дар боғчаи кудакон тарбия мегиранд, нақши экспертҳоро бозиданд.

Натиҷаҳои арзёбии меъёрҳои сифати ҳамкории педагогӣ (идоракунӣ) тавассути бахшҳо ва талаботҳои асосӣ, ба мисли талабот ба дониш, маҳорат ва таҷрибаи амалӣ чунин натиҷаҳоро дар гурӯҳҳои озмоиши ва назоратӣ ба бор овард:

- Қисми таҳлилӣ – озмоишӣ 6,11 ва назоратӣ 6,14 хол;
- Маърифатӣ – тарғиботӣ – озмоишӣ 5,1 хол, назоратӣ 5,14 хол;
- Қисми фаъолияти якҷояи фароғатӣ – озмоишӣ 4,51 хол, назоратӣ 4,53 хол
- Қисми шаклҳои айёнӣ – назоратӣ 5,2 хол, назоратӣ 3,41 хол;
- Қисми амалҳои кории ғайрианъанавӣ – озмоишӣ 4,6 хол, назоратӣ 4,21 хол;
- Қисми шаклҳои ҷалби волидон дар идоракунӣ – озмоишӣ 4,1 хол, назоратӣ 4,3 хол;

Баъд аз таҳлил кардани авроқи санҷиш аён гардид, ки ба андешаи аксари волидайн маъмурияти МТТ дар корбурди методҳои босамари ҳамкорӣ бо падару модарон баъзан мушкилӣ мекашанд, аз вазифаву мақсадҳои тарбияи кӯдакон чандон воқиф нестанд. Аз инкишоф додани МТТ тавассути бароҳмонии ҳамкорӣ бо оилаи кӯдакон огоҳӣ надоранд. Мувофиқи авроқи санҷиш дар қисми таҳлил холи имконпазир 7 мебошад. Аз маълумотнома бармеояд, ки баҳои миёна дар гурӯҳи назоратӣ 6,18 хол ва дар гурӯҳи озмоишӣ 6,11 холро ташкил дод.

Зимни таҳлил кардани қисми таълим маълум шуд, ки ба андешаи падару модарон, роҳбарият ба мураббиён дар интиқоли ахбороти лозимӣ кумак расонида наметавонад. Ҳамзамон, қисми зиёди падару модарон гуфтанд, ки сарварони кӯдакистонҳо падару модаронро бо навгониҳо, бо

усулҳои ривоҷ додани маҳорати касбии онҳо шинос карда метавонанд. Дар ин бахш холҳои гирифтаи гурӯҳи озмоишӣ 5,1 ва гурӯҳи назоратӣ 5,14 буд.

Зимни тавсиф додани ҳар як меъёри салоҳиятнокӣ дар қисми кори фароғати муштарак бояд қайд кард, ки бештари падару модарон ба роҳбарияти МТТ дар ҷанбаи муоширати ғайрианъанавӣ салоҳият медиҳанд. Аммо волидайн, ҳамчунин, муътақид бар онанд, ки маъмурият манфиатҳои оилаи тарбиягирандаи боғчаи кӯдаконро чандон хуб намедонад, чунки бо оилаи кӯдакон робитаи мустаҳкам надорад ва пеш аз ҳама ҳамкориҳои роҳбарият бо падару модарони кӯдакон дар назар дошта мешавад. Холи имконпазири максималӣ 6 буд. Баҳои миёна дар гурӯҳи озмоишӣ 4,51 ва дар гурӯҳи назоратӣ 4,53 холро ташкил дод. Дар рафти омӯзиши салоҳиятнокии сарварон дар пойгоҳи ҳамкории визуалии онҳо қисми зиёди волидайни кӯдакон боварӣ доранд, ки сарварони кӯдакистонҳо дар ин самт муваффақ шуда метавонанд. Илова бар ин волидайни тарбиятгирандагони МТТ муътақид бар онанд, ки сарварон ба педагогҳо дар мавриди истифода қарор додани ашколи визуалии ҳамкориҳо мотиватсияи заруриро дода наметавонанд. Тибқи авроқи санҷиш, баҳои миёна дар гурӯҳи озмоишӣ 5,11хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 5,15 холро ташкил дод. Ба андешаи падару модарон, қисми ҳамкориҳо тавассути Интернет ба роҳбарият аз нуқтаи назари техникӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад: сомонаҳо дар ҳолати мушаххас идорашавандаанд, низоми азнавсозии ахборот мавҷуд нест вадар бештари мавридҳо сарчашмаи вайронгардидаи ахборот мебошад. Баҳои миёна дар гурӯҳи озмоишӣ 4,05 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 3,41 холро ташкил дод. Қисми ашколи ғайрианъанавӣ дар низоми ҳамкориҳои роҳбарият ва МТТ саволҳои зеёдеро ба вуҷуд овард. Ба андешаи волидайн, роҳбарият дар ҳамкориҳо бо оила саҳм надоранд ва асосан бо педагогҳо дар робитаи зич қарор доранд. Аз холи имконпазири 6 миқдори холҳо дар гурӯҳи озмоишӣ 4,16 ва дар гурӯҳи назоратӣ 4,21 хол буд.

Бахши ҷалб кардани волидайн ба идора кардани МТТ мушкилоти зиёд ба вуҷуд овард. Сабаб дар он аст, ки волидайни тарбиятгирандагони МТТфаҳмида наметавонистанд, ки онҳо бо чӣ гуна роҳу усул ба системаи идоранамоии кӯдакистон бояд таъсир расонанд ва вазифаҳои сарварияти кӯдакистон дар ин ҳолат кадомҳоянд. Холҳои имконпазири максималӣ 6-холро ташкил медод. Аз онҳо ҳам гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам гурӯҳи назоратӣ 4,2-холро ба даст оварданд. Аз авроқи санҷиш маълум шуд, ки аксари волидайн нисбати роҳбарияти МТТ муносибати хуб дорад..

Хуллас, дар бахши дараҷаи сифати муошират холи имконпазири максималӣ 44 буд. Дар гурӯҳи озмоишӣ он 33,4 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 33,10 холро ташкил дод. Аз натоиҷи баҳодиҳӣ ба сифатнокии ҳамкориҳо миёни сарварон ва волидайн айён гардид, ки 35%-и падару модарон аз гурӯҳи назоратӣ ва 38%-и падару модарон аз гурӯҳи озмоишӣ аз ҳамкории педагогӣ бо сарварон қонеъ мебошанд.

Ҷадвали № 8. Сатҳи сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдоди оилаҳо | % | Теъдоди оилаҳо | % |
| Сатҳи баланд | 52 | 36% | 43 | 34% |
| Сатҳи миёна | 63 | 51% | 71 | 55% |
| Сатҳи паст | 17 | 13% | 16 | 11% |
| Ҷамъбаст | 132 | 100% | 129 | 100% |




**Диаграммаи№ 4. Сатҳи сифати ҳамкории педагогӣ (идоракунӣ)**

Бештари падару модарон ба дараҷаи ҳамкориҳо ва алоқаи роҳбарият бо падару модарон баҳои баландро сазовор медонанд: дар гурӯҳи озмоишӣ ин нишондиҳанда 51% ва дар гурӯҳи назорати 56%-ро ташкил медиҳад. танҳои 11%-и онҳо дар гурӯҳи назоратӣ ва 13% дар гурӯҳи озмоишӣ ба ҳамкориҳои байни онҳо баҳои хеле паст додаанд.

Хуллас, кори волидайн дар навбати аввал аз дараҷаи фарҳангию иҷтимоӣ ва маълумоташон вобастааст, дараҷаи баланди тайёрии педагогиашон ба пурсамар гардидани корҳои педагогии онҳо мусоидат менамояд. Натоиҷи аёнии ҳамкориҳо дар ташкил намудани чараёни таълимӣ - тарбиявӣ бо ташаббускории педагогҳо ва роҳбарияти МТТ робитаи зич дорад. Гуфтаҳои боло исбот мекунанд, ки на танҳо мураббиёни кӯдакистонҳо, балки падару модарони тарбиятгирандагони МТТ низ дар инкишофи ҳаматрафараи шахсияти тарбиягирандагони МТТ нақши калон доранд. Зеро хонавода асоситарин “пойгоҳ”-и тарбия ва рушди кӯдак дар ҳамаи давру замонҳо ба ҳисоб мерафт. Вале вазъи ҳозира ва мавҷудияти камбудиҳо дар маънавиётро дар корҳои тарбиявию таълимии падару модарон баҳисоб гирифта, МТТмасъулиятдор мешаванд,

ки тарбияташро дар муассисаи хеш ба уҳда гиранд ва робитаи дуҷонибаи устувору созандаро бо назардошти рисолати омӯзгории хеш холисона ба роҳ монанд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем дар тарбияи насли аз лиҳози ҷисмониву руҳӣ солим муваффақ шавем.

## 2.2. Шароитҳои педагогии баланд бардоштани сатҳи сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаҳои тарбиятгирандагон

Нуқтаи асосӣ дар қаринаи «оила - муассисаи томактабӣ» ҳамкории шахсии мураббӣ ва падару модар дар бораи мушкилоту бурду бохт, шубҳа ва мулоҳизаҳо дар раванди тарбияи кӯдак дар ҳар як оила мебошад. Кумаки муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаҳо дар фаҳмидани кӯдак, дарки руҳияи он, ҳалли мушкилот ва мусоидгардонии рушди ӯ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, бояд чунин шароите фароҳам овард, ки ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим (кӯдакон, мураббиён, падару модарон) майли шахсӣ дошта бошанд, ки дар ин ё он фаъолият, худро ошкор сохта, дар бораи хурсандӣ, изтироб, бурду бохт ва ғайра сухан ронда тавонанд. Ҳадафи асосию ниҳоӣ ва самараноки тамоми методҳои лоиҳаи МТТ бо оилаи тарбиягирандагон ба он равона гардидааст, ки миёни кӯдакону волидайн ва педагогҳо муносибати боваринок ба роҳ монда шавад, онҳоро ба гурӯҳи муштарак ворид карда, муҳокимаи мушкилот ба роҳ монда шавад, иҷрои якҷояи амалҳо аз назари ҳамагон дур намонад.

Ҳамкориҳо миёни педагогҳо ва падару модарони тарбиягирандагони МТТ ба воситаҳои зерин сурат мегиранд:

- шомил гардонидани волидайни кӯдакон ба раванди таълимӣ - тарбиявӣ;
- инкишофи фаъолонаи волидайни кӯдакон дар фаъолияти кӯдакистонҳо;
- бунёди шароити лозимӣ бо мақсади худшиносию худогоҳии волидайни кӯдакон, омӯзгорон ва кӯдаконе, ки дар кӯдакистонҳо тарбия мегиранд;
- пешниҳоди маводи иттилоотии тарбиявӣ нишон додани эҷодиёти кӯдакон, ки дар асоси онҳо падару модарон бо хоссагиҳои таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ шинос шаванд;

- тартиб додани ин ё он барнома баҳри корҳои якҷояи кӯдакону падару модарон;
- муттаҳид намудани кӯшишҳои омӯзгор ва падару модар дар фаъолияти муштарак оид ба тарбия ва рушди кӯдак: муносибатҳои мазкур ба сифати маҳорати муоширатӣ миёни мураббиёну тарбиягирандагони МТТ дар пойгоҳи вижагиҳои синнусолии психологӣ бояд баррасӣ гардад, майлу рағбат, қобилиятҳову таҷрибаҳои қаблии хурдсолон бояд ба ҳисоб гирифта шавад;
- намоиши донишу маҳорату малакаҳо, тоқатпазирӣ, муомилаи нек дар раванди таълиму тарбияи кӯдакон, баҳисобгирии ин ё он манфиати кӯдак новобата аз майлу хоҳиши худ;
- муносибати эҳтиромона байни оила ва муассисаи таълимӣ сурат мегиранд.

Ҳамкориву робитаи муассисаи томактабӣ ва оила бояд дар асоси муносибати мутақобила ва таъсиррасонии дуҷониба асос ёбад.

Барои шомил намудани оила ба фазои таълимии муассисаи таҳсилоти томактабӣ имкониятҳои зеринро ба эътибор гирифтан зарур аст:

**1. Иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ** – роҳандозии ҳамаи намудҳои фаъолият дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии федералӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, мактубҳо, тавсияҳо, инчунин мувофиқи Оинномаи муассисаи таҳсилоти томактабӣ, шартномаҳои ҳамкорие, ки вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои тарафҳоро танзим ва мушаххас менамоянд.

**2. Иттилоотӣ - комуникитсионӣ** – падару модарон аз ҳар як барномае, ки татбиқ меёбанд, аз хусусиятҳои ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбия, ҳар як дастоварди кӯдак ва душвориҳо дар инкишофи ҳаматарафаи бехатарии будубоши ӯ дар МТТ бояд воқиф бошад.

**3. Дурнамои бамақсад** – мураттабсозии нақшаи корӣ бо оилаи кӯдакон бароиояндаи наздик ва дур таъмин кардани дастрасӣ ба омӯхтани нақшаи мазкур барои мураббиёну падару модарон, имкон додан ба падару модарон дар мураттабсозии нақшаву лоиҳаҳо, барномаҳои инфиродӣ ва

интихоби муносибатҳои ҳаматарафаи байни оила ва муассисаи таълимии томактабӣ ба манфиати рушди кӯдак.

4. **Эҳтиёҷотӣ – сабабӣ**, ки робитаи дуҷонибаи муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ҳолате борвар хоҳад буд, ки он ба чунин натиҷаҳои таҳқиқот асоснок гардида бошад:

- манфиату талаботҳои ҳар як оилаи кӯдакон;
- ҷудокунии оилаҳои кӯдакон ба гурӯҳҳо;
- корбурди усулҳои зарурӣ дар тарбияи оилавӣ;
- ҳамаи сатҳу дараҷаҳои рушди кӯдак;
- гузоштани рейтингҳо ба шаклҳои ҳамкори ҳои педагогӣ бо оилаҳои кӯдаконе, ки дар кӯдакистон тарбия мегиранд, ки ба ислоҳи саривақтии мундариҷа ва сохти татбиқи онҳо мусоидат менамояд.

Танҳо дар ин сурат муассисаи таълимии томактабӣ метавонад ба оила ва кӯдак сари вақт ёрии иҷтимоӣ, равонӣ ва тиббию педагогӣ расонад.

Бояд тазаккур дод, ки шарти муҳими таъмини фарогирии оилаҳо ба фазои таълимии муассисаҳои таълимии томактабӣ қобилияти муайян кардани сифати самтҳои афзалиятноки ин раванд ба назар гирифта шавад.

- сиёсати мунисипалӣ;
- хусусияти муассисаи таълимии томактабӣ;
- сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорон оид ба масъалаҳои муомила бо волидон ва ғайра.

Самтҳои афзалиятнок бошанд, аз:

- баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ҷиҳати татбиқи ҳамкории салоҳиятнок (фарққунанда) бо оила;
- таъминоти барномавӣ ва методии равандҳои ҳамкорӣ бо оила;
- таъмини фаъолият ва рушди ҷомеаи кӯдакону калонсолони муассисаҳои таълимии томактабӣ тибқи барномаи амалӣ иборат гарданд.

Рӯз то рӯз кор бо волидайн аҳамияти махсус пайдо карда, ба яке аз масоили доғи рӯз мубаддал гардидааст. “Чӣ тавре, ки қаблан гуфта

гузаштем, тарбияи фарзанд аз оилаи ӯ оғоз меёбад ва оила дар рушди ҳаматарафаи кӯдакон нақши асосиро мебозад”. Вале на ҳамаи падару модарон савияи баланди донишҳои педагогии барои тарбияи кӯдак муҳимро дороянд. Ба ҳамин хотир саъю талоши асосии мураббиёни муассисаҳои томактабӣ бояд ба:

- боло бурдани маърифати педагогии падару модарон ба воситаи таълими фаъолонаи онҳо;
- бо талоши якҷоя инкишоф додани шахсияти комили кӯдак ва омодасозии ӯ ба мактаб;
- ташаккули муносибатҳои мусбат дар оила, таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намоянд.

Намуди нави ҳамкории боғча ва оила, истифодаи шаклҳои нави меҳнат шароитҳои ҳалкунандаи нав сохтани системаи муассисаҳои томактабӣ мебошад.

Вазифаи мураббиён дар он ифода меёбад, ки волидайнро бо пешниҳоди ҳам шаклҳои анъанавӣ ва ҳам нави ҳамкориҳо ҷалб намоянд, ки аз инҳо иборатанд:

- Барои омӯхтани оила, барқарор кардани робита бо кӯдак, волидайни ӯ, муайян кардани шароити тарбия, ташриф ба оилаи кӯдак муҳим ҳисобида мешавад, зеро агар он ба як раванди расмӣ табдил наёбад, самараи хубро интизор шудан мумкин нест.
- ёрии педагогӣ ба падару модарон дар асоси ҳамаҷониба омӯхтани ҳар як оила ва ҳар як кӯдак ба амал меояд.
- таблиғоти аёнӣ - ҳангоми гузарондани он мо хизматрасонии намудҳои гуногуни намоиширо истифода намудем. Ин имкон дод, ки падару модарон на танҳо ба воситаи материалҳои рӯзномаҳои деворӣ, намоиши мавзуъҳо ва ғайра бо масъалаҳои тарбия шинос шаванд, балки ба онҳо бевосита раванди таълим, усулҳо ва тарзи пешқадами корро нишон дода, ба падару модарон маълумоти

зарурии педагогиро ба таври дастрас ва боварибахш таъмин намоянд.

Ҳангоми кор бо волидон мо ҷузъгирҳои слайдро истифода мебарем. Онҳо инчунин ба муносибати инфиродӣ ба кор бо оилаҳо кӯмак мерасонанд. Бо волидон ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар гурӯҳ суҳбатҳо гузаронидем. Дар ҳарду ҳолат ҳадаф равшан муайян мешавад: чӣ бояд ёфт, мо чӣ гуна кумак расонида метавонем. Мазмуни суҳбатро бояд тавре пешниҳод кунам, ки ҳамсуҳбатонро ба изҳори назар ташвиқ намояд.

**Машваратҳо.** Волидайн ва аз ҳама бештар волидайни ҷавон дар тарбияи оилавӣ бояд малака ҳосил кунанд, чунки волидайни ҷавон ба маслиҳату машварати педагогҳои муассисаи таҳсилооти томактабӣ эҳтиёҷманд мебошанд.

Барои он ки падару модарон ёрдамчиёни фаъоли педагогҳо гарданд, кӯшиш кардан зарур аст, ки онҳо ба ҳаёти боғча ҷалб карда шаванд. Ҳам аз ҷиҳати ташкилӣ ва ҳам аз ҷиҳати психологию педагогӣ ин вазифаи мураккаб аст. Ҳадафҳои асосии фаъолият бояд чунин муқаррар гардад - бо оилаҳои кӯдакон барқарор сохтани алоқаи ҳамкориҳо саъю кӯшишҳо дар муттаҳидсозии фаъолияти волидайн дар тарбияи фарзандон, бойгардонии маҳорату малакаҳои падару модарон дар соҳаи тарбия, бунёди шароитҳо барои рушди ҳаматарафаи кӯдаконе, ки дар кӯдакистон тарбия мегиранд, расонидани расонидании ёрии эмотсиявӣ;

Дар рафти гузаронидани тадрис бо тарбиягирандагони кӯдакистонҳо ошкор сохтем, ки волидайн бо хоҳиши зиёд ва ҳатто миннатдории зиёд ба мураббиёну кӯдакон дар баргузории намоишномаҳо кумак мерасонанд ва сол то сол шумори ин гуна хоҳишмандон зиёд мешаванд.

Муҳимтар аз ҳама дар корҳои фаҳмондадиҳӣ тарҳрезии маводи аёнӣ барои волидон зарур мебошад. Солҳои зиёд аст, ки таҳияи рӯзномаҳои деворӣ «Зодрӯзи мо», «Ёрдамчиёни модар», «Падар қаҳрамони ман аст» дар фаъолияти мураббиёни боғчаҳо роиҷ аст. Аз ҳаёти гурӯҳҳои кӯдакони

хеш волидон ҳамеша ин маводро бо шавқу ҳавас меомӯзанд, тамошо мекунанд ва ҳамчун туҳфаи хотиравӣ акс мегиранд.

Гузаронидани озмунҳо барои кӯдакон ва волидон аз қабили «Беҳтарин паррандапарвар», «Муъҷизаҳои табиат», «Бозичаи солинавӣ барои оилаи мо» ва монанди инҳо хеле бамаврид аст. Ҳангоми анҷом додани кор дар волидон қобилияти эҷодкорӣ хеле ташаккул ёфта, дар натиҷаи мусобиқа бачаҳо ҳамеша аз падару модаронашон ҳавасманд мегарданд.

Тайёрии муштараки мураббиён ва волидону фарзандон онҳоро ба ҳамдигар наздиктар карда, оилаҳоро бо ҳам дӯст мегардонад. Фазои хайрхоҳона ба дигар фаъолиятҳои умумӣ дар гурӯҳ хос мегардад. Бисёре аз волидайн истеъдодҳои пинҳонии худро кашф карданд, ки то ин дам онҳо аз ин намуди қобилиятҳо бехабар буданд. Агар дар ибтидои вохӯрии мо як қадар шиддат, ҳисси номуайянӣ, изтироб ба амал омад, пас дар ҷараёни кор ҳамфикрии тарафайн, ошкорбаёнӣ бо ҳиссиёти баланд ва шавқу ҳавас муносибат ва муоширати кардан нисбат ба ҳамдигар ба амал омад.

Ҳамин тавр, истифода бурдани шаклҳои гуногуни кор бо оилаҳои тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ натиҷаҳои мусбат дод: характери ҳамкории мураббияҳо ва падару модарон тағйир ёфт, бисёрии онҳо иштирокчиёни фаъоли тамоми чорабиниҳои боғча ва ёрдамчиёни ҳатмии мураббиён гардиданд.

Хуллас, фаҳмиши дурусту таҳқиқи таҷрибаи ҳамкориҳои педагогӣ байни иштирокчиёни ҷараёни таълим дар доираи ҳамкориҳои дутарафа ба пешкаш кардани амсилаҳои педагогӣ ба воситаи барномаҳои озмоишӣ мусоидат намуд.

Дар доираи корҳои таҳқиқотӣ - озмоишӣ доир ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати ҳамкориии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва падару модарон зарурияти ошкору равшан кардани шароитҳои педагогие пеш омад, ки ба раванди мазкур ёрӣ расонд ва бо ин васила самаранокии онро таъмин намуд.

Роҷеъ ба ин масъала ҳанӯз Л.С. Виготский гуфта буд, ки пеш аз ҳама, бояд шароитҳое фароҳам оварем, ки ба рушди сифатҳои рӯҳӣ замина гузошта, ҳоло пухта набошанд ҳам, вале барои аз уҳдаи вазифаҳои функсионалии муҳим баромада тавонанд.

Муайяну муқаррар кардан ва ташшакул додани таркибу унсурҳои ҳамкории мутақобила ва асоснок намудани сохтори онҳо дар алоқамандӣ ва робитаҳои мутахассис ҳадафи асосии ҷараёни таҳқиқот гардид.

Аз ин лиҳоз барои асоснок кардани шароитҳои педагогӣ мо зарур донистем, ки ба ташаккули раванди мазкур мусоидат намуда, ба мафҳуми шароитҳои педагогӣ, ки чиро дар назар дорад ва дар адабиёти психологӣ - педагогӣ андешаҳои яксон дида намешавад, диққати ҷиддӣ диҳем.

Этимологияи истилоҳи шароит ва чунин тавсифу маънидод, аз як сӯ ҳамчун ҳолат ё маврид, ки аз вай ягон чиз вобастагӣ дорад, аз суйи дигар ҳамчун вазъият, ки ягон чӣ татбиқ мегардад (аз он ҷумла шароитҳои ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва волидон) баррасӣ мегарад.

Н.М. Бортикл қайд мекунад, ки истилоҳу мафҳуми шароит ҳамчун категорияи фалсафӣ муносибати предметро ба ҳодисаҳои муҳити беруна, ки бе онҳо вуҷуд дошта наметавонад, ифода мекунад. Худи предмет чун як навъ  чизи вобасташуда баромад  карда, шароит бошад, то андозае зоҳири предметҳои берунаи гуногуни олами воқеиро инъикос мекунад.

Агар сабаб бевосита бавуҷудоранда ва тавлидкунандаи ҳамон ҳодисаву  равандҳо гардад, шароит метавонад фарогири пайдо шудани тамоми ҳодисаҳо ва роҳҳои густариши онҳо гардад. Одамон қонунҳои табиатро аз худ намуда, метавонанд шароитҳои хуб ба вуҷуд оранд ва шароитҳои манфиро ҳамчун омили фаъолияти худ бартараф кунанд. Ҳамин тариқ, шароитҳои педагогӣ - ин ҳолату вазъияти берунӣ буда, омилҳо бошанд, ба гузариши таъсири муҳиму ҳалкунандаи ҷараёни педагогӣ иртибот доранд, воситаҳои педагогӣ ҳам аз ҷониби мураббӣ бо мақсади ташкилу тартиб додани раванди таълим хизмат мекунанд.

Шароитҳои педагогӣ гуфта Н.М. Бортико ҳолатҳои беруниеро дар назар дорад, ки ба гузариши раванди педагогӣ нақши бориз гузошта, нисбати нақшаи бошуурона тартибдодаи мураббӣ баҳри ноилшавӣ ба натиҷаҳои муайян нақшбозӣ мекунанд.

М. Силров чунин ҳисоб мекунад, ки ин амсилаи яклухту комил бояд “ҷадвали воситаҳои тарбиявиро лағв кунад, дар вай теъдоди минималии муҳимтаринро муайян созад, то ки шахсият самараноктар ташаккул ёбад”.

Е.А. Ганин дар зери мафҳуми “шароитҳои педагогӣ” шароитҳои муҳиму дар робитаи зич қарордоштаеро мефаҳмад, ки онҳо ба ташкили ҷараёни мақсаддори таълимӣ - тарбиявӣ ба воситаи ТИ бо мақсади рушди ин ё он сифати зарурӣ равонааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар корҳои амалии таълимӣ оид ба барпо ва ташкил намудани шароитҳои педагогӣ ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ мавҷуданд, ки бо якдигар алоқамандии зич доранд. Дар бахши равонӣ омӯзиши хусусиятҳои падидаҳое, ки таҳқиқ мегарданду ҳаводиси амсилашавандаро дар расонидани таъсир ба кӯдакон ифода мекунанд, дар мадди аввал гузошта мешаванд. Ҷанбаи педагогӣ бо авомил ва роҳҳои амалигардонии инкишофи лозимии ҷараёнҳо, ҳаводис, хоссагиҳо, моҳияти психологиро пайваст сохта, ба алоқаманд кардани вазъиятҳое, ки пайдо шудаанд, шуруъ намояд. Ба ғайр аз ин Е.А. Ганин қайд мекунад, ки ҷанбаи педагогӣ ба масъалаи зарурати муайянкунандаи ҳамон шароитҳое, ба амалигардонии мақсадҳои гузошташуда тавассути технологияҳои интерактивӣ, васоити илмию таҳқиқотӣ ва ба корҳои худмаърифатӣ вобастааст, диққат медиҳад.

И.А. Андреев қайд мекунад, ки шароитҳои педагогӣ натиҷаи “интихоби мақсаднок, сохтан ва истифодаи мазмун, методҳо, инчунин шаклҳои ташкили таълим баҳри ба даст овардани мақсадҳо мебошанд”.

Т.В. Минаков шароитҳои педагогиро ба сифати муҳайё мавҷуд будани ҳолату вазъияте, ки ба рушди мустақилонаи маърифатии мутахассиси

оянда нисбати рӯйоварии касбӣ таълими забонҳои хориҷиро дида баромада, унсурҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1. Когнитивӣ (маърифатӣ)

– сермаҳсул намудани раванди таълим ва азхуднамоии донишҳо;

– таъмини вариантокии мазмуни таълим дар мавзуи фаъолияти мутахассиси оянда;

2. Аксиологӣ (арзишӣ);

3. Праксиологӣ (татбиқи арзишҳои воқеӣ дар ҳаёти инсон);

Аз гуфтаҳои боло доир ба шароитҳои педагогӣ чунин хулосагирӣ кардан мумкин аст, ки онҳо аслан аз се қисм: консептуалӣ; ташкилӣ ва умумидидактӣ иборат мебошанд.

Ҳамин тариқ, шароитҳои педагогӣ гуфта, мо ташкил ва барпо намудани чунин фазо (муҳити таълим), ки маҷмӯи омилҳои педагогӣ ва психологӣ, унсурҳо (муносибатҳо, воситаҳо ва ғайраҳо)-и раванди педагогиро таъмин месозанд (ҳамчун системаи мураккаб) ва дар он имкониятҳои ташаккули ҳамкории МТТ ва падару модарон пайдову татбиқ шуданро тақозо мекунад, мавриди таваҷҷуҳ қарор додем.

Омӯзиш ва таҳлили таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалияи муассисаҳои таҳсилоти томактабию оилаҳо моро водор сохт, ки ҳадафи корҳои таҷрибавӣ - озмоиширо ҳамчун санҷиши самараноки маҷмӯи шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи субъектҳои раванди таҳсилот мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Таҷриба ва озмоиш дар шароити табиии таълимӣ - тарбиявӣ дар МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав ва муассисаҳои таҳсилоти томактабию оилаҳои вилояти Хатлон гузаронида шуд, ки дар он донишҷӯёни факултети педагогика ва варзиш ва экспертҳо, мушовирони фанҳои педагогикаю психология ва кормандони макотиби оливу муассисаҳои томактабӣ иштирок намуданд.

Корҳои таҷрибавӣ асосан, дар ду марҳила (ташхисӣ ва ташаккулдиҳанда) гузаронида шуд, ки ҳар як давра вазифаи худро иҷро

мекард. Дар давраи дуюм – ташаккулдиҳанда – чунин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

1. Дар амал татбиқ намудани шароитҳои педагогии ҳамкории МТТ бо падару модарон.

2. Дар ин раванд нишон додан ва асоснок намудани роҳҳо, вариантҳо ва технологияҳои амалишавии онҳо.

3. Муайяну муқаррар кардани динамикаи (болоравии) омодагии ҳамкории тарафайни омӯзгорон, маъмурият, волидон ва дигар субъектҳо дар ин ҷараён.

Хуллас, дараҷаи корбарии мадару модарон аз дараҷаи иҷтимоию фарҳангию таълимиашон вобастагӣ дорад. Зимни баланд бардоштани сатҳи омодагии педагогии волидайн корҳои педагогии волидайн босамару фаъолтар мегардад. Ҳамкориҳои босамар аз дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбия аз ташаббускории педагогҳо ва роҳбарияти МТТ вобастагӣ дорад.

Давраи инкишофи корҳои озмоишию таҷрибавӣ ба он равонааст, то ин ки эътимоднокии фарзияи кори таҳқиқотӣ санҷида шавад ва раванди идора намудани сифатнокии ҳамкориҳо байни кӯдакистон ва оилаҳои кӯдакон танҳо зимни корбурди ҳар як шароити педагогии зерин самаранок гардида метавонад: истифодабарӣ аз усулҳои ҳамкориҳо ва татбиқ гардонидани барномае амсоли “Муоширати мураббӣ бо волидайни кӯдакон”; гузаронидани кори озмоишӣ, ки аз нақшаи мураттабсохташудаи махсус иборат аст; баҳисобгирии ақидаҳои педагогҳои МТТ ба волидайни кӯдакон. Мақсади давраи ташаккулдиҳанда - ривоҷ додани сифатнокии ҳамкориҳо. Он самтҳои зеринро фаро мегирад:

1. **Ҳамкорӣ бо падару модарон:** бо роҳи баҳисобгирии методҳо ва шаклҳои алоқаи дутарафа байни МТТ ва оилаи тарбиягирандагон (дар боби 1баррасӣ гардидааст) ба роҳ монда мешавад. Кор пайдарпай ҷараён мегирад, аз ашколи омӯхтани оилаи тарбиягирандагони МТТ аз тарафи мураббиён, аз усулҳои омӯхтани волидайн дар МТТ, пажуҳиши бартарияти

субъектони корҳои озмоишӣ ин ё он шакли маърифатӣ, таълимӣ, ашколи фароғати якҷоя ва ҷалб кардани падару модарони кӯдакон ба идора намудани кӯдакистон иборат аст. Чунин кор дар пойгоҳи натиҷаи ниҳоии назарсанҷӣ аз рӯи номгӯи санҷиш таҳия карда шудааст.

2. **Ҳамкорӣ бо педагогҳои МТТ.** Дар ҳамкориҳои мазкур корҳои тарбиявӣ - таълимии педагогҳо бо мақсади тавсеабахшии донишу маҳоратҳои мураббиён дар доираи тарбия дар оила ва бедор кардани шавқу рағбати онҳо ба ҳамкориҳои муфид пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, қайд мешавад, ки бо мақсади боло бардоштани сатҳи касбии мураббиён ва кумакрасонӣ ба мураббиён дар самти босифат ба роҳ мондани ҳамкориҳои педагогии муташаккил ба оилаи кӯдакони синни томактабӣ нақшаи семинарҳо тартиб дода мешавад.

3. **Ҳамкориҳо тавассути Интернет.** Дар ҳамкориҳои мазкур педагогҳо ва волидайн оид ба корбурди ашколи навтарини ҳамкориҳо маълумоти саҳеҳро бояд ба даст оранд. Дар ҷараёни семинару машғулиятҳо дараҷаи донишҳои педагогию психологӣ ва дараҷаи воқифии падару модарон аз ин ё он механизми идора намудани МТТ пешбинӣ гардидааст. Дар ин давра сатҳи шуурнокии волидайн бояд баланд мегардид, сифати ҳамкориҳо бояд беҳ мегардид.

4. **Ҳамкориҳо бо таълимгирандагони МТОК-и омӯзгорӣ.** Ин ҳамкориҳо аз инкишофи маҳоратҳои ташкили муносибати байни ашхос, аз донишу шароитҳо, намуду методҳо ва ашколи кори дутарафа, аз донишҳо оид ба тарбияи оилавӣ таркиб мeёбанд. Дар рушди низоми идора намудани сифатнокии ҳамкориҳои педагогии МТТ бо оила тайёр намудани соҳибихтисосон тибқи Стандарти таълиму тарбияи ТТ ин давра саҳми калон дорад.

Кори мазкур дар ҷараёни дар банди 2.2. тавсифшуда (давраи қабл аз мутобиқгардӣ, мутобиқгардӣ дар давраи ташкилию мутобиқгардӣ дар давраи методологӣ) асоснок мегардад. Дар ҷараёни кори озмоишӣ барнома зери унвони “Муоширaт бо падару модарон” зери санҷиш қарор

гирифт ва тамоми методҳои ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиягирандагон корбурд гардид. Барномаи мазкур аз давраҳои кори таҳлилкунӣ, ахборотӣ ва корҳои амалии махсус бо падару модарон таркиб меёфт. Ҳадафи давраи якум - ошкорсозии норасоиҳо дар савияи донишҳои мураббиён дар атрофи ҳамкориҳо ва боло бурдани сифати онҳо бо оилаи тарбиягирандагони МТТ. Пурра сохтани ақоиди омӯзгорон дар хусуси шаклҳои ҳамкориҳо байни кӯдакистон ва оила, ба вуҷуд овардани ангезишҳо бо мақсади роҳандозии муносибати хуб бо волидайни кӯдакон ҳадафи давраи дуюм ҳисоб меёбад. Ҳадафи давраи сеюм бо падару модарони тарбиятгирандагон, маҳорати барпо кардани робита бо волидайни кӯдакон, бо салоҳияти педагогӣ ҳаллу фасл кардани ҷанҷолу зиддиятҳо, намоиши мавзунӣ дар муомила бо падару модарон. Шаклҳои ҳамкории педагогӣ бо волидон дар ин барнома дар ҷадвали 9 оварда шудаанд.

Ҷадвали № 9. Шаклҳои ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила

| Гурӯҳи оилаҳо | Шаклҳои кор |
|---|---|
| Оилаҳои пазирандаи бартарии истироҳат ва фориғии фаъол | Маҳфили “Саёҳат бо рафиқон”<br>-Клуби “Падар, модар, ман – оилаи эҷодкорам”<br>-Дар доираи барномаи “Рангинкамон” |
| Оилаҳои эътирофкунандаи фориғии фарҳангӣ | -Клуби “Падар, модар, ман – оилаи эҷодкорам”<br>-Дар доираи клуби ........<br>-Шиносой бо китобхонаи шаҳрӣ<br>-Тамошои театр ва осорхона |
| Оилаҳое, ки дар онҳо ба тарбияи кӯдакон бибиҳо машғуланд | Клуби “Бибиҳои моҳир” |
| Ҳар як оилаи ба корҳои ислоҳкунӣ ниёздошта (хурдсолони зуд ба бемориҳо дучоршаванда, хурдсолоне, ки | -Барномаи “Рангинкамон”<br>-Тютерӣ |

| | |
|---|---|
| маъюбанду ба ёрии психологӣ эҳтиёҷ доранд): | |
| Оилаҳое, ки ҷойгоҳи фаъолноки зиндагиро дошта, робитаҳои шахсиро ба роҳ мемонанд. | Фаъолияте, ки ба нақшаи доимӣ гирифта шудааст |

Дар давраи аввал анкетаронии падру модарон зери таҳлил қарор гирифт. Дар гурӯҳи озмоишӣ якчанд оиларо ошкор сохтем, ки мақсади умумии ягона доштанд ва бо онҳо дар дохили ин ё он маҳфил кор бурдем. Дар ин давра 4 маҳфили гуногун созмон дода шуд. Ҷалб намудани волидайни кӯдакон ба ширкати фаъолона дар корҳои таълимӣ - тарбиявии кӯдакистонҳо, рушди заминаи фарҳангию маърифатии ба роҳ мондани “Тарзи ҳаёти солим” ва сафарҳо бо оилаи хеш дар доираи тарбияи фарзандон мақсади маҳфили аввал ҳисоб меёбад. Чорабиниҳое, ки маҳфил мегузаронад, мусобиқоти сайёҳии велосипедронӣ, ташрифот ба боғҳои зимистонаю тирамоҳона, ҷамъомадҳои сайёҳӣ дар деҳаи фаъол ва сафарҳои тапографии онҳоро фаро мегиранд. Мулоқоти рӯзҳои аввалини фароғат байни волидайн кофӣ набуд. Дар аксари мавридҳо волидайни алоҳида ин вохӯриҳоро ба сифати рӯзҳои корӣ арзёбӣ кардаанд, яъне кӯдакони худро ба кӯдакистон равон намуда, ба дигар корҳои хеш шуғл меварзанд.

Ин раванди ҷойдошта баъд аз барпошавӣ машғулияти сеюмин тағйир ёфт. Педагогҳо тадриси якҷояро дар гурӯҳҳои хурду калон ба роҳ мемонданд, падару модарони кӯдакон дар аксари ҳолатҳо ба маъмурияти кӯдакистонҳо ёрии хешро пешкаш мекарданд. Тавассути ин чорабиниҳо волидайни кӯдакон иштирокчиёни раванди таълиму тарбия мегаштанд ва бо ин роҳ душвориҳои ҳар як модар дар тарбияи кӯдакони хеш ҳал мегардид. Баъд аз гузаронидани чорабиниҳои сершумор аксари падару модарон ба ташкилу бароҳмонии мустақилонаи чорабиниҳои якҷояи фароғатӣ тайёр шуда буданд. Зимни ҳамкориҳои педагогӣ бо падару модарони аъзоён (узв)-и ҳар як оила аз madди назар дур намемонд. Аз

натоиҷи анкетаронӣ бармеояд, ки дар ҳар як оилаи серфарзанд нақши бибӣ хеле бузург аст. Бибиҳо вақти фориғии зиёд доранд ва мураббиёни кӯдакистонҳо дарк намуданд, ки бибиҳои дар ин ё он гурӯҳ имкон доранд, ки чараёни таълимӣ - тарбиявиро мавриди назорати ҷиддӣ қарор диҳанд.

Дар корҳои тарбиявӣ ошкорбаёнӣ корбурд гардид ва модаркалонҳо ба ширкатварзии фаъолона дар фаъолияти МТТ даъват гардиданд. Маҳфил дуюмин "Бибии ҳунарманд" унвон дошт. Мақсади маҳфил - фароҳамории шароит барои ҳамкориҳои педагогӣ байни оилаҳои кӯдакон ва педагогҳои кӯдакистонҳо ва рушди парастиш кардани оилаҳо ва муносибатҳои арзишнок ба калонсолон мақсади маҳфили дуюм ҳисоб меёфт. Ҳамагӣ 5 мулоқот ташкил карда шуд: ташили мизҳои мудаввар дар хусуси солимӣ аз хурдсолӣ ва ғамхорӣ нисбати калонсолон, маҳфилҳои модаркалонҳо, консертҳо барои фароғати калонсолон, "Бозиҳои бобоёну бибиҳои мо", гузаронидани озмуни "Бибии аз ҳама солхӯрдатарин". Ҳар як иштирокчии маҳфили мазкур дар бораи маҳорату малакаҳои тарбиявии худ, ҳар як анъанаи оилавӣ изҳори ақида намуд. Мураббиёну кормандони кӯдакистонҳо дар ташкил ва гузаронидани мулоқоти мазкур баоилаҳо кумак расониданд. Дар рафти кори ин маҳфил масъалаҳои ба ҷараёни таълиму тарбия ҷалб намудани насли калонсол ва барқарор намудани алоқаҳои байнишахсӣ ҳал карда шуданд.

Ёрирасонӣ ба волидайни кӯдакон ва кормандони МТТ бо мақсади шинос шудани онҳо бо фарҳанги миллии хеш, комилсозии дарки онҳо дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти халқҳои муқимӣ дар мамлакат, тарғиб кардани анъанаву расму забони онҳо, рушд додани дарки базавӣ, этика, эстетика, эҳсосот ва иҷтимоии кӯдаконашон мақсади маҳфил ҳисоб меёфт. Волидайни кӯдакон осорхонаи фарҳангии кӯдакистонро бо ин ё он ашёи миллии тоҷикӣ таҷҳизонида, ба осорхонаи фарҳангӣ ва китобхонаҳои шаҳрию вилоятӣ ташриф оварданд. Дар кӯча ва хиёбонҳои шаҳри худ бо кӯдаконаш сайругашти якҷоя карда, волидайн онҳоро бо таърихи кишварашон шинос менамуданд. Ин барои инкишофи интеллекти

кӯдакони синни томактабӣ аҳамияти бузург дорад. Шаклҳои зерини ҳамкориҳои педагогии МТТ бо волидайни кӯдакон, мисли тадриси омӯзгорон, мизи мудаввару маҷаллаи шифоҳии кӯдакона оид ба ошноӣ ба ҳар як бозии миллии мардумӣ, хусусан мардуми вилоят, шиносоӣ бо таъриху оинҳои мадании мардуми ба мо дӯсту ҳамсоя, идҳои умумӣ роҳандозӣ гардиданд. Муносибатҳои тоқатпазироёнаи кӯдакони синни томактабӣ ба кӯдакони халқу фарҳанги дигар, дар заминаи чунин чорабиниҳои зикршуда ташаккул ёфта, хоссагиҳо ва аҳамиятнокии фарҳангии дигар халқу миллатҳои вилояти Хатлон муқаррар гардидаанд.

Ҳар як оилаи маданию эҷодкори мамлакат, ки маҳфили сеюм ("Падар, модар, ман - оилаи эҷодкор")-ро ташкил медиҳанд, ба рушди неруҳои эҷодӣ машғул аст. Ин маҳфил дар фаъолияти хеш панҷ вохӯрӣ мазмуни мухталиф дошта, барои падару модар ва кӯдаки онҳо ҷолиби диққат мебошанд: намоишҳои театрӣ ва мусиқии падару модарон ва кӯдакони онҳо "Рӯзи модар", "Беҳтар аз падар дар ҷаҳон дӯсте нест", намоишномаҳои мусиқи зери унвони "Оилаи театрӣ", озмуни "Ҷанги хорҳо". Дар рафти чорабиниҳои мазкур, ки раванди эҷодкорию муҳити ғайрианъанавиро фаро мегирад, иштирокчиёни онҳо ором мегиранд ва хеле осон бо ҳам муомила мекунанд ва ҳамзамон дараҷаи сифати ҳамкориҳоро байни педагогҳо ва оилаи тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ боло мебарад.

Ин таҳқиқот оилаҳоеро мушаххас намуд, ки ҳар як кӯдаки имконотҳои маҳдуддошта ба маслиҳату ёрии психологӣ ниёз дошта метавонад. Дар ин ҷо сухан дар бораи кӯдаки маъюбу бемор меравад. Барои чунин кӯдакон барнома зери унвони "Сайёраи шодӣ - оилаи хушбахт" коркард гардидааст. Барномаи мазкур педагогҳо ва ҳар як оилаи душворро бояд дастгирӣ кунад ва дар натиҷаи он ин оилаҳо ба шароитҳои МТТ-ҳо бояд мутобиқ шаванд.

Барои оилаҳои ба ҳаёти фаъол, методҳои корҳои инфиродии кӯдакон афзалиятдиҳанда, барои ҳамкориҳои босамари педагогӣ байни педагогҳо,

волидайну кӯдакони онҳо дар доираи лоиҳаҳо, чорабиниҳо корбурд гардиданд. Мавзуи як лоиҳа аз мавзуи лоиҳаи дигар фарқ мекард ва субъектҳои раванди таълим дар вобастагӣ ба шавқу ҳавасашон мавзуи лоиҳаҳоро мушаххасонидаанд: “Дар фасли баҳор табиат чӣ хел мешавад?”, “Дар бадани солим - ақли солим”, “Афсонаи дӯстдоштаи ман”, “Хонаи китобҳо”, “То ки оташ нашавад, то ин нохушӣ нашавад”, “Чунин гурбаҳои гуногун”, “Ман дӯстдори варзиш”, “Витаминҳо ва фоиданокии онҳо”, “Сафари қатра”, “Бозиҳои саргузашт”, “Саргузашти аҷиб, чӣ тавр Сафина яхро ранг кардааст” ва “Бодиринг чӣ тавр пайдо шудааст?”. Ҳамзамон, зимни коркарди лоиҳа зери унвони “Чунин гурбаҳои гуногун”, оилаи кӯдакон аз рӯи манбаҳои сершумори адабиёти зарурӣ фаъолият намуд ва алоқамандии гурбаҳоро муқаррар сохт. Баъзе мафҳумҳо намоишу шарҳи худро ёфтаанд: “Гурба - зан”, аломати “Гурбаи сиёҳ”, “Турба - достон” ва дигарон. Баъдаз ин намоишҳо ва шарҳҳо тафаккури кӯдакони МТТ рушду ташаккул ёфт.

Волидайни кӯдаконро лоиҳае бо ном “Саргузашти аҷиби мукаабҳои ях дар ошхона ё чӣ гуна Сафина ба ях ранг кард” бо эҷодкории хеш мафтун кард. Кӯдакон яхбандиро истифода бурда, тасвирҳои гуногунро пайдо намуданд: намунаеро кашида, баъди обшавӣ тасвири аҷиберо ба даст оварданд. Вале зимни кашидани намуна тарзу роҳҳои бунёди ҳар як пораи ҷодугаронаи ях бояд омӯхта шавад. Тамоми корҳои мазкур ҷанбаи тарбиявию таълимӣ дошта, барои кӯдакон хеле муҳим буд, чунки онҳо ба эҷодкории худ баҳо дода метавонистанд.

Яке аз корҳои таҳқиқотии оилавӣ “Ва пониҳо низ аспанд” сабабгори таваҷҷуҳи зиёди духтарон ба онҳо шудааст. Ӯ ба тамоми ашёҳое, ки ба аснои кор алоқамандӣ дошт, диққат медод, барои хонаи ӯ расмҳоеро, ки дар онҳо аспон тасвир ёфтаанд, як қатор ҳайкалу бозичаҳои аҷоиби асп ҷамъоварӣ шудаанд. Дар раванди санҷиш чунин суол пешниҳод гардид: “Понӣ кист ва чаро ӯ ин қадар хурд аст?” ва ӯ бо ин савол ҷавоберо пешкаш намуд: “эҳтимол ба ӯ ғизои нокифоя додаанд, ё ин ки ба ӯ ягон

ғизои махсусе лозим аст?”. Дар ин маврид аз ҷониби оилаи мушаххасе фарзияе пешниҳод мегардад. Барои рушдёбии ҷисмонии понӣ хӯроки махсусе лозим аст; зимни риояи дурусти парҳез он ба баландшавии қади пониҳо оварда мерасонад.

Тасдиқи фарзияи мазкур дар рафти таҳқиқот амалӣ нагардид, волидайну кӯдакони онҳо фикри худро чунин ҷамъбаст карданд: пони тавассути парҳезкунӣ афзоиш намеёбад. Яъне, ҳар қадар махсус парҳез кунад ҳам, ин парҳезҳо ба баландшавии қад мусоидат наменамояд.

Лоиҳаи “Сафари қатра” бо мушоҳида (кӯдак ва волидайни ӯ) гузаронида шуд. Онҳо ба ҳар хел ҳолат табдилёбии обро аз назар гузарониданд, ки зимни набудани об зиндамонии мавҷудоти зинда имконнопазир аст. Лоиҳаи зерин таҳти унвони “Дар фасли баҳор табиат чӣ хел мешавад”, кӯдаконро водор менамояд, ки тағйироти дар табиат ба вуҷудояндаро аниқу равшан фаҳманд.

Дар кори эҷодӣ бо номи “Бодиринг чӣ хел пайдо шудааст” кӯдакон бо чашми худ диданд, ки чӣ тавр аз тухми ин сабзавот мерӯяд ва калон мешавад. Дар давоми давраи омӯхтани ин масъала бачаҳо маълумоти сершумори таълимии аҷибу ҷалбкунанда ҷамъоварӣ карданд ва ин кори эҷодӣ ба муттаҳидсозии тамоми субъектҳои лоиҳа оварда расонид.

Бояд қайд кард, ки ҳар як лоиҳа ба муомилаи босамар дар дохили оилаҳои кӯдакон равона шудааст. Аз таҷрибаи мазкур аён гашт, ки ин чорабиниҳо ба васеъшавии тасаввуроти гуногуни бачаҳо, падару модарон, педагогҳо ба ташаккулёбии эҷодкории субъектони лоиҳа, ба инкишоф ёфтани фикронӣ, эҷодкорӣ ва муошират дар тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ кумак расониданд.

Ҳимояи лоиҳа давраи охирини кор ҳисоб меёбад. Он дар шароити мутантан гузаронида мешавад. Барои паҳнсозии таҷрибаи ҳамкориҳо байни кӯдакистонҳо ва оилаҳои кӯдакон омӯзгорони факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав саҳми калон гузоштанд.

Методи дигари робитаю ҳамкориҳои педагогӣ бо волидайн лоиҳаи эҷодӣ дар оила ҳисоб меёбад ва он ба татбиқи ҳамкориҳои муштараки босамар, барои амалигардонии ҳадафҳои зарурӣ равона гардидааст.

Зимни иҷро гардидани давраи дуюми кор маълум шуд, ки на ҳамаи омӯзгорони кӯдакистонҳо ба корҳои мазкур тайёранд. Воқеан, омилҳое ҳастанд, ки барои ҳамкории босамар монеъ мегарданд:

- маданияти пасти волидайни кӯдакон;
- аз хоссагиҳои кори кӯдакистонҳо огоҳ набудани падару модарон;
- ташаккул наёфтани рефлексияи педагогӣ дар падару модарон;
- зимни ҳамкориҳо бо ҳар як оилаи кӯдаки тарбиягирандаи МТТ салоҳиятҳои паст доштани педагогҳо.

Ҳамкориҳои педагогии МТТ бо оилаҳои кӯдакон ба таҷрибаву салоҳиятҳо ва муоширати педагогҳо асос меёбанд. Бештари мутаххасисон - педагогҳо (мураббиён) бо мақсади худинкишофдиҳӣ дар ҳар як семинар бояд фаъолона ширкат варзанд.

Мавзуъҳои дарсҳои семинарӣ инҳо буданд: "Таъмин кардан бо меъёрҳои ҳуқуқҳои кӯдакон ва уҳдадориҳои ашхоси калонсолон нисбати кӯдакони хурдсол", "Навъҳо, амсилаҳо, вазоифи оилаҳо", "Тарзҳо, услубҳо, методҳои тарбия дар оила", "Ашколи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҳамкориҳои педагогии МТТ бо оилаҳо", "Муошировати касбӣ" ва ғайра.

Дар аввали вохӯрӣ гуфта гузашта будем, ки самти муҳимми ҳамкориҳои МТТ бо падару модарон пешгирикунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони хурдсол ба ҳисоб меравад. Банобар ин, педагогҳо ба азхудкунии ҳуҷҷатҳои ба ҳуқуқ шомилбуда, таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, танзим, уҳдадории ашхоси калонсолон дар муносибати хеш бо кӯдакони хурдсол машғуланд. Педагогҳо бо се сатҳи қонунҳои ҳуқуқи кӯдакро танзимкунанда бояд ошно бошанд. Ба онҳо қонунҳои байналмилалӣ (Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак), Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" (2013); Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими

анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ” (2007); Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2011), Қонуни ҶТ “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ” (2013), “Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ”, “Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ барои солҳои 2020 - 2025”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2006), “Барномаи тарбия, таълим ва рушди синни томактабӣ “Рангинкамон” ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабӣ эътибор доранд.

Ҳаряк ҳуҷҷати шаҳрию вилоятӣ, ҳисоботи кӯдакистон сатҳи сеюмро ташкил медиҳанд.

Омӯхтани амсилаву намудҳо, вазоифи оилаи кӯдакон, методҳои тарбияи кӯдакон дар оила ҳам дар вохӯрии дуюм ва ҳам дар гурӯҳи сеюм ба ҳисоб гирифта шуд. Вохӯриҳои дуюм ва сеюм шиори зеринро дошт “Барои кор кардан бо оила бояд донӣ”. Мураббиён дар шакли бозиҳои корӣ шаклҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оиларо ёдовар гардиданд. Ҳамзамон барои хубтар кардани робитаи касбии миёни тарбиятдиҳандагон семинар ба роҳ монда шуд. Ин чорабиниҳо имкон фароҳам меорад, ки на танҳо сатҳи салоҳияти омӯзгорон дар кор бо волидон боло бурда шавад, балки механизмҳое муайян гарданд, ки ба воситаи онҳо ин чорабиниҳо ва ба ин васила сатҳи сифати ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар амал татбиқ гардад.

Ин қисм чун давраи сеюм ҷудо гардида, он ҳамкориҳо тавассути Интернетро дар бар мегиранд. Ба он беҳад банд будани волидайни кӯдакон дар ҷой кори худ ё доимо машғул будани онҳо бо ягон коре ҳам ширкат варзидани онҳо дар ҷаласаҳои волидайн, зарурат ба шиносшавии падару модарони кӯдакон бо ҷараёни таълиму тарбия дар кӯдакистон дар самти мутобиқшавӣ ва самти қаблазмутобиқшавӣ боис гардиданд.

**Марҳилаҳо.** Марҳилаҳои аввали ҳамкориҳо бо волидайни кӯдакон дар давраи мутобиқшавӣ ва давраи қаблазмутобиқшавӣ бо истифодаи фаъоли

веб-сомонаи таълимӣ арзёбӣ карда шуд. Видео бо ин ё он тури он-лайнӣ ба тарбиягиранда таълим медод. Ҳамкорӣ бо падару модароне, ки кӯдаконашон дар МТТ тарбия мегиранд, ба воситаи вебинару конференсияҳои он-лайнӣ ба роҳ монда шуд. Як ҳафта пеш аз вебиранҳо волидайни кӯдакон тавассути сомонаи кӯдакистон аз вақти гузаронидани мавҷудоти он бохабар мегарданд. Маъмурияти кӯдакистон бо мақсади таҳлилкунӣ мавзуи аввалро пешкаш кард ва он хизматҳои иловагӣ дар таълимро фаро гирифт.

Дар оғоз душвориҳо зимни ташкил кардани вебинар ба вуҷуд омаданд: мураббиён дар бораи ТИК дониш, маҳорат ва малакаҳои заруриро ҳосил накарданд, аз амалҳои пайваста бехабар мебошанд.

Дастур барои ширкат варзидан дар вебинарҳо пешниҳод гардид. Аз сабабион, ки чунин навъи муошират ба волидайни кӯдакон шинос набуд, онҳо воқифии сатҳи қарор доштанд. Волидайни кӯдакон намедонистанд, ки дар рафти семинарҳои онлайнӣ дар суҳбатҳо фаъол будан лозим аст. Бинобар ин, дар семинари онлайнии аввалин 10 волидайни кӯдакон ширкат варзиданд. Тибқи натоиҷи ин семинар падару модарони аз ҳама фаъол дар гурӯҳе буданд, ки педагогҳои кӯдаконашон дар корбурди технологияҳои интерактивӣ аз салоҳиятҳо бархӯрдоранд.

Барои афзудани теъдоди иштирокчиёни семинарҳо тавассути он-лайн ва бартарафсозии ҳарос аз шаклҳои навтарини ҳамкориҳои педагогӣ бо падару модарон семинар барои педагогҳо роҳандозӣ гардид. Технологияи иштироккунӣ дар семинарҳои онлайнӣ дар раванди тадрис тавзеҳ гардид. Шиноскунӣ бо Стандарти давлатии таълим ва методҳои таълимӣ забони давлатӣ дар Тоҷикистони муосир бо хоҳиши волидайн масъалаи муошırати дуюмӣ буд. Вохӯрии дуюм хурд ташкил гардид ва дар ин вохӯрӣ 20 волидайни кӯдакон иштирок карданд. Дар ҳамкориҳои интернетӣ ширкати падару модарон фаъол ҳисоб меёфт: ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас мегирифтанд, баҳсу мунозира мекарданд, ақидаронӣ мекарданд. Дар пойгоҳи дуюмин вебинар назарпурсӣ, роҳандозӣ гардид.

Ин тарзи ҳамкориҳои педагогӣ чӣ тавр самараноку фоиданок мегардад? Ҳамаи волидайне, ки дар вебинар ширкат варзидаанд, қайд кардаанд, ки яке аз ашколи хуби муоширах, вохӯрӣ ба маъмурияти кӯдакистон мебошад, зеро ки ҳар шахс метавонад ба шахси дигар савол диҳаду ҷавоби онро гирад. Бинобар, серкор будану вақт надоштани волидайн онҳо имкон надоранд, ки бо маъмурияти МТТ вохӯранд, шомгоҳон бошад, ҳар кас аз паси кори дар пешистодаи рӯзгори худ меравад. Пахши онлайн ба шумо имкон медиҳад, ки бидуни баромадан аз хона ё дар роҳ иштирокчии фаъоли муколама бо мураббиёни фарзанд ва маъмурияти муассиса бошед.

Волидони фаъол фавран пешниҳод карданд, ки чунин вохӯриҳо бо мутахассисон ташкил карда шаванд. Ба кори логопед ва ба мактаб тайёр кардани бачагон бисёр шавқу ҳаваси калон доштанд. Ҳамаи ин андешаҳо роҳбарияти муассисаи таълимиро водор намуд, ки як қатор вохӯриҳои онлайниро дар фазои маҷозӣ баргузор намояд. Барои ташкили вебинарҳои навбатӣ дар байни волидон пурсиш гузаронида шуд, то мавзуъҳои барои онҳо муҳимро муайян кунанд. Дар заминаи пурсишнома ба таҳия (мураттабсозӣ)-и нақшаи семинарҳо тавассути он-лайн шуруъ кардем. Аммо ҳарчанде ки педагогҳо ва падару модарон шакли мазкурро мусбӣ дода баромадаанд, он барои аксари волидайн ки бо интернет кор карда наметавонанд, бегона мемонад.

Дар давраи ниҳоӣ бо таълимгирандагони ДДБ ба номи Носири Хусрав кор бурда шуд. Ҳадафи кори мазкур дар ин ҷода омодасозии донишҷӯёни гуногун ба муомилоти таъсирпазир бо ҳар як оилаи донишҷӯён ҳисоб мерафт. Бо ин мақсад таҳияи дастури методию таълимӣ роҳандозӣ гардид ва ба барномаи таълимӣ барои МТОК зери унвони "Муошират бо падару модарон ё ашхоси ивазкунандаи онҳо" бо педагогҳо мутобиқ карда шуд. Китоби дарсии мазкур таълимгирандагонро ба ҳосилкунии малакаву маҳоратҳои ба нақша гирифтаи ҳамкориҳои педагогӣ бо волидайн, ба мушаххасгардонии вазифаву мақсадҳои корҳои инфиродии омӯзгор бо кӯдак дар оила, ба пажуҳиши хоссагиҳои тарбия

дар оила, муомила кардан бо роҳбарони кӯдакистон, мураббияҳо, педагогҳои соҳаи мусиқӣ, сардори кӯдакистон, кормандони соҳаи тиб ва ҳоказо равонааст.

Хуллас, тамоми чорабиниҳое, ки пешниҳод гардидаанд, ба низоми идоракунии сифати ҳамкориҳо таъсири худро мерасонанд ва ба амсилаи идора намудани сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаҳои тарбиягирандагон, ки дар пойгоҳи мазкур асоснок гардидаанд, равона мегарданд.

## 2.3. Баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои кори озмоишию таҷрибавӣ доир ба инкишофи ҳамкориҳои педагогии МТТ бо оилаи тарбиягирандагони МТТ

Бо итмоми марҳилаи ташккул ёфтани корҳои озмоишӣ мо аз нав сифатнокии ҳамкориҳои байни МТТ ва оиларо таҳлил намудем.

Дар давраи муқарраркунанда феҳристи назоратӣ барои арзёбӣ истифода карда шуд. Ба сифати арзиши миёна ҳам барои гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам барои гурӯҳи назоратӣ маълумоти мушаххас пешниҳод мешавад, ба тарзе ки дар ин давра педагогҳо ба ҳайси коршиносон ба сифатнокии ҳамкориҳои педагогӣ миёни падару модарон ва кӯдакистонҳо баҳо медоданд.

Зимни таҳлил кардани авроқи санҷиш аён гашт, ки аз 8 холи имконпазир (ба ҳисоби миёна) баъд аз тамоми чорабиниҳое, ки ба боло бурдани дараҷаи воқифӣ равонаанд, гурӯҳи озмоишӣ 7,36 хол гирифт, ки назар бо давраи муқарраркунанда 0,68% афзоиш ёфт. Аммо дар гурӯҳи назоратӣ он 7,88 холро ташкил дод ва тафовут байни гурӯҳҳо бо ташхискунии пешакӣ 0,32 хол буд. Ҳамаи ин гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолиятҳои дар раванди таҷрибаомӯзӣ ба болоравии салоҳиятҳои таҳлилкунӣ равоншуда дар гурӯҳи назоратӣ босамар маҳсуб шуд.

Талаботҳои педагогию психологӣ ба донишу малакаҳои падару модарон бояд аз мутташаккилона гузаронидани чорабиниҳо афзоиши холҳо дар гурӯҳи озмоишӣ 2,04 холро ва дар гурӯҳи назоратӣ 0,65 холро ташкил дод. Зимни 7-хол будани холҳои имконпазири максималӣ (аз ҳама баланд) натоиҷ дар гурӯҳи озмоишӣ ба 6,06 ва дар гурӯҳи назоратӣ ба 4,85 баробар буд. Яъне педагогҳо новобаста аз навъи тадрис тарбияи падару модаронро аз мадди назар дур намекарданд.

Зимни пажуҳиши қисмати чорабиниҳо оид ба истироҳати якҷоя мо ба қайд гирифтем, ки қисми зиёди падару модарони кӯдакон аз гурӯҳи озмоишӣ ба корҳои мустақилонаи инфиродӣ ва ба якҷоя роҳандозӣ намудани чорабиниҳо тайёрии хуб доранд. Чунки аз вазоифи истироҳат

кардани оилаҳои тарбиягирандагони МТТ бохабаранд ва мефаҳманд, ки бо кӯдакон, кормандони кӯдакистон,бо дигар падару модар муносибати таъсиррасонандаро амалӣ мегардонанд. Аз 9 холи имконпазири максималӣ 8,24 хол дар гурӯҳи озмоишӣ ва 6,63 хол дар гурӯҳи назоратӣ ба даст оварда шуд, ки ин дар қиёс бо ташхиси пештара 2,23 дар гурӯҳи озмоишӣ ва 0,52 дар гурӯҳи назоратӣ зиёдтар мебошад. Аз нуқтаи назари кормандони МТТ миёни падару модарон қисмати ашколи намоишӣ ва иттилоотӣ аз ҳама маъмултар ҳисоб меёбад. Қайд кардан бомаврид аст, ки ашколи мазкур баҳри фаъолсозию воқифшавии падару модарон баъд аз гузаронидани ин чорабиниҳо хизмати беандоза доштанд. Талаботҳои ин ашкол дар гурӯҳи назоратӣ то 0,95хол ва дар гурӯҳи озмоишӣ то 1,38 хол афзоиш ёфт. Аз 6 холи имконпазири максималӣ баҳои миёнаи гурӯҳи озмоишӣ 5,95 ва гурӯҳи назоратӣ 5,67 хол буд.

Низоми ҳамкориҳо тавассути Интернет гарчанде, ки роҳандозӣ гардидааст, аммо аз он падару модарон чандон истифода намебурданд, зеро дар соҳаи тиб салоҳиятҳои хеле паст доштанд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар озмоиши гузаронидашуда миқдори волидайни кӯдакон, ки ба ашколи мазкур ҳамкориҳои педагогӣ диққат доданд ва ин зимни баҳодиҳӣ ба салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия ба афзудани баҳои миёна оварда расонд.

Хулоса, баҳоҳои миёна дар гурӯҳи озмоишӣ 1,97 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ то 0,28 хол афзоиш ёфт. Аз 6 холи максималӣ табқи санҷиш дар гурӯҳи озмоишӣ 3,68 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 2,2 хол ҳосил шуд. Корбурди ашколи ғайрианъанавӣ дар муошират зимни ҳамкориҳои педагогӣ бо волидайн барқарорсозии муносибати самимона дар гурӯҳҳои хурд кумак расонд, фарҳанги муошират бо кӯдаконро баланд бардошт. Дар тадрис, тренингу семинарҳои гузаронидашуда падару модарон фаъолияти хуб нишон доданд. Аз ин рӯ, баҳоҳои миёна дар гурӯҳи озмоишӣ то 1,66 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ то 0,34 хол зиёд шуд. Аз 7 холи имконпазири максималӣ, тибқи натоиҷ дар авроқи санҷиш, дар

гурӯҳи озмоишӣ 6,64 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 5,37 хол буд. Қисми ба идора намудани созмонҳои ҷамъиятӣ ҷалб кардани волидайн хеле мушкил ҳисоб меёфт. Баҳои миёнаи умумӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 1,45 ва дар гурӯҳи назоратӣ то 0,85%афзуд. Аз 6 холи имоконпазири максималӣ натоиҷ дар авроқи санҷиш дар гурӯҳи озмоишӣ 3,77 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 302 хол буд.

Ҳамин тариқ, баҳоҳои миёнаи умумӣ ба сифатнокии муоширати байни мураббиёну волидайн дар гурӯҳи озмоишӣ то 14,37 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ то 4,9 хол зиёд шуд. Холҳои аз ҳама баланди имконпазир 49 ҳисоб меёфт, дар гурӯҳи озмоишӣ 42,1 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 34,57 хол ба даст оварда шуд. Табқи пажуҳиши ҳар як вароқи санҷиш таносубияти миёни натоиҷи баҳодиҳӣ ба сифати ҳамкориҳои педагогӣ волидайни тарбиягирандагони МТТ дар давраҳои муқарраркунандаву назоратӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифт. Маълумоте, ки аз пажуҳиш ба даст оварда шуд, ба тариқи зерин пешкаш гардонидем.

Ҷадвали № 10. Таносуби натоиҷи баҳодиҳӣ ба сифатнокии ҳамкориҳои педагогӣ байни падару модарон дар давраҳои муқарраркунандаву назоратӣ (дар %)

| Сатҳҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдоди оилаҳо | Бо фоиз | Теъдоди оилаҳо | Бо фоиз |
| Сатҳи баланд | 33 | 31% | 53 | 32% |
| Сатҳи миёна | 53 | 56% | 49 | 57% |
| Сатҳи паст | 154 | 13% | 0 | 11% |
| Ҷамъбаст | 240 | 100% | 102 | 100% |




**Диаграммаи № 5. Сатҳи сифати ҳамкории педагогии волидон**

Аз ҷадвали мазкур аён гашт, ки сатҳи аз ҳама баланди ҳамкориҳои байни падару мдарон дар гурӯҳи озмоишӣ ба назар мерасад. Дар ин гурӯҳ сатҳи баландтарин 33%-53% зиёд шуд, сатҳи миёнаи он 53%-49% кам гардид, сатҳи интиқодӣ мушоҳида нагардид. Сатҳи аз ҳама баландтарин дар гурӯҳи назоратӣ 31%-32% зиёд шуд, сатҳи миёнаи он ба тағйирот дучор нагардид, ссатҳи пастарини он то 1% камтар гашт. Яъне, чорабиниҳо дар гурӯҳи озмоишӣ босамар гузаронида шуданд. Бо мақсади муайянсозии босамарии амсилаи идора кардани сифати ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиягирандагон дар салоҳиятнокии падару модарон чун субъектҳои кор дар гурӯҳҳои хурд тағйироти бавуҷудомада мавриди таҳлил қарор гирифт.

Аз пажуҳиш бармеояд, ки салоҳиятҳои падару модарони кӯдакон дар давраи муқарарркунанда нисбат ба сатҳе, ки муқарар гардидааст, сатҳи пасттаре доштанд. Тағйирот дар давраи назоратӣ ба вуҷуд омад, баҳоҳои миёнаи қисмҳо, амсоли шакли ҳамкориҳои визуалӣ, истироҳати якҷоя, кори таҳлилию таълимӣ афзоиш ёфт. Вобаста ба ин дараҷаи салоҳиятнокии падару модарон бо суръат афзоиш ёфт..

Дар давраи назоратӣ ва дар давраи муқарраркунанда салоҳиятҳои педагогҳои МТТ дар пойгоҳи авроқи санҷиш дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд. Маъмурони кӯдакистонҳо зимни таҳлили масъалаҳо вазифаи коршиносонро иҷро карданд.

Акнун ба натиҷаҳои арзёбии меъёрҳои сифати ҳамкории педагогии мураббиён дар марҳилаи назоратӣ мегузарем.

Ҷадвали № 11. Натоиҷи баҳодиҳӣ ба меъёрҳои сифати ҳамкориҳои педагогҳо дар давраи назорат

| Бахшҳои асосӣ | Талаботи арзёбӣ | Гурӯҳи озмоишӣ, холҳои миёна | Гурӯҳи назоратӣ, холҳои миёна | Донишҷӯён, GPA |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Бахши таҳлилӣ | Талабот ба дониш | 2,91 | 2,51 | 2,87 |
| | Талаботи маҳорат | 2,98 | 2,71 | 2,78 |
| | Талабот барои амалӣ | 2 | 1,74 | 1,13 |
| | **Холҳои умумӣ** | **7.89** | **6,96** | **6,78** |
| Бахши маърифатӣ ва тарбиявӣ | Талабот ба дониш | 2,91 | 2,81 | 2,87 |
| | Талаботи маҳорат | 1,51 | 1,12 | 1,49 |
| | Талабот барои амалӣ | 1,47 | 1,09 | 1,07 |
| | **Холҳои умумӣ** | **5,89** | **5,02** | **5,43** |
| Бахши чорабиниҳои якҷояи истироҳатӣ | Талабот ба дониш | 2 | 2 | 2 |
| | Талаботи маҳорат | 1,91 | 1,69 | 1,71 |
| | Талабот барои амалӣ | 1,89 | 1,47 | 1,37 |
| | **Холҳои умумӣ** | **5,8** | **5,16** | **5,08** |
| Бахши шаклҳои визуалии мутақобила | Талабот ба дониш | 1,91 | 1,91 | 2 |
| | Талаботи маҳорат | 1,91 | 1,79 | 1,81 |
| | Талабот барои амалӣ | 1,87 | 1,14 | 1,14 |
| | **Холҳои умумӣ** | **5,69** | **4,84** | **4,95** |
| Бахши ҳамкориҳои интернетӣ | Талабот ба дониш | 1,69 | 1,12 | 1,84 |
| | Талаботи маҳорат | 1,47 | 1,01 | 1,73 |
| | Талабот барои амалӣ | 1,11 | 0,41 | 1,57 |
| | **Холҳои умумӣ** | **4.27** | **2.54** | **5.14** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Бахши шаклҳои ғайрианъанавии кор | Талабот ба дониш | 2 | 1,89 | 2 |
| | Талаботи маҳорат | 1,91 | 1,51 | 1,57 |
| | Талабот барои амалӣ | 1,47 | 1,14 | 1,51 |
| | **Холҳои умумӣ** | **5,38** | **4,54** | **5,08** |
| Бахши варақаҳо барои ҷалби волидон ба идоракунии муассисаҳои томактабӣ | Талабот ба дониш | 2,1 | 1,91 | 1,12 |
| | Талаботи маҳорат | 1,47 | 1,12 | 0,81 |
| | Талабот барои амалӣ | 1,01 | 0,87 | 0,47 |
| | **Холҳои умумӣ** | **4,58** | **3,9** | **2,4** |

Аз маълумоте, ки ба даст омад, мо аниқ кардем, ки мураббиён акнун фаҳмида истодаанд, ки оилаҳоро омӯхтан лозим аст. Аз ин лиҳоз воситаҳои таҳқиқот афзоиш ёфтаанд. Методҳои барпо кардани робита бо оилаҳо дар гурӯҳи озмоишӣ рӯ ба беҳбудӣ овард. Аз натоиҷи корҳои дар зербоби пешина тавсифгардида аён шуд, ки аз 8 холи потенсиалии имконпазир баҳоҳои миёна дар гурӯҳи озмиошӣ 7,89 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 6,97 холро ташкил дод, ки 1,16-0,48 хол афзуд. Ба хотир гиред, ки дар ин қисмат холи потенсиалии имконпазир 6,79 холро ташкил медод. Ба қавли мутахассисони соҳа барои субъектҳои мазкур мушкилиҳо дар аксари мавридҳо зимни амалигардониву татбиқи донишу малакаҳои нав тавлид мешаванд. Аксари мураббиён баъд аз гузаронидани чорабиниҳо ба волидайни кӯдакон донишҳои педагогию психологӣ ва методию илмиро расониданд.

Ҳамаи ин ба болоравии салоҳиятнокӣ дар қисмати таълимӣ - маърифатӣ оварда расонд. Холҳои аз ҳама баланд (потенсиалӣ) 7 буд. Аз ондар гурӯҳи озмоишӣ 5,89 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 5,03 холро соҳиб гардиданд. Ин натиҷа дар муқоиса бо давраи муқарраркунанда 1,19 дар гурӯҳи озмоишӣ ва 0,32 хол дар гурӯҳи назоратӣ афзуд. Ба қавли мутахассисони соҳа, баҳоҳои миёнаи онҳо боло рафта, 5,44 холро ташкил кард, ки ба чандиршавии фикронӣ, нуқтаи назар дархости пажуҳиши ҳама

чизи навтарин ифода меёбад. Бахшҳои кори муштараки истироҳатӣ дар давраи муқарраркунадаи таҳқиқот бо дараҷаи баланди воқифии педагогҳо аз афзалияту манфиатҳои падару модарон дар тафовут қарор дошт. Дар давраи назоратии таҳқиқот бо дарназардошти манфиатҳои оилаҳо мураббиён байни ин оилаҳо фарқият гузоштанд. Аз 6 холи имконпазири максималӣ баҳои миёнаи умумӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 5,9 холро, дар гурӯҳи назоратӣ бошад 5,17 холро ба вуҷуд овард, ки дар муқоиса бо баҳоҳои пешина 1,28 фоиз дар гурӯҳи озмоишӣ ва 0,8 фоиз дар гурӯҳи назоратӣ афзоиш ёфт.

Толибилмони МТМК нисбатан нишондодҳои паст (5,08) доштанд, чунки собиқаи кории онҳо дар МТМК хеле кам аст.

Зимни баҳодиҳӣ ба талаботҳои салоҳиятнокӣ қисми аз ҳама муҳим ҳамкориҳо тавассути Интернет ҳисоб меёфт. Ҳангоми арзёбии қисми мазкур таълимгирандагон салоҳиятҳои худро дар бахши технологияи интерактивӣ муаррифӣ намуданд. Аз 6 холи имконпазири максималӣ, ба андешаи мутахассисон, баҳои миёна дар гурӯҳи озмоишӣ 4,28 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 2,55 хол буд, ки дар қиёс бо нишондоди пешина дар гурӯҳи озмиоишӣ то 2,57 хол ва дар гурӯҳи назорати 0,72 хол афзуд. Таҳарруки зиёдшавии воқифият маълум гаштааст, вале дараҷаи маълумотдиҳии субъектҳои ҷараёни таълимӣ корҳои зиёдеро тақозо менамояд. Қисми ашколи ғайрианъанавӣ дар ҳамкориҳои педагогӣ миёни падару модарон ва педагогҳо хеле маъруф аст. Ғайр аз ин, падару модарон мавзуъҳои тренингӣ ва машғулиятҳои барои худашон даркориро нисбатан хуб дарк карданд ва педагогҳо ба пешкаш кардани ин ё он самти инкишоф боварии зиёдтар доранд. Аз 6 холи имконпазири максималӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 5,38 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 4,55 холро ташкил дод, ки дар қиёс бо нишондодҳои давраи муқарраркунандаи таҳқиқот дар гурӯҳи озмоишӣ 1,0 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ то 0,22 хол афзуд. Натоиҷи баҳогузории толибилмони МТМК хеле хуб аст ва ин аз ба таҷриба равона гардидани модули

касбӣ зери унвони “Муоширaт бо падару модарон (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) ва коргарони созмонҳои таълимӣ” шаҳодат медиҳад. Онҳо ҳамагӣ ба таври миёна 5 холро ба даст овarданд.

Ҷалб намудани волидайни кӯдакон ба идора кардани кӯдакистон хеле душвор аст, зеро ки ба таъсиррасонии воқеӣ волидайни кӯдакон ба низоми идоракунии МТТ ягон фишанге надоранд. Холи аз ҳама баландтарин 7 буд. Дар гурӯҳи озмоишӣ он 4,59 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 3,9 холро ташкил дод ва ин дар гурӯҳи назоратӣ 0,79 хол афзоиш ёфт. Ин қисм миёни толибилмоне, ки то ҳол чӣ тавр идора кардани кӯдакистонро намедонанд, душвориҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Баҳои миёна 2,5 буд, ки дар давраи санҷишӣ назар ба нишондиҳандаҳои гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ пасттар мебошад.

Баҳои миёнаи дараҷаи сифатнокии муомила аз 47 холи имконпазири максималӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 39,6 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 3,96 холро ташкил дод. Байни нишондиҳандаҳои марҳилаи муқарраркунанда ва марҳилаи назоратӣ фарқият 10-12 хол ва дар гурӯҳи назоратӣ 45 хол буд. Ба ин чорабиниҳое, ки самаранок гузаронида шуданд, гувоҳӣ медиҳанд. Дар давраи назоратӣ баҳои миёна 34,87 хол буд, ки нисбати гурӯҳи назоратӣ 5,35 холбештар мебошад. Ин аз амалигардии барномаи Модули: “Муоширaт бо падару модар (ё ашхоси онҳоро ивазкунанда)”, аз педагогҳои МТОК-ҳо ва созмонҳои талабагӣ вобастагӣ дорад. Бо мақсади инъикос кардани ҳамкориҳои босамари педагогҳо ва падару модарони таълимгирандагон маводи таҳлилии зеринро пешкаш менамоем. Дар поён натоиҷи баҳодиҳӣ ба дараҷаи сифатнокии ҳамкориҳои педагогҳо бо донишҷӯён мунъакис мегардад. (ҷадвали № 12)

Ҷадвали № 12. Натоиҷи баҳодиҳӣ ба сатҳи сифатнокии ҳамкориҳои педагогҳо дар давраҳои муқарраркунандаву назоратии таҳқиқот (дар %)

| Сатҳҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Муқарраркунанда | Назоратӣ | Муқарраркунанда | Назоратӣ |
| Сатҳи баланд | 31 | 55 | 29 | 33 |
| Сатҳи миёна | 63 | 45 | 60 | 60 |
| Сатҳи паст | 6 | 0 | 11 | 7 |




Диаграммаи № 6. Натоиҷи арзёбии сифатнокии ҳамкориҳои педагогӣ дар давраи муқарраркунанда ва назоратӣ

Дараҷаи сифат дар ҳамкориҳои педагогӣ миёни донишҷӯёни гуногун дар давраи назорат маълум намуд, ки дараҷаи сифатнокии ҳамкориҳо дар марҳилаи санҷиш дар гурӯҳи озмоишӣ 56% буд, ки дар қиёс бо нишондоди гурӯҳи назоратӣ 23% ва дар қиёс бо нишондоди кӯдакони МТТ 19% зиёд

аст. Натиҷаи баҳодиҳии донишҷӯён нишон дод, ки сатҳи баланд 38% ва омӯзгорони касбӣ 34% мебошад, ки нисбат ба донишҷӯён 4% камтар аст. Ин аз дониши баланди донишҷӯёни дар МТОК аз касбомӯзӣ гузашта шаҳодат медиҳад. Дар давраи муқарраркунанда нишондиҳандаҳо дар гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ пасттар буд.

Мо баҳодиҳии тадбирҳои пешниҳодшударо, ки ба баланд бардоштани самаранокии сифати ҳамкории муассисаи томактабӣ ва оила нигаронида шудаанд, тавассути таҳлили тағйирот дар салоҳияти омӯзгорон ва донишҷӯёни шуъбаи рӯзонаи ихтисоси педагогика ва психологияи таҳсилоти томактабии ДДБ ба номи Носири Хусрав баррасӣ хоҳем кард.

Мутаносибияти дараҷаи ҳамкориҳои байни донишҷӯёну педагогҳо дар давраи назоратии таҳқиқот (дар холҳо). Дар заминаи ахбороти ҳосилшуда маълум шуд, ки дар давраи назоратии таҳқиқот дараҷаи салоҳиятнокии педагогҳои гурӯҳи озмоишӣ ба нишондоди максималӣ наздик аст.

Хуллас, тамоми ашколу барномаи модулии “Муошират бо падару модарон” коркард ва дар раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш қарор гирифт ва дар низоми идора кардани сифатнокии ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиягирандагон ба дигаргунсозиҳои мусбӣ мусоидат намуд.

## Хулосаи боби дуюм

Дар давраи ташкили озмоиш дар бобати идора кардани сифати ҳамкориҳои педагогӣ байни кӯдакистон бо оилаҳои тарбиягирандагон гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ таъсис дода шуд. Ба ин гурӯҳҳо падару модарони тарбиятгирандагони МТТ, маъмурони созмонҳои таълим, педагогу донишҷӯёни МТОК-и омӯзгорӣ дохил гардида буданд.

Дар ибтидои таҳқиқоти хеш байни тамоми субъекҳои ҷараёни таълими МТТ анкетаронӣ кардем ва мувофиқи он вижагиҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

- волидайни кӯдакони тарбиягирандагони МТТ оилаҳоеро ташкил медоданд, ки таркибашон пурра буда, синнусоли миёнаашон 25-30-ро ташкил медод, маълумоташон олӣ, сатҳи молиявиашон миёна, иштирокчиёни маҳфилҳои МТТ ва майлу рағбатҳои гуногундошта буданд. Вале бештари падару модарон намефаҳмиданд, ки майлу рағбат, донишу маҳорату таҷрибаи хешро чӣ тавр дар ҷараёни таълими МТТ ба кор баранд.
- қисми бештари мураббиёни МТТ мутаххасисони баландихтисос, бо ашколи навтарини ҳамкориҳои педагогӣ шинос ва ба ҳамкориҳои педагогӣ бо падару модарони тарбиятгирандагони МТТ омода мебошанд. Вале ин мураббиён дар барқарорсозии муносибати ҳозиразамон бо ин ё он оилаи шогирдони худ ба мушкилот дучор мегарданд, ки он дар аксарияти мавридҳо аз номавҷудияти салоҳиятҳои гуногун шаҳодат медиҳад.

Пурсиши варақагии маъмурияти муассисаи таълимии томактабӣ барои муайян намудани андешаи роҳбарон дар бораи мушкилоти ҳамкории омӯзгорон ва волидони хонандагон равона карда шудааст. Чӣ тавре, ки аён шуд, аксари маъмурон саъй мекунанд, ки аз мушкилотҳои ҷойдошта ба касе чизе нагӯянд. Бештарони роҳбарон дар баъзе ҳолатҳо падару модаронро дар сар задани ихтилофҳои гуногун ташаббускор мешуморанд.

Бо мақсади муқаррарсозии дараҷаи сифатнокии муоширaт дар боби феҳристи коркардашуда истифода гардид.

Бо истифодабарӣ аз ин воситаҳо дараҷаи сифатнокии ҳамкориҳои педагогии мураббиён бо падару модарон мушаххасан арзёбӣ гардид:

- ҳамкориҳо миёни падару модарон дар дараҷаи миёна қарор доранд, сатҳи баландтар дар 30%-и падару модарони гурӯҳи назоратӣ ва 33%-и волидайни гурӯҳи озмоишӣ мушоҳида гардид. Дараҷаи пасттар ҳам вуҷуд дошт. Дар марҳилаи ҳозираи татбиқсозии Стандарти давлатии таълим дар ТТ волидайни кӯдакон субъектони раванди таълимӣ - тарбияввӣ буда, мафҳуми судманд будани ҳамкориҳои педагогиро бояд фаҳманд;

- мураббиёни гурӯҳи озмоишӣ 31%-и дараҷаи баландро соҳиб гардиданд, мураббиёни гурӯҳи назоратӣ 29%-ро. Мутаассифона, нишондиҳандаҳои паст низ мавҷуд аст: дар гурӯҳи озмоишӣ 6%, дар гурӯҳи назоратӣ 11%, ки ин номақбул мебошад. Ин гурӯҳи омӯзгорон зимни бароҳмонии ҳамкориҳои педагогӣ бо волидайни тарбиятгирандагони МТТ мушкилотҳоро аз сар мегузаронанд;

- байни маъмурони кӯдакистон ин душвориҳо ҷой доштанд. Бо вуҷуди он ки сатҳи баланди ҳамкориҳои педагогӣ ба назар расид, дар қиёси умумӣ бо кормандони МТТ ва волидайни кӯдакон (35% дар гурӯҳи назоратӣ ва 38% дар гурӯҳи озмоишӣ) дар баҳодиҳӣ ба дараҷаи ҳамкориҳо (дар 11,59% аз гурӯҳи назоратӣ ва 11,98% аз гурӯҳи озмоишӣ) аҳамияти калон дошт. Яъне, проблемаи ташкил кардани муносибати самаранок зарурат ба баланд бардоштани дараҷаи идора кардани сифати ҳамкориҳоро талаб менамояд.

Кори озмоишию таҷрибавӣ дар чор самт ҷараён ёфт ва ҳар як самт ин ё он гурӯҳи субъектҳои ҷараёни таълиму тарбияро дар назар дошт. Тамоми чорабиниҳои таҳиягардидаю гузаронидаи мо тибқи амсилаи идоранамоии сифати ҳамкориҳо ба беҳгардонии сатҳи сифати ҳамкориҳои педагогӣ байни МТТ ва оилаи тарбиятгирандагони МТТ равона гардидааст.

Баъд аз иҷрои давраи ташаккулдиҳандаи озмоишӣ меъёрӣ сифатнокии ҳамкориҳои педагогиро миёни педагогу падару модарон дар заминаи талаботҳо ба салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия мавриди

таҳлили такрорӣ қарор гирифт. Пажуҳиши номгӯи тафтишот натиҷаи зеринро дод:

